**Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ**

**Муассисаи давлатии «Маркази аккредитатсияи тиббӣ»**

# Стандартҳои аккредитатсия барои Беморхонаҳои бисёрсоҳавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Душанбе 2015**

**ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

Ҷумхурии Тоҷикистон, 734025, ш. Душанбе, к. Шевченко 69. Тел: (992 37) 2 21 18 35, факс: (992 372) 21 75 25

**ФАРМОИШ**

аз «24» 08 с.2015 №745 ш. Душанбе

**Оид ба тасдиқи стандартҳои аккредитатсияи Беморхонаҳои бисёрсоҳавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Бо мақсади оғози татбиқи аккредитатсияи беморхонаҳои бисёрсоҳавӣ Дар доираи татбиқи "Стратегияи миллии солимии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2020", мутобиқи банди 10 Низомномаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, № 148 тасдиқ шудааст,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерин тасдиқ карда шаванд:
а) стандартҳои аккредитатсияи барои Беморхонаҳои бисёрсоҳавӣ қисмати "Идоракунӣ ва менеҷмент" (замимаи 1);
б) стандартҳои аккредитатсияи барои Беморхонаҳои бисёрсоҳавӣ қисмати "Бехатарии клиникӣ" (замимаи 2);
в) стандартҳои аккредитатсияи барои Беморхонаҳои бисёрсоҳавӣ қисмати "Сифати хизматрасонии тиббӣ" (замимаи 3);
г) стандартҳои аккредитатсияи барои Беморхонаҳои бисёрсоҳавӣ қисмати "Пойгоҳи моддию техникӣ ва бехатарии муҳити зист" (замимаи 4);
2. Ба сардори Хадамоти назорати давлатии фаъолияти тиббӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ (Хоҷамуродов Г.М.) ва директори Муассисаи давлатии "Маркази аккредитатсияи тиббӣ" (Қурбонов Ш.М.) супориш дода шавад:
а) нашри санадҳои меъёрии ҳуқуқии мазкурро бо теъдоди зарурӣ дар ҳамкорӣ бо Барномаи тандурустӣ дар Осиёи марказӣ дар Тоҷикистон, GIZ таъмин намуда, дастрас намоянд;
б) риояи талаботу меъёрҳои дар санадҳои мазкур омадаро назорат намоянд;
3. Ба сардорони раёсату шӯъбаҳои дастгоҳи марказии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, раёсатҳои тандурустии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе, менеҷерони сохторҳои госпиталии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ супориш дода шавад:
а) нисбати амалӣ намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии мазкур чораҳои мушаххас андешанд. Мӯҳлат 3 моҳ.

а) оид ба дастрас намудани фармоиши мазкур чораҳои мушаххас андешад. Мӯҳлат доимӣ.

6. Ба инобат гирифта шавад, ки харочоти интишори аввалияи санадҳои меъёрии ҳуқуқии тасдиқгардида аз ҷониби Лоиҳаи кӯмаки техникии Барномаи Иттиҳоди Аврупо оид ба рушди неруи инсонӣ (марҳилаи II) дар Тоҷикистон пардохт карда мешавад.

7. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини вазир А. Одиназода гузошта шавад.

Вазир Н. Олимзода

ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
МИНИСТЕРСТВО ЗДРАВООХРАНЕНИЯ И СОЦИАЛЬНОЙ ЗАЩИТЫ НАСЕЛЕНИЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН
БАРОИ ФАРМОНҲО
ДЛЯ ПРИКАЗОВ

ДУРУСТ

*Замимаи 1*
*ба фармоиши Вазорати тандурустӣ*
*ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии*
*Ҷумҳурии Тоҷикистон*
*аз « 24 » 08 соли 2015*
*№ 745*

**Стандартҳои аккредитатсия барои беморхона**
**Қисми I. «Идоракунӣ ва менеҷмент»**

**Мақоми ҳуқуқӣ, хизматрасониҳои расонидашуда,**
**сохтори ташкилӣ ва талаботҳо ба**
**дастгоҳи идоракунии муассиса**

**Стандарти 1.1.** Мақоми шахси ҳуқуқии муассисаи тандурустӣ ба талаботҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад.

**Талаботҳои стандарт**

1. Дар муассисаи тандурустӣ (минбаъд МТ) маҷмӯи ҳуҷҷатҳои ҳуқуқмуайянкунанда мавҷуд аст (Оиннома/Низомнома, ки аз тарафи муассис тасдиқ гардида, дар мақомоти андоз ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, дорои шаҳодатнома - Оиннома/Низомнома оид ба қайди давлатӣ мебошад).
2. Оиннома/Низомнома ба талаботҳои ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад.
3. Муассис (роҳбари болоӣ) самти фаъолият, принсипҳо/арзишҳо, мақсад, ҳадафҳои стратегӣ ва вазифаи муассисаи тандурустиро, ки дар ҳуҷҷати ҳуқуқмуайянкунадаи МТ (Оинонма/Низомнома) дарҷ гардидааст, муайян мекунад. Мақсад, ҳадафҳои стратегӣ ва вазифаҳои муассиса ба сиёсати тандурустӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошанд, ба ҳамдигар ҳамоҳанганд ва ба сохтор, намуд ва шакли ҳуқуқии ташкилии МТ мувофиқат мекунанд. Муассис (роҳбари болоӣ) ноил гардидани дастовардҳои ҳадафҳои гузошташуда ва татбиқи сиёсати тандурустӣ дар МТ назорат менамояд.
4. Ҳайат ва мизоҷон/ниёзмандон дар бораи принсипҳо/арзишҳо, мақсадҳо, ҳадафҳои стратегӣ ва вазифаҳои МТ воқиф карда шудаанд (маълумоти зарурӣ дар овезаҳо, ба намуди буклет/брошюра, дар сомонаи интернетии МТ ва ҳамчунин ахборот дар ВАО ва ғ.мавҷуд аст).

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт**

1. Мавҷудияти маҷмӯи ҳуҷҷатҳои ҳуқуқмуайянкунанда тибқи талаботҳои стандарт санҷида мешавад.
2. Оиннома/Низомномаи МТ аз рӯи мутобиқати он ба талаботҳои стандарт баҳогузорӣ карда мешавад.
3. Мавҷудияти механизмҳои назорат аз тарафи Муассис (роҳбари болоӣ) ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои гузошташуда ва татбиқи сиёсати тандурустӣ дар муассисаи тандурустӣ баҳогузорӣ карда мешавад.
4. Овезаҳо аз назар гузаронида мешаванд, мазмуни маълумоти сомонаи интернетии МТ омӯхта мешавад, мавҷудияти маводҳои иттилоотӣ (буклетҳо), ахборот дар ВАО санҷида шуда, бо ҳайат ва табобатгирандагон/ниёзмандон ҷиҳати маълумотнокии онҳо оиди мақсадҳо, ҳадафҳои стратегӣ ва вазифаҳои МТ суҳбатҳо гузаронида мешаванд.

**Стандарти 1.2.** Хизматрасонии муассисаи тандурустӣ ба принсипҳо/арзишҳои ахлоқии тиббии қабулгардида ва талаботҳо/дархостҳои аҳолӣ/табобатгирандагон ҷавобгӯй мебошад.

**Талаботҳои стандарт**

1. Муассисаи тандурустӣ дорои ҳуҷҷати таҳиягардида мебошад, ки маҷмӯи меъёрҳои одобу ахлоқӣ (этика) ва принсипҳои рафтори кормандон/ҳайатро ҳангоми амалисозии фаъолияти касбӣ (фармоиши алоқаманди ВТҲИА, «Кодекси ахлоқи касбии корманди тиббӣ»), муайян менамояд.
2. Ҳайат аз меъёрҳо ва принсипҳои одобу ахлоқи (этика) дар МТ муқарраргардида огоҳ буда, ҳангоми амалисозии фаъолияти касбӣ аз онҳо истифода мекунад.
3. Ҳаҷми хизматрасониҳои махсусгардонидашудаи беморхонавӣ дар ҳуҷҷатҳои ҳуқуқмуайянкунадаи МТ (Низомнома/Оиннома) муайян карда шудааст ва ба талабоҳо/дархостҳои аҳолӣ/табобатгирандагон ва сатҳи муассиса ҷавобгӯй мебошад.
4. Маълумот дар бораи меъёрҳо ва принсипҳои одобу ахлоқии муқарраргардидаи кормандон/ҳайат ҳангоми амалисозии фаъолияти касбӣ ва ҳаҷми хизматрасониҳои махсусгардонидашудаи беморхонавӣ барои табобатгирандагон (дар овезаҳо) дастрас мебошад.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

1. Мавҷудияти ҳуҷҷате, ки маҷмӯи меъёрҳо ва принсипҳои одобу ахлоқи (этика) кормандон/ҳайатро ҳангоми амалисозии фаъолияти касбӣ муайян мекунад, санҷида мешавад.
2. Бо ҳайати МТ ҷиҳати маълумотнокии онҳо оид ба меъёрҳо ва принсипҳои одобу ахлоқӣ (этика) ҳангоми хизматрасонии тиббӣ ба ниёзмандон мусоҳиба гузаронида мешавад.
3. Мавҷудияти маълумотҳо оид ба меъёрҳо ва принсипҳои одобу ахлоқи (этика) муқарраргардидаи кормандон/ҳайат ҳангоми амалисозии фаъолияти касбӣ ва ҳаҷми хизматрасониҳои махсусгардонидашудаи беморхонавӣ дар овезаҳои иттилоотӣ аз назар гузаронида мешаванд.
4. Бо табобатгирандагон оид ба қаноатмандии онҳо аз ҳаҷми хизматрасониҳои МТ, риояи меъёрҳо ва принсипҳои одобу ахлоқ (этика) аз тарафи кормандон/ҳайат ҳангоми амалисозии фаъолияти касбӣ анкетакунонӣ /мусоҳиба гузаронида мешавад.

**Стандарти 1.3.** Сохтори ташкилӣ ва сохтори дастгоҳи идоракунӣ барои амалӣ намудани мақсад, ҳадафҳои стратегӣ ва вазифаи муассисаи тандурустӣ мусоидат менамояд.

**Талаботҳои стандарт**

1. Ҳайати зерсохторҳо ба талаботҳои муассисаи тандурустӣ ҷиҳати самаранок татбиқ намудани мақсад, вазифаҳо ва ҳадафҳои стратегии он ҷавобгӯй мебошад.
2. Мансабҳои ҳайати идоракунии мавҷуда аз лиҳози иҷрои вазифаҳо, зарур ва мақсаднок мебошанд.
3. Дар муассисаи тандурустӣ шахсони масъул оид ба масъалаҳои зерин мавҷуданд:

- оид ба идоракунии низоми бехатарӣ ва баланд бардоштани сифати ёрии тиббӣ;
- оид ба менеҷменти молиявӣ;
- оид ба идоракунии низоми иттилоотӣ;

- оид ба идоракунии захираҳои инсонӣ;
- оид ба идоракунии лоҷистикӣ (таъмини бехатарии муҳити зист, назорат ва нигоҳубини таҷҳизотҳо ва асбобу лавозимотҳои тиббӣ, биноҳо ва коммуникатсияҳо, харидорӣ намудан, таъмин намудан, нақлиёт, хизматрасониҳо).

4. Нақшаи тасдиқгардидаи сохтори ташкилӣ ва алоқаҳои корпоративӣ, ки доираи ваколатҳо ва масъулиятҳоро муайян менамояд ва ташкили ҳақиқии корро дар муассисаи тандурустӣ инъикос мекунад, мавҷуд аст.
5. Низоми алоқаи корпоративӣ барои татбиқи самараноки мақсадҳо ва иҷроиши вазифаҳо мусоидат мекунад.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт**

Таҳлил ва баҳодиҳии чунин самтҳо тибқи талаботҳои стандарт гузаронида мешаванд:

1. Басти воҳидҳои кории муассисаи тандурустӣ.
2. Фаслҳои Оинномa, ки дар онҳо қоидаҳо (дастурамалҳо) инъикос гардидаанд:
   - дар бораи сохтори муассиса;
   - дар бораи тартиби идоракунии фаъолият;
   - дар бораи тартиби интихоб, бозхонд, инчунин масъулияти шахсони мансабдор.
3. Нақшаи сохтори ташкилӣ ва алоқаҳои корпоративӣ дар муассисаи тандурустӣ.

**Стандарти 1.4.** Тахассус, салоҳиятнокӣ ва масъулиятнокии роҳбар ва муовинони ӯ барои идоракунии самараноки муассиса мусоидат менамояд.

**Талаботҳои стандарт**

1. Роҳбари МТ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин гардидааст ва ба талаботҳои тахассусии зерин ҷавобгӯй аст:

- маълумоти олӣ (тиббӣ, иқтисодӣ, идоракунии давлатӣ);
- маълумоти иловагии касбӣ аз рӯи ихтисоси «Идоракунии тандурустӣ»/Менеҷменти муассиса», ки бо сертификат тасдик гардидааст;
- собиқаи корӣ дар соҳаи тандурустӣ на кам аз 10 сол;
- собиқаи корӣ дар мансабҳои роҳбарӣ (мудири шуъба, муовини сартабиб ва ғ.) на кам аз 5 сол;

2. Масъулияти роҳбар:

- таҳия ва назорати сиёсати идоракунӣ/менеҷмент дар муассисаи тандурустӣ, ки низоми ягонаи молиявии менеҷмент, идоракунии сифат ва хатар, захираҳои инсонӣ, маълумот, вазифаҳои логистикӣ ва пешбурди дурусти вазифаҳои ҳокимияти иҷроияро таъмин мекунад;
- таҳия ва такмили принсипҳо/арзишҳо, мақсадҳо, ҳадафҳои стратегӣ;
- ташкил ва амалисозии назорати низоми баҳодиҳӣ ва арзёбии татбиқи сиёсат/вазифа, мақсадҳо/ҳадафҳои стратегии МТ;
- пешбинӣ ва таҳлили фаъолияти МТ;
- мукаммал намудани шаклҳо ва усулҳои кори муассиса;
- мукаммал намудани сохтори ташкилию идоракунии МТ;

3. Муовинони роҳбари МТ, сарҳамшира, сардор/нозири шӯъбаи кадрҳо ва сардори бахши хоҷагидорӣ (лоҷистика):

- дорои маълумоти олӣ ё миёнаи махсус, мутобиқ ба мансаби ишғолнамуда;
- тибқи талаботҳои интихоб, ки дар дастурамали мансабӣ муайян гардидаанд, ба воҳиди мансабӣ таъин карда шудаанд;
- дорои сертификати тахассусӣ вобаста бо самти сарпарастӣ дар МТ мебошанд;
- дорои маълумоти иловагии касбии бо сертификат тасдиқшуда оид ба «Идоракунии тандурустӣ»/менеҷменти муассиса» мебошанд.

4. Муовинони роҳбари МТ, масъул оид ба кори ҳамширагӣ, сардор/нозири шӯъбаи кадрҳо ва сардори қисми хоҷагӣ (лоҷистика) ӯҳддоранд ба:
- татбиқи сиёсати идоракунӣ/менеҷмент мутобиқ ба самти сарпарастӣ дар МТ, аз он ҷумла ба ташкил ва фаъолияти мунтазами системаи идоракунии сифат ва хатар, маълумот, вазифаҳои лоҷистикӣ;
- таҳия ва такмили нақшаҳои амалкунанда барои татбиқи сиёсат/миссияҳо, мақсадҳо/вазифаҳои стратегии МТ;
- ташкили системаи мувофиқи баҳодиҳӣ ва мониторинги татбиқи чорабиниҳои банақшагирифташуда, таҳияи усулҳо, тартибҳо ва нишондиҳандаҳои системаи баҳодиҳӣ ва мониторинги татбиқи чорабиниҳои банақшагирифташуда;
- таҳия ва татбиқи барномаҳои омӯзишии дохилисохторӣ барои ҳайати тиббӣ аз рӯи масъалаҳои мубрами сифат ва бехатарӣ, дар асоси дастурамалҳо и клиникии (протоколҳо) тасдиқгардида, стандартҳо, расмиётҳо ва фармоишҳои бо принсипҳои тибби далелнок асосёфта;
- ба сифат ва бехатарии амалисозии таҷрибаи тиббӣ;
- самаранокии кори системаи иттилоотӣ;
- бехатарии муҳити зист;
- таъмини моддию техникӣ ва хизматрасониҳо.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

Барои баҳодиҳӣ ба мутобиқат ба талаботҳои стандарт ҳуҷҷатҳои зерин мавриди омӯзиш қарор дода мешаванд:
- Фармоишҳо оид ба таъинот ба вазифаҳо;
- Ҳуҷҷатҳо оид ба маълумотнокӣ;
- Сертификат оид ба тахассуснокӣ;
- Сертификатҳо оид ба маълумоти касбии иловагӣ аз рӯи «Идоракунии тандурустӣ»/ «Менеҷменти муассиса» роҳбар ва муовинони роҳбари МТ;
- Дастурамалҳои мансабӣ.

### Банақшагирӣ ва ҳисоботдиҳӣ

**Стандарти 1.5.** Банақшагирии фаъолият тибқи мақсад, ҳадафҳои стратегӣ ва вазифаҳои муассисаи тандурустӣ амалӣ карда мешавад.

**Талаботҳои стандарт**

1. Мавҷудияти нақшаи кории солонаи муассисаи тандурустӣ оид ба ташкили хизматрасонии тиббӣ ва нақшаи чорабиниҳо ҳангоми ҳолатҳои фавқулодда (офатҳои табиӣ, осеббардории зиёд, эпидемия, зӯроварии ҷангӣ ва ғ.).
2. Мавҷудияти муқаддима (сарсухан) дар нақшаи кории солона, ки дар он вазифаҳои асосии стартегӣ барои соли оянда, ки аз мақсадҳо ва ҳадафҳои стратегии муассисаи тандурустӣ, барномаҳои миллӣ, сохавӣ ва дигар барномаҳо дар соҳаи тандурустӣ ва натиҷаҳои таҳлили фаъолияти соли гузашта бармеоянд, инъикос гардидааст.
3. Сохтори нақшаи кории солонаи муассиса чорабиниҳои зеринро дар бар мегирад:
- «чорабиниҳои фаврии муайянгардида барои татбиқи ҳадафҳои стратегӣ»;
- «натиҷаҳои чашмдошт аз татбиқи чорабиниҳои банақшагирифташуда»;
- кормандоне, ки барои амалисозии чорабиниҳои банақшагирифташуда масъуланд;
- «муҳлати иҷроиши чорабиниҳои банақшагирифташуда»;
- «мониторинг ва баҳодиҳии иҷроиши чорабиниҳои банақшагирифташуда».
4. Чорабиниҳои банақшагирифташуда бо ҳадафҳои стратегии МТ асоснок гардида, аз рӯи қисматҳои зерин ба тартиб дароварда шудаанд:
- «чорабиниҳои ташкилӣ»;
- «чорабиниҳо оид ба таъмини бехатарӣ/идоракунии хатарҳо»;

- «чорабиниҳо оид ба баландбардории сифат»;
- «кор бо кадрҳо (омӯзиш, баҳодиҳии тайёрии касбӣ/тахассусӣ)»;
- «фаъолияти/менеҷменти молиявию хоҷагидорӣ»;
- «беҳтар намудани пойгоҳи моддию-техникӣ ва бехатарии муҳити зист (сохтмон, таъмир ва хизматрасонии пешгирикунандаи бино, коммуникатсия, техникаи тиббӣ, таҷҳизот, ободонии ҳудуд)»;
- «дигар чорабиниҳо».

5. Нақшаҳои кории солона дар ҷаласаи умумии ҳайати муассисаи тандурустӣ муҳокима карда шуда, ба расмият дароварда шудаанд (аз ҷониби тамоми иҷрокунандагони масъул мувофиқа карда шуда/ба имзо расидаанд, навиштаҷотҳои «Тасдиқ мекунам» ва «Мувофиқа карда шудааст» мавҷуданд).
6. Истифодабарандагони хизматрасонии тиббӣ/ҷомеа дар банақшагирии фаъолияти муассисаи тандурустӣ тавассути робитаҳои берунаи МТ бо ҷамъиятҳои тандурустӣ, ҷамъияти ҳифзи ҳуқуқи беморон ва ғайра, иштирок мекунанд.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт**

Нақшаи умумии фаъолияти солонаи МТ омӯхта мешавад. Мавҷудияти муқаддима, мазмуни он, сохтор ва қисмҳои нақша, барасмиятдарорӣ тибқи талаботҳои стандарт баҳогузорӣ карда мешавад. Илова бар ин, протоколҳои ҷаласаҳои ҳайат (муассисаи тандурустӣ), ки муҳокима намудани нақшаи фаъолияти солонаро тасдиқ менамояд, омӯхта мешаванд.

**Стандарти 1.6.** Мониторинг ва баҳодиҳии татбиқи чорабиниҳои банақшагирифташуда таъмин карда мешавад.

**Талаботҳои стандарт**

1. Роҳбарияти муассиса барои мониторинги мунтазам ва баҳодиҳии татбиқи чорабиниҳои банақшагирифташуда масъул мебошад.
2. Усулҳо, расмиёт ва нишондиҳандаҳои системаи баҳодиҳӣ ва мониторинги татбиқи чорабиниҳои банақшагирифташуда таҳия гардидаанд.
3. Дар нақша қайдҳо дар бораи татбиқи чорабиниҳо, ҳуҷҷатҳои ба расмият даровардашуда, ки иҷроиши чорабиниҳои банақшагирифташударо (фармоиш, супориш, пайнавиштҳои ҷаласаҳо, семинарҳо, конфронсҳо, сабт дар ҳуҷҷатҳои корӣ ва ғ.) собит менамоянд, мавҷуд мебошанд.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт**

Ба омӯзиш ва баҳодиҳӣ фаро гирифта мешаванд:

- усулҳо, расмиёт ва нишондиҳандаҳои системаи баҳодиҳӣ ва мониторинги татбиқи чорабиниҳои банақшагирифташуда;
- нақшаи кории солонаи муассиса барои муайян кардани мавҷудияти қайдҳо оиди иҷроиши чорабиниҳои банақшагирифташуда;
- фармоишҳо, супоришҳо пайнавиштҳои ҷаласаҳо, семинарҳо, конфронсҳо, ҳуҷҷатҳои корие, ки татбиқи чорабиниҳои банақшагирифташударо тасдиқ менамоянд.

**Стандарти 1.7.** Таҳлили фаъолияти муассисаи тандурустӣ таъмин карда мешавад.

**Талаботи стандарт.**

1. Роҳбарият барои таҳияи ҳисоботи солонаи фаъолияти МТ бо таҳлили нишондиҳандаҳои оморӣ ва сифати фаъолият масъул аст, бо инъикоси:
   - иҷроиши чорабиниҳои ба нақшагирифташуда;
   - ноил гаштан ба натиҷаҳои чашмдошт;
   - риоя намудани мӯҳлатҳои банақшагирифташуда;
   - чорабиниҳои амалӣ нагардида;

• ошкор намудани мушкилотҳои мавҷуда дар самти сифат ва бехатарии сифати хизматрасонӣ;

• муайян намудани чораҳои минбаъда барои ҳалли мушкилоти мавҷуда.

2. Ҳисобот бо таҳлили фаъолият дар маҷлиси умумии кормандони МТ муҳокима карда шудааст.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

Мавҷудияти ҳисобот оид ба фаъолияти муассисаи тандурустӣ санҷида мешавад. Сифати таҳлил дар ҳисоботи солонаи муассисаи тандурустӣ ва зерсохторҳои он тибқи талаботҳои стандарт омӯхта ва баҳогузорӣ карда мешавад.

Илова бар ин, пайнавишти маҷлис, ки дар он ҳисоботи фаъолияти муассиса муҳокима карда шудааст, омӯхта мешавад. Мазмуни баромади иштироккунандагон ва пешниҳодоти манзургардида, дурустии қарорҳои қабулгардида барои беҳтар намудани фаъолияти муассиса баҳогузорӣ карда мешавад.

**Идоракунии маблағгузорӣ**

**Стандарти 1.8.** Тахассуси роҳбари бахши молиявию иқтисодӣ ва ташкили системаи менеҷменти молиявӣ ба татбиқи мақсадҳо, ҳадафҳо ва вазифаҳои муассисаи тандурустӣ мусоидат мекунад.

**Талаботҳои стандарт.**

1. Роҳбари бахши молиявию иқтисодӣ/сармуҳосиби МТ дорои маълумот, таҷриба ва тахассуси ба меъёрҳои мувофиқи интихоб ба басти вазифавӣ мебошад, ки дар дастурамали вазифавӣ муайян гардидаанд.
2. Роҳбари бахши молиявию иқтисодӣ/сармуҳосиб ба татбиқи сиёсати менеҷменти молиявӣ ва ҷорӣ намудани бақайдгирии муҳосибавӣ мутобиқ ба ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ масъул мебошад.
3. Аз тарафи кормандони бахши молиявию иқтисодии МТ пешбинии талаботҳои молиявӣ ва хатарҳои эҳтимолӣ, банақшагирӣ (аз он ҷумла, таҳияи чорабиниҳо/амалҳо ҳангоми ҳолатҳои фавқулодда/татбиқи хатарҳои молиявӣ), омода намудани ҳисобот бо таҳлил оид ба фаъолияти молиявии МТ, ташаккули буҷет тибқи хизматрасониҳо аз ҷониби МТ амалӣ карда мешаванд.

Буҷети солона тибқи арзиши хароҷотҳои чорабиниҳои банақшагирифташуда тартиб дода шудааст ва захираҳои лозимиро барои татбиқи ҳама чорабиниҳои банақшагирифташудаи МТ ба инобат гирифтааст. Самаранокии иқтисодии хароҷотҳо аз рӯи натиҷаҳои таҳлили фаъолияти молиявии МТ барои соли гузашта ба инобат гирифта шудааст.

Дар қисмати хароҷотии буҷети МТ тибқи талаботҳои аслӣ маблағҳо барои таъмини бехатарӣ ва беҳтарнамоии муттасили сифати хизматрасаонии тиббӣ, пешбинӣ гардидааст, аз он ҷумла ба:

• харидории доруворӣ;

• хариди воситаҳои муҳофизати фардӣ барои кормандон ва беморон;

• хариди таҷҳизот ва маводҳо барои безараргардонӣ ва тамйизгардонӣ;

• харидории собун, молҳои шустушӯй, антисептикҳо ва маснуот барои риояи гигиена ва шустани дастони кормандон;

• харидории эмдору барои эмкунии кормандон зидди гепатити вирусии «В»;

• чорабиниҳои оид ба несту нобуд кардани партовҳои тиббӣ;

• таълими иловагии тахассусии кормандон (такмили ихтисос, ихтисосгирӣ);

• дастрас намудани асбобу анҷоми муассиса ва молҳои таъиноти тиббӣ (таҷҳизот, дастгоҳҳо, асбобҳо, маҷмӯи лавозимоти тиббӣ, асбобу анҷомҳо, маснуот ва молҳои истифодаи яккарата, маводҳо барои нигоҳубини беморон);
• гузаронидани тадқиқотҳои илмӣ ва воридсозии онҳо дар амал;
• таъмир ва хизматрасонии профилактикии биноҳо, сохтмонҳо, системаи коммуникатсионӣ, асбобу анҷом ва молҳои таъиноти тиббӣ;
• санҷиши восиатҳои ченкунӣ;
• гузаштани аккредитатсия (дар панҷ сол як маротиба);

4. Истифодаи сарфакоронаи маблағҳо тавассути таҳлили фаъолияти молиявии ташкилот, санҷишҳои аудитӣ, ҳисобот дар назди ҳайати МТ оиди иҷроиши буҷет санҷиш ва баҳогузорӣ карда мешавад.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

Барои баҳодиҳии иҷроиши талаботҳои стандарт омӯхта мешаванд:
• дастурамали вазифавии роҳбари бахши молиявию иқтисодӣ/сармуҳосиб;
• ҳуҷҷатҳо оид ба пешбинии талаботҳои молиявӣ ва эҳтимолияти хатарҳо дар соли ҷорӣ;
• нақшаи кории бахши молиявию иқтисодӣ дар соли ҷорӣ;
• ҳисобот бо таҳлили фаъолияти молиявии муассиса дар соли гузашта;
• сметаи даромад ва хароҷот аз рӯи сарчашмаҳои маблағгузорӣ дар соли ҷорӣ;
• баҳисобгирии арзиши хароҷоти чорабиниҳои банақшагирифташуда дар соли ҷорӣ;
• таҳлили фаъолияти молиявӣ;
• ҳуҷҷатҳо оид ба натиҷаҳои санҷишҳои аудитӣ;
• пайнавиштҳои ҷаласаҳои кормандон, ки ба ҳисоботи бахши молиявию иқтисодӣ оид ба иҷроиши буҷет тааллуқ доранд.

**Стандарти 1.9.** Баҳисобгирии мунтазам ва санҷиши самаранокии истифодаи маводҳои арзишнок гузаронида мешавад.

**Талаботҳои стандарт.**

1. Дар муассисаи тандурустӣ баҳисобгирӣ гузаронида мешавад:
• ҳангоми додани амвол ба иҷора, харид ва фурӯш;
• пеш аз тартиб додани ҳисоботи солонаи муҳосибӣ;
• ҳангоми иваз намудани шахсони масъули молиявӣ дар рӯзи доду гирифти ҳуҷҷатҳо;
• ҳангоми ошкор намудани ҳолатҳои дуздӣ, сӯиистеъмол ё вайрон шудани амвол;
• ҳангоми офатҳои табиӣ, сӯхтор ё дигар ҳолатҳои фавқулоддаи ғайричашмдошт;
2. Мавҷудияти фармоишҳои роҳбарият оид ба гузаронидани баҳисобгирии амвол, ки тавассути онҳо ҳайати комиссияи баҳисобгирӣ, номгӯи амволи баҳисобгирифташуда ва санаи гузаронидан муқаррар карда шудааст.
3. Санад оид ба гузаронидани баҳисобгирии амвол ва ӯҳдадориҳо мавҷуданд, ки мавҷудият ва ҳолати онҳо дар рафти он санҷида, бо ҳуҷҷат тасдиқ карда шудаанд.
4. Фармоиш дар бораи натиҷаи баҳисобгирӣ ҳангоми ошкор гардидани норасогиҳои амвол, ки ҳангоми гузаронидани баҳисобгирӣ муайян карда шудааст, мавҷуд аст.
5. Шартномаҳо бо кормандони сохторҳои зертобеъ оид ба масъулияти молиявӣ мавҷуданд.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

Бо мақсади муайян намудани мутобиқат ба талаботҳои стандарт ҳуҷҷатҳои зерин мавриди омӯзиш ва баҳогузорӣ қарор дода мешаванд:
• фармоишҳои роҳбарият дар бораи гузаронидани баҳисобгирии амвол;

• санад (ҳо)-и баҳисобгирии амвол;
• фармоиш оид ба натиҷаи баҳисобгирии гузаронидашуда;
• шартномаҳо оид ба масъулияти молиявии кормандон.

**Идоракунии захираҳои инсонӣ**

**Стандарти 1.10.** Дар муассисаи тандурустӣ барои ҳама бастҳои вазифавӣ дастурумали ӯҳдадориҳои вазифавӣ таҳия карда шудаанд.

**Талаботҳои стандарт.**

Дар МТ барои ҳама бастҳои вазифавӣ дастурумали ӯҳдадориҳои вазифавӣ таҳия карда шудаанд ва онҳо иборатанд аз:
• номгӯи басти вазифавӣ;
• талаботҳои қабули мутахассис ба басти вазифавӣ (маълумоти дипломӣ ва баъдидипломӣ, таҷрибаи корӣ, тахассус/мавҷудияти сертификат оид ба азхудкунии дараҷанокии тахассусӣ, малакаҳои амалӣ ва ғ.);
• ӯҳдадориҳои мутахассис;
• нақшаи тобеият ва ҳисоботдиҳӣ.

Дастурамалҳои вазифавӣ атрибутҳои шаклсозиро доранд (бо кумитаи иттифоқи касаба мувофиқа карда шуда, аз тарафи роҳбарияти муассиса тасдиқ карда шудаанд) ва дар шӯъбаи кадрҳо мутамарказонида нигоҳ дошта мешаванд.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

Мавҷудияти дастурумали ӯҳдадориҳои вазифавӣ барои ҳар як вазифа дар шӯъбаи кадрҳо санҷида мешавад, мутобиқати онҳо ба талаботҳои стандартҳо баҳогузорӣ карда мешавад.

**Стандарти 1.11.** Муассисаи тандурустӣ бо шумораи зарурии кормандони тибби босалоҳият ва баландихтисоси ба талаботҳои вазифавӣ мувофиқ барои хизматрасонии тиббӣ дар ҳаҷм ва сифатии зарурӣ таъмин мебошад.

**Талаботҳои стандарт.**

1. Ҷадвали басти кории тасдиқгардидаи муассисаи тандурустӣ тибқи ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи тандурустӣ таҳия гардида, ташаккули сохтори касбии воҳидҳои кории муассисаи тандурустиро таъмин менамояд, бо мақсади:
   - пешниҳоди хизматрасонии тиббӣ дар ҳаҷм ва сифати зарурӣ;
   - қаноатмандии эҳтиёҷоти аҳолӣ/беморон.
2. Дар ҷадвали бастҳои кории муассисаи тандурустӣ шумораи зарурии воҳидҳои кории ҳайати кормандони тиб, ёрирасон ва техникӣ вобаста ба меъёрҳои воҳидҳои кории барои муассисаҳои соҳаи тандурустӣ муқарраргардида пешбинӣ гардидааст (тибқи меъёрҳои дар дастурамали вазифавии барои бастҳои вазифавӣ муқаррар гардида).
3. На кам аз 60%-и ҳайати кормандони тиб дорои шаҳодатномаи дараҷаи тахассусӣ мебошанд, ки сатҳи зарурии салоҳиятнокӣ/ихтисоснокии (таҷриба, дониш, малакаи амалӣ) онҳоро барои амалисозии амалияи тиббӣ тасдиқ менамояд.
4. Сатҳи таъминнотнокии (таносуби шахсони воқеӣ ба воҳидҳои кории мавҷуда) ҳайати тиббӣ, ёрирасон ва техникии муассисаи тандурустӣ на кам аз 75%-ро ташкил медиҳад. Коэффисиенти ҳамкор (таносуби шумораи вазифаҳои бандбуда ба шумораи шахсони воқеӣ) барои кормандони муассиса аз 1,25 зиёд нест.

5. Директор, роҳбари бахши молиявию иқтисодӣ/сармуҳосиб, сардори/нозири шӯъбаи кадрҳо барои таҳияи ҷадвали бастҳо ва таъминотнокии муассиса бо мутахассисони босалоҳият ва тахассусноки ба талаботҳои вазифавӣ мутобиқ (барои расонидани хизматрасонии тиббӣ дар ҳаҷм ва сифати зарурӣ), масъул мебошанд.
6. Дар МТ механизми баҳодиҳии сатҳи тахассуснокии кормандони тиб, тибқи талаботҳои муқарраргардида барои ишғол намудани вазифаҳои бастҳои муайян (атестатсия, баҳодиҳӣ аз рӯи меъёрҳои интихоби муқарраргардида дар дастурамали вазифавӣ ба ҳар як вазифаи бастӣ) мавҷуд аст.
7. Нисбати шахсони ба меъёрҳо номутобиқ аз рӯи натиҷаҳои баҳодиҳӣ чораҳо (озод намудан аз вазифаи ишғолнамудааш, ба омӯзиш равон намудан, ба кори дигар гузаронидан) андешида мешавад.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

1. Баҳодиҳии ҷадвали бастҳо аз рӯи мувофиқ будан барои хизматрасонӣ дар ҳаҷм ва сифати зарурӣ.
2. Фоизи таъминотнокӣ бо кормандон ва коэффитсиенти фаъоляти кормандон ҳамчун ҳамкор дар МТ ҳисоб карда мешавад,
3. Фоизи кормандоне, ки дорои шаҳодатномаи тахассусӣ мебошанд, ҳисоб карда мешавад.
4. Санҷиши делоҳои шахсӣ, дастурамалҳои вазифавӣ ва рӯйхати кормандони МТ гузаронида мешавад. Мутобиқати тахассуснокии кормандон тибқи меъёрҳои дар дастурамали вазифавӣ муайянгардида баҳогузорӣ карда мешавад.
5. Дар ҳисоботи шӯъбаи кадрҳо мавҷудияти баҳодиҳии мутобиқати кормандони тиб ба меъёрҳои интихоб ба бастҳои вазифавӣ, ки дар дастурамали вазифавӣ муқаррар гардидааст, санҷида мешавад.
6. Дурустии қарорҳои қабулгардида оид ба натиҷаҳои баҳодиҳии мутобиқати кормандони тиб, баҳогузорӣ карда мешавад.

**Стандарти 1.12.** Сиёсати мунтазам баланд бардоштани дараҷаи тахассуси ҳайати кормандони тиб татбиқ карда мешавад.

**Талаботҳои стандарт.**

1. Гузаштани кормандон аз давраҳои баъдидипломии такмилӣ ихтисос/тахассуснокӣ, аз он ҷумла кормандоне, ки дар таҷҳизоти махсусгардонидашуда фаъолият мекунанд (на кам аз як маротиба дар 5 сол, давомнокиаш на кам аз 150 соати дарсӣ, ё ки баланд бародоштани дараҷаи ихтисос дар якчанд давраҳо ва семинарҳои иловагии таҳсилоти касбӣ дар давоми 5 сол давомнокии умумиаш на кам аз 150 соати дарсӣ). Дар шӯъбаи кадрҳои МТ мониторинги доимӣ ва таҳлили гузаштан аз давраҳои омӯзишии баъдидипломии такмили ихтисисос, бо мақсади муайян намудани рӯйхати солонаи шахсони ба такмили ихтисос эҳтиёҷманд ва тартиб додани нақшаи иловагии таҳсилоти касбии кормандони МТ, гузаронида мешаванд. Гузаштани кормандон аз давраҳои такмили ихтисоси баъдидипломӣ бо ҳуҷҷат тасдиқ гардидааст – мавҷудияти сертификат.
2. Мавҷудияти барномаҳои таълимии дохилиидоравии мутаасил барои кормандони тиб оид ба масъалаҳои мубрами сифат ва бехатарӣ, аз рӯи дастурамалҳои клиникии тасдиқгардида (протоколҳо), стандартҳо, амалҳо ва фармоишҳое, ки ба

принсипҳои тибби далелнок асос ёфтаанд. Дарсҳо на кам аз мавзӯҳои зерин иборатанд:

• бехатарии клиникӣ, бо назардошти назорати сироятӣ ва бехатарии истифодаи техникаи тиббӣ ва таҷҳизот;

• бехатарии муҳити зист;

• ҳолатҳои бетаъхир (таъҷилӣ), ёрии аввал.

• чорабиниҳои наҷотдиҳӣ;

• ҳуқуқи беморон/истифодабарандагони хизматрасонии тиббӣ.

Омӯзиш дар намуди гузаронидани конфронсҳо, давраҳои омӯзишӣ ва семинарҳо ба роҳ монда мешавад. Тестҳо барои баҳодиҳии дониш то омӯзиш ва баҳодиҳии самаранокии омӯзиш (пеш- ва баъд аз омӯзиш тесткунонӣ) таҳия гардидаанд.

**Баҳодиии иҷроиши стандарт.**

1. Дар шӯъбаи кадрҳои муассисаи тандурустӣ баҳогузорӣ карда мешаванд:

• рӯйхати ҳайати кормандон;

• нақшаи солонаи омӯзиши иловагии (баъдидипломии) тахассусии ҳайати кормандон;

• делоҳои шахсии кормандон оид ба саривақт гузаштан аз такмили ихтисос аз рӯи ихтисосҳои тиббӣ.

2. Барномаҳои таълимӣ барои табибон ва кормандони миёнаи тиб, ки аз рӯи мутобиқ будани мавзӯи дарсҳо ба талаботҳои стандарт баҳогузорӣ карда мешавад. Гайр аз ин пайнавишҳои гузаронидани давраҳои омӯзишӣ ва натиҷаи тескунонӣ омухта мешавад.

**Стандарти 1.13**. Шартномаи меҳнатӣ ва коллективӣ байни корфармо ва кормандон ба ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба меҳнатмутобиқ мебошанд.

**Талаботҳои стандарт.**

1. Муносибатҳои меҳнатии тамоми кормандон дар МТ тавассути шартномаҳои меҳнатӣ ба танзим дароварда мешаванд. Шартномаҳои меҳнатӣ дар асоси принсипи муносибатҳои шарикии байни корфармо ва кормондон баста шудаанд ва талаботҳои асосии моддаҳои 30-31 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар мегиранд. Шартномаҳои меҳнатӣ ҳатман талаботҳоро оид ба ӯҳдадориҳо ва масъулитяти корфармо дар самти таъмини бехатарӣ дар муассисаи тандурустӣ, ҳифз ва гигиенаи меҳнат, дар бар мегирад.
2. Шартномаи коллективӣ дар асоси принсипҳои Кодекси меҳнати ҶТ баста шудааст. Шартномаи коллективӣ талаботҳои асосии моддаҳои 23-25 кодекси меҳнати ҶТ, инчунин, талаботҳоро оид ба таъмини шароити солим ва бехатари меҳнат, беҳтар намудани ҳифзи саломатӣ ва муҳити зистро дар бар мегирад.
3. Татбиқи талаботҳои шартномаи коллективӣ дар ҷаласаҳои ҳайати кормандон баррасӣ ва муҳокима карда мешаванд (пайнавиштҳо бо қарори ҷаласа мавҷуд аст).

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

1. Мавҷудияти шартномаҳои меҳнатии басташудаи муассисаи тандурустӣ бо кормандон санҷида мешавад ва мутобиқати онҳо ба боби 4 (моддаҳои 26-59) Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳогузорӣ карда мешавад.
2. Мавҷудияти шартномаи коллективӣ санҷида шуда, мутобиқати талаботҳои он бо боби 3 (моддаҳои 23-25) Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳодиҳӣ карда мешавад.
3. Мавҷудияти пайнавиштҳои ҷаласаҳои ҳайати кормандон оид ба баррасӣ ва муҳокимаи татбиқи талаботҳои шартномаи коллективӣ санҷида мешавад.

**Стандарти 1.14.** Парвандаҳои (делоҳои) шахсии ҳайати кормандон тибқи тартиботи муқарраргардида тартиб дода шуда, нигоҳ дошта мешаванд.

**Талаботҳои стандарт**

Делоҳои шахсии ҳайати кормандон дар ҳуҷраи шуъбаи кадрҳо дар сейфҳо, ҷевонҳои қулфшаванда нигоҳ дошта мешаванд ва барои шахсони бегона дастнорасанд. Тартибдиҳии делоҳои шахсии кормандон ба талаботи фармоиши Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон №416, аз 22.06.2009 «Оиди тасдиқ намудани Дастурамали коргузории ВТ ҶТ» мутобиқат мекунад. Делои шахсии ҳар як корманд иборат аст аз: рӯйхати дохилии ҳуҷҷатҳо, ариза дар бораи ба кор қабул кардан, варақаи шахсии бақайдгирии кадрҳо, тарҷумаи ҳол, нусхаҳои ҳуҷҷатҳо дар бораи маълумот (диплом, ҳуҷҷатҳо оид ба гузаштани ординатура ва интернатура, бозомузии аввалия, такмили ихтисос), нусха аз фармоишҳо оид ба аз кор ба кор гузаштан, аз кор озод шудан ва дафтарчаи меҳнатӣ.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт**

Дурустии нигоҳ доштани делоҳои шахсии ҳайати кормандон дар шӯъбаи кадрҳо (дар сейфҳо ё ҷевонҳои қулфшаванда) санҷида мешавад. Делоҳои шахсии ҳайати табибон, кормандони миёнаи тиб ва ғайра бо мақсади мутобиқати онҳо ба талаботи фармоиши Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оиди тасдиқ намудани Дастурамали коргузории ВТ ҲИА ҶТ» аз рӯи мавҷудияти ҳуҷҷатҳои зарурӣ интихобан санҷида мешаванд.

**Идоракунии маълумот**

**Стандарти 1.15.** Ҳайати кормандони муассисаи тандурустӣ ба маълумотҳои зарурӣ дастрасӣ дорад.

**Талаботҳои стандарт**

1. Дар МТ/сохторҳои зертобеъ маҷмӯи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ (ба ҳайати кормандон дастрас), ки фаъолияти касбиро ба танзим медароранд, дар шакли электронӣ ва ё дар шакли воситаҳои коғазии маълумотдор мавҷуданд, аз он ҷумла:
- Қонунҳо (қонунгузории умумӣ ва оид ба масъалаҳои ҳифзи солимӣ);
- Барномаҳои миллӣ ва соҳавӣ оид ба масъалаҳои ҳифзи солимӣ;
- Фармоишҳо ва дастурҳои ВТ ва ҲИА, ки фаъолияти МТ-ро дар самти бехатарӣ ва сифати хизматрасонии тиббӣ ба танзим медароранд.
- Дастурамалҳои клиникӣ ва протоколҳо, ки ба принсипҳои тибби далелнок асос ёфтаанд, ҳамчунин, дастурамалҳо ва протоколҳо оид ба бемориҳои ҳамрадиф.
2. Механизми мунтазами такмилёбии (аз фаъолият гирифтани санадҳои меъёрии ҳуқуқии эътиборашонро гумкарда ва ба маҷмӯи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ илова намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии нав қабул ва тасдиқшуда) маҷмӯи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мавҷуд аст.
3. Интернет барои кормандони муассиса (барои МТ воқеъ дар шаҳрҳо ҳатмист) дастрас аст.
4. МТ таъмини маълумотро оид ба фаъолияти ҷории ҳайати кормандон амалӣ менамояд. Механизмҳои шафоф ва самараноки алоқа барои гузаронидани маълумот дар муассиса (зерсохтор) мавҷуд мебошанд, ки иборатанд аз:
- лавҳаҳои эълонҳо (овезаҳои иттилоотӣ) барои эълонҳо;
- маҷлисҳои ҳарруза;
- маҷлисҳои истеҳсолӣ.

Маълумот дар тахтаи эълонҳо (овезаҳои иттилоотӣ) барои ҳайат мунтазам нав карда мешавад. Маҷлисҳо мунтазам на кам аз як маротиба дар як ҳафта гузаронида мешаванд. Рӯзномаҳои маҷлисҳои истеҳсолӣ ба ҳалли масъалаҳои мубрам равона карда шудаанд.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт**

1. Мавҷудияти номгӯи амалкунанда ва маҷмӯи ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ тибқи талаботҳои стандарт ва дастрасии он ба ҳайати кормандон санҷида мешавад.
2. Мавҷудияти механизми таҳияи мунтазами маҷмӯи ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ санҷида мешавад (пурсиши шахсони масъул).
3. Дастрасии интернет ба кормандони муассиса санҷида мешавад.
4. Мавҷудияти механизми алоқаҳо барои додани маълумот дар муассиса тавассути назорати овезаҳои эълонҳо (овезаҳои иттилоотӣ) барои ҳайти кормандон санҷида шуда, муҳимияти маълумот дар овезаҳо баҳогузорӣ карда мешавад. Дафтарҳои қайди протоколҳои маҷлсиҳо, аз ҷумла маҷлисҳои истеҳсолӣ аз назар гузаронида мешаванд, мунтазамияти гузаронида шудани онҳо ва муҳимияти рӯзномаҳои маҷлисҳои истеҳсолӣ баҳогузорӣ карда мешавад. Ҳайати кормандон вобаста ба механизмҳои алоқа пурсида мешаванд, маҳсулнокии онҳо баҳогузорӣ карда мешавад.

**Стандарти 1.16.** Феҳристи умумии ҳуҷҷатҳо тартиб дода шудааст.

**Талаботҳои стандарт**

Феҳристи умумии ҳуҷҷатҳо барои тамоми муасссисаи тандурустӣ (дар назди коргузор) мавҷуд аст, ки дар он қисмҳои ҳамаи сохторҳои зертобеъ, комиссияҳо (мисол: Комиссия оид ба сифат ва бехатарии ёрии тиббӣ) пешниҳод гардидааст. Тамоми ҳуҷҷатҳои дар феҳрист овардашуда мавҷуданд. Феҳристи якҷояи ҳуҷҷатҳо ба фармоиши Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оиди тасдиқ намудани Дастурамали коргузории ВТ ҶТ» мутобиқат мекунад.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт**

Мавҷудияти феҳристи ҷамъбастии ҳуҷҷатҳо санҷида шуда, мутобиқати онҳо бо талаботи стандарт баҳогузорӣ карда мешавад.

**Стандарти 1.17.** Системаи бақайдгирӣ ва индексзунонии ҳуҷҷатҳои воридотӣ ва содиротӣ мавҷуд аст.

**Талаботи стандарт**

Тамоми ҳуҷҷатҳои воридотӣ ва содиротӣ, ки бақайдгирӣ, иҷроиш ва истифодаро талаб менамоянд, ба қайд гирифта шудаанд (қайди тартиб додан ё ворид гардидани ҳуҷҷат тавассути дар он гузоштани индекс ва қайди маълумотҳои зарурӣ дар дафтарҳои қайди ҳуҷҷатҳои воридотӣ ва содиротӣ). Индексунонии ҳуҷҷатҳо (ба ҳуҷҷат додани маънои шартӣ ва рақамти тартибӣ дар асоси феҳрести ҳуҷҷатҳо) ва пешбурди дафтарҳои бақайдгирии ҳуҷҷатҳои воридотӣ ва содиротӣ дуруст ба роҳ монда шудааст. Дафтарҳои бақайдгирии ҳуҷҷатҳои воридотӣ ва содиротӣ бояд рақамгузорӣ карда шуда, дӯхта шуда ва бо мӯҳр тасдиқ карда шуда бошанд.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт**

Мавҷудияти шакл – дафтарҳои қайди ҳуҷҷатҳои воридотӣ ва содиротӣ санҷида мешавад. Илова бар ин, таркиби ҳатмии реквизитҳои сутунҳои дафтарҳои қайди ҳуҷҷатҳои воридотӣ ва содиротӣ тибқи талаботҳои фармоиши Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон №416, аз 22.06.2009 «Оиди тасдиқ намудани Дастурамали коргузории ВТ ҶТ», дурустии тартиб додан ва пур кардани онҳо санҷида мешавад. Ҳамчунин, дурустии индексунонии ҳуҷҷатҳо ва тартиб додани дафтарҳои қайди ҳуҷҷатҳои воридотӣ ва содиротӣ санҷида мешавад.

**Стандарти 1.18.** Делоҳои тайёршуда ва кортҳои тиббии беморони ҷавобдодашуда дуруст тартиб дода шудаанд ва тибқи тартиботи муқарраргардида нигоҳ дошта мешаванд.

**Талаботҳои стандарт**

Делоҳои тайёршуда ва кортҳои беморон (ҷавобдодашуда, фавтида) дар ҷойҳои махсуси ҷудонамуда (бойгонии муассиса) нигоҳ дошта мешаванд. Делоҳо барои нигоҳдорӣ дар бойгонӣ дуруст тартиб дода шудаанд (тибқи талаботи фармоиши Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон №416, аз 22.06.2009 «Оиди тасдиқ намудани Дастурамали коргузории ВТ ҶТ»). Низомнома дар бораи бойгонӣ мавҷуд аст, ки ташкили кори бойгониро ба тартиб медарорад. Бинои бойгонӣ дар ҳолати хуби техникӣ қарор дорад, бо системаи табии ҳавотозакунӣ, рафҳо (ҷевонҳо), воситаҳои оташхомӯшкунӣ, системаи муҳофизат аз дуздӣ (панҷараҳо) таъмин аст. Ҳуҷҷатҳои ба бойгонӣ супоридашуда ба танзим даровarda шудаанд, дастрас ва аз вайроншавӣ эминанд (намнокӣ нест). Шахсони масъул барои ташкили кори бойгонӣ ва нигаҳдории ҳуҷҷатҳои дар он мавҷуда таъин карда шудаанд. Коргузорӣ дар бойгонӣ ба талаботҳои Қонуни ҶТ «Оид ба Хазинаи миллии бойгонӣ ва муассисаҳои бойгонӣ» ва фармони Сарраёсати бойгонии назди Ҳукумати ҶТ аз 25.12.09, №42 «Асосҳои қоидаи кори бойгониҳои идоравии ҶТ» мувофиқат мекунад.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт**

Воҳиди корӣ ва шахси воқеӣ, ки барои ташкили кори бойгонӣ масъул аст, Низомнома дар бораи бойгонӣ санҷида мешавад. Бинои бойгонӣ аз назар гузаронида шуда, ҳолати техникии бойгонӣ, таҷҳизотҳои он, мавҷудияти системаи ҳавотозакунӣ, воситаҳои оташхомӯшкунӣ ва муҳофизат аз дуздӣ баҳогузорӣ карда мешавад. Илова бар ин, дурустии тартиб додани делоҳо ва пурраги онҳо барои нигоҳдорӣ дар бойгонӣ ва шароитҳои нигоҳдории ҳуҷҷатҳо тибқи талаботҳои стандарт баҳогузорӣ карда мешаванд. Дурустии тартиб додани делоҳо барои нигоҳдорӣ дар бойгонӣ, мавҷудияти системакунонии делоҳо дар бойгонӣ ва мутобиқати ҳуҷҷатгузорӣ дар доираи Қонуни ҶТ «Оид ба Хазинаи миллии бойгонӣ ва муассисаҳои бойгонӣ» ва фармоиши Хазинаи миллии бойгонӣ «Оид ба Хазинаи миллии бойгонии ҶТ» баҳогузорӣ карда мешавад.

**Стандарти 1.19.** Пешбурди ҳисоботдиҳии омории тасдиқгардида таъмин карда мешавад.

**Талаботҳои стандарт**

1. Муовини директор оид ба корҳои ташкилию-методӣ ва ё дигар шахси расман таъингардида масъул аст ва назоратро аз рӯи:

- коркард ва ҳисоботдиҳии оморӣ (оиди беморшавии аҳолӣ тавассути талони омории ташхисҳои ниҳоӣ-шакли № 112-2 ва оиди фаъолияти беморхонаҳо тавассути картаи омории аз беморхона ҷавобшуда-шакли № 066) бо истифода аз Барномаи компютерии DHIS2 аз рӯи шаклҳои ҳисоботи омори соҳавӣ ва давлатӣ, ки бо фармоиши Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон № 54 аз 11.11.2013 (шаклҳои омори давлатӣ) ва фармоиши Вазорати танлдурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон № 655 аз 12.11.2013 (шаклҳои омори соҳавӣ) тасдиқ гардидаанд;
- бақайдгирии навзодон (ҷамъоварии системакунонидашуда, нигоҳдорӣ ва пешниҳоди фаврии маълумотҳои муқоисавӣ оиди навзодон ва модарони онҳо) тибқи фармоиши ВТ ҶТ № 202 аз 28.04.2008 барои таъмини маълумоти дуруст оиди вазъи солимии модарон ва навзодон ва сифати хизматрасонӣ ба онҳо, таъмин мекунад.

2. Таҷҳизоти компютерӣ мавҷуд аст. Алоқаи мутаасили телефонӣ ва интернет таъмин карда шудааст. Таъминоти барномавӣ барои ворид намудани ҳисоботдиҳии оморӣ (DHIS2) ва бақайдгирии навзодон таъмин карда шудааст. Дар МТ воҳид(ҳо) - и бастӣ барои бурдани ҳисоботдиҳии оморӣ ва бақайдгирии навзодон мавҷуд аст, ки бо мутахассиси дорои малакаи корӣ дар компютер ва бо шакли ҳисоботдиҳии оморӣ ва бақайдгирии навзодон омӯзонида шудааст. МТ саҳеҳияти ҳисоботи оморӣ, мунтазам бақайдгирии навзодон ва дастрасии маълумотро ба махзани маълумоти

Маркази вилоятии омор ва иттилооти тиббӣ ва мақомоти маҳалии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ таъмин менамояд.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт**

Мавҷудияти ҳисоботдиҳии оморӣ аз рӯи шаклҳои тасдиқгардида ва аз рӯи бақайдгирии навзодон санҷида мешавад. Мавҷудияти техникаи компютерӣ ва таъмини он бо барномаи ҳисоботдиҳии оморӣ ва бақайдгирии навзодон, воҳид(ҳо)и бастӣ ва мутахассисони омӯзонидашуда барои ворид намудани маълумот ва бақайдгирии навзодон санҷида мешавад. Мунтазамӣ ва пуррагии ворид намудани маълумот ба махзани қайди навзодон, тавассути тафтиши махзани маълумоти қайди навзодон, баҳодиҳӣ карда мешавад. Саҳеҳияти ҳисоботдиҳии оморӣ тавассути муқоисаи он бо маълумотҳои бақайдгирии навзодон баҳодиҳӣ карда мешавад.

*Эзоҳ: стандарт аз рӯи 0 бал баҳодиҳӣ карда мешавад, агар %-и ворид намудани маълумоти зарурӣ дар қайди навзодон аз 100% кам бошад.*

## Идоракунии сифат ва бехатарии ёрии тиббӣ

**Стандарти 1.20.** Дар муассисаи тандурустӣ Комиссия оид ба сифат ва бехатарии ёрии тиббӣ мавҷуд аст.

**Талаботҳои стандарт**

1. Барои иҷро намудани функсияҳои идоракунии сифат ва бехатарии ёрии тиббӣ, дар мувофиқа бо фармоиши Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон №233 аз 24.04.2014 Комиссия оид ба сифат ва бехатарии ёрии тиббӣ таъсис дода шудааст (фармоиши дохилии муассисаи тандурустӣ оид ба таъсиси Комиссия оид ба сифат ва бехатарии ёрии тиббӣ мавҷуд аст).
2. Комиссияро муовини сартабиб/директор оид ба корҳои табобатӣ роҳбарӣ менамояд. Ҳайати Комиссия аз мутахассисони дар соҳаи сифат ва бехатарии ёрии тиббӣ босалоҳият иборат мебошад: мудирони зерсохторҳо, табиб - коршинос оид ба аудити дохилӣ, мутахассисон оид ба кори ҳамширагӣ, мутахассисон оид ба назорати сироятӣ, мутахассисони соҳаи фарматсия, табиб - бактериолог, табиб - трансфузиолог, мутахассисон оид ба техника, мутахассисон оид ба бехатарии муҳити зист (муҳандиси техникаи бехатарӣ).
3. Низомнома «Дар бораи Комиссия оид ба сифат ва бехатарии ёрии тиббӣ» таҳия карда шудааст. Низомнома аз рӯи сохтор ва мазмун ба Низомномаи намунавӣ: «Дар бораи Комиссия оид ба сифат ва бехатарии ёрии тиббӣ дар муассисаҳои тандурустӣ», ки бо фармоиши Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон № 233 аз 24.04.2014 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.
4. Мутахассисон дар соҳаи назорати сироятӣ таҷрибаи корӣ дошта, тайёрии тахассусиро гузаштаанд ва дорои шаҳодатномаи (сертификат)-ҳои тасдиқкунанда мебошанд.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт**

1. Дар муассиса мавҷудияти фармоиши Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоиши роҳбар оид ба таъсиси Комиссия оид ба сифат ва бехатарии ёрии тиббӣ санҷида мешавад.
2. Ҳайати касбии Комиссия оид ба сифат ва бехатарии ёрии тиббӣ тибқи талаботҳои стандарт баҳогузорӣ карда мешавад.
3. Мазмуни Низомномаи Комиссия оид ба сифат ва бехатарии ёрии тиббӣ аз нигоҳи мутобиқати он ба санади меъёрӣ баҳогузорӣ карда мешавад.
4. Мавҷудияти шаҳодатнома (сертификат)-ҳо дар бораи гузаштани мутахассисон аз тайёрии зарурӣ оид ба назорати сироятӣ санҷида мешавад.

**Стандарти 1.21.** Дар муассисаи тандурустӣ системаи идоракунии хавфҳо таҳия ва риоя

карда мешавад.

**Талаботҳои стандарт**

1. Аъзоёни Комиссия оид ба сифат ва бехатарии ёрии тиббӣ нақша-барномаи назорат оид ба рутбаи хавфҳои беморон ва ҳайати кормандонро таҳия намуданд, ки бо расонидани ёрии тиббӣ ва муҳити зист вобаста аст. Нақша - барномаи назорат оид ба реҷаи хавфҳо аз вазифаҳои стратегии МТ асос гирифтааст. Қисмҳои ташкилкунандаи нақша-барнома оид ба реҷаи хавфҳо инҳоянд:

- преамбула ба нақша-барномае, ки дар он шабоҳати хавфҳо аниқ шудаанд ва зерсохторҳое, ки аз нуқтаи назари пайдоиши хавфҳо хатарнок мебошанд;
- барномаи назорати сироятӣ (ворид кардани назорати ВНМО ва БПНМО), ки дар асоси фармоишҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон №1119 аз 27.12.2014 ва №641 аз 26.12.2012 тартиб дода шудааст;
- давраҳои омӯзишӣ оид ба соҳаи бехатарӣ барои ҳайати кормандон;
- чорабиниҳо оид ба идоракунии бехатари маводҳои доруворӣ (баҳогузории талаботи МТ/шуъбаҳо ба маводҳои доруворӣ, тартиб додани руйхати маводҳои доруворӣи беморхона, тартиб додани хусусиятҳо барои оқилона/сарфакорона баҷо овардани харидории маводҳои доруворӣ ва санҷиш/мониторинги харид, назорат аз рӯи иҷрои қоидаҳои нигаҳдорӣ, тақсимот, баҳисобгирию ҳисоботдиҳӣ ва истифодаи самараноки маводҳои доруворӣ, пешгирии хатогиҳои тиббӣ, таҳлили воқеъаҳои таъсири бади маводҳои доруворӣ ва истифодаи он барои беҳбудии фаъолият);
- чорабиниҳо оид ба ҳифзи саломатӣ ва гигиенаи меҳнати ҳайати кормандони тиб, барои ворид намудани чорабиниҳо оид ба назорати сарбории корӣ, идоракунии ҳолатҳои стрессӣ ва хатарҳои истеҳсолӣ;
- чорабиниҳои бехатарии зидди сӯхтор;
- чорабиниҳо оид ба бехатарии бино, хуҷраҳо ва системаи обу коррезӣ;
- чорабиниҳо оид ба бехатарии кори таҷҳизоти тиббӣ ва ғайра;
- чорабиниҳо оид ба нигоҳдории маводҳои хатарнок (маводҳои зудобшаванда, кимиёвӣ, дезинфексионӣ, мухаддир ва сахттаъсир).

2. Дар преамбула ба нақша-барнома ҳама гуна хавфҳо боваста ба ҳолатҳои аниқгардидаи зерин, баҳогузорӣ шудаанд:

- вобаста ба расонидани ёрии тиббӣ ва нигоҳубинӣ (хавфи табобат бо доруварӣ, сироятёбӣ аз бемориҳои сироятӣ, аз ҷумла тавассути хун гузаранда, хатогиҳои табибон, заҳролудшавӣ аз хӯрок, таъсири шуоҳои ионӣ ва дигар шуоҳо ва ғайра);
- вобаста ба муҳити зист (хавфи сар задан ва паҳн шудани сӯхтор, осебпазирӣ, гум шудани ашёҳо, беморшавии беморон ва ҳайати кормандон аз вайроншавии реҷаи ҳарорат ва ғайра).
- вобаста ба муроҷиат, ҷамъоварӣ, нигоҳдории муваққатӣ, интиқол, коркард ва несту нобуд сохтани партовҳои тиббӣ;

3. Чорабиниҳо оид ба назорати сироятҳои дохили беморхонавӣ (СДБ) дар асоси натиҷаҳои таҳлили эпидемиологии беморшавӣ аз СДБ таҳия мешаванд ва мунтазам дар мувофиқа ба рафти ҳолат ислоҳ мегарданд.

4.Нақша - барнома оид ба назорати хатарҳо сохтори зерин дорад: чорабиниҳо, иҷрокунандагон, мӯҳлати иҷроиш ва қайд оид ба иҷроиш. Тамоми навиштаҷотҳои шаклсозии зарурӣ мавҷуданд (мавҷудияти навиштаҷоти «Тасдиқ мекунам»; имзои шахсе, ки нақшаро бо мӯҳр тасдиқ кардааст; санаи тасдиқшавӣ).

5.Иҷроиши чорабиниҳои банақшагирифташудаи нақша-барнома оид ба назорати хавфҳо таъмин карда мешавад.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт**

Мавҷудияти нақша-барнома оид ба назорати хавфҳо санҷида мешавад, баҳогузории он аз нуқтаи назари мукаммалияти муайянкунии хатарҳо ва зерсохторҳо, ки нисбати инкишофи хавфҳо эҳтимолан хатарнок мебошанд, дурустӣ ва мавҷудияти атрибутҳои шаклсозӣ баҳогузорӣ карда мешавад. Ҳуҷҷатҳое, ки чорабиниҳои ба нақшагирифташудаoro тасдиқ мекунананд, санҷида мешаванд (фармоишҳо, супоришҳо, протоколҳои маҷлисҳо, ҷамъомадҳо, конфронсҳо бо қарорҳо, қайдҳо дар ҳуҷҷатҳои корӣ ва ғайра).

**Стандарти 1.22.** Дар муассисаи тандурустӣ механизми баҳисобгирӣ ва бақайдгирии сироятҳои дохили беморхонагӣ мавҷуданд ва самаранок фаъолият менамоянд.

**Талаботҳои стандарт**

1. Рӯйхати шаклҳои нозологии СДБ ва омилҳое, ки дар муассиса бояд мавриди баҳисобгирии дохилӣ ва бақайдгирӣ гарданд, мавҷуданд.
2. Ба ҳолатҳои СДБ, ки бо микроорганизмҳои патогенӣ асос ёфтаанд (менингит, дифтерия, гепатитҳои сироятӣ ва ғайра) ва сар задани СДБ, ба ХНДСЭ ва зерсохторҳои он дар маҳалҳо хабари таъҷилӣ дода мешавад.
3. Дафтарҳои қайди ҳолатҳои СДБ мавҷуданд.
4. Барои ҳар як ҳолати СДБ корти эпидемиологӣ кушода мешавад.
5. Маълумотҳо оид ба таҳлили беморшавӣ аз СДБ дар шакли ҷадвал ва диаграмаҳо мавҷуданд.
6. Бақайдгирии ҳолатҳои СДБ дар асоси мафҳумҳои бо стандарт муайянгардидаи ҳолатҳои СДБ амалӣ карда мешавад.
7. Мутахассиси назорати сироят (эпидемиологи госпиталӣ) ва сардорони зерсохторҳо/мудирон муайянсозӣ ва бақайдгирии боэътимоди ҳодисаҳои СДБ-ро таъмин менамоянд. Индикаторҳои зерини соли гузашта ҳисоб карда мешаванд:

- фоизи ҳодисаҳои муайянгардидаи СДБ (шумораи ҳодисаҳои СДБ x 100% /шумораи умумии беморони бистаригардида).

8. Мутахассиси назорати сироят (эпидемиологи госпиталӣ) ҳармоҳа ва/ё ҳар семоҳа (вобаста ба фонди катҳо ва шумораи СДБ) таҳлил/баҳогузории беморшавиро аз СДБ ва тадқиқоти ҳодисаҳои СДБ -ро мегузаронад.
9. Натиҷаҳои таҳлил/баҳогузории беморшавӣ аз СДБ ва тадқиқоти ҳодисаҳои СДБ дар маҷлисҳои Комиссия оид ба сифат ва бехатарии ёрии тиббӣ ва конфронсҳои тиббӣ муҳокима мегарданд ва барои беҳтар кардани кор истифода мешаванд.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт**

Санҷиши ҳуҷҷатгузории мутахассиси назорати сироят (эпидемиологи госпиталӣ) оид ба механизми бақайдгирӣ ва баҳисобгирии сироятҳои дохилибеморхонавӣ тибқи талаботи стандарт гузаронида мешавад. Пайнавиштҳои маҷлиси Комиссия оид ба сифат ва бехатарии ёрии тиббӣ ва конфронсҳои тиббӣ оид ба муҳокимаи натиҷаҳои тадқиқотҳо ва таҳлили беморшавӣ аз СДБ санҷида мешаванд. Сатҳи эътимоднокии муайянкунии СДБ – дар ҳолати аз 5% кам муайяншавии СДБ (аз шумораи умумии бистаригардонӣ), стандарт 0% баҳогузорӣ карда мешавад.

**Стандарти 1.23.** Тадқиқотҳои нақшавии санитарӣ - бактериологии объектҳои муҳити зист гузаронида мешаванд.

**Талаботҳои стандарт**

1. Дар муассисаи тандурустӣ тадқиқотҳои нақшавии санитарӣ-бактериологии муҳити зист на камтар аз 2 маротиба дар як сол гузаронида мешаванд. Обектҳои тадқиқот инҳо ба ҳисоб мераванд:
- муҳити ҳаво;
- асбобҳои тиббӣ, маводҳои ҷарроҳӣ;
- роҳҳои болоии нафасгирӣ, дастҳо ва либосҳои махсуси ҳайати тиббӣ;
- ашёҳои муҳити зист.
2. Назорати бактериологии нақшавӣ дар тамоми зерсохторҳо, ки ба ташхису табобати беморон алоқамандaнд (шӯъбаи қабул, шӯъба ва ҳуҷраҳои наҷот ва табобати шиддатнок (интенсивӣ), ҳуҷраҳои доругузаронӣ, шуъбаҳои таббатӣ, толорҳои таваллудӣ, ҳуҷраҳои баъдитаваллудӣ, қисми ҷарроҳигузаронӣ, бастубанд, ҳуҷраи беҳискунӣ, ҳуҷраҳои баъдиҷарроҳӣ, шӯъбаҳои (палатаҳои) нигоҳубини навзодон ва кӯдакони норасо ва ғайра) гузаронида мешавад.
3. Тадқиқотҳои ғайринавбатии санитарӣ -бактериологии объектҳои мӯҳити зист аз рӯи нишонаҳои эпидемиологӣ (масалан, ҳангоми сар задании СДБ) гузаронида мешаванд.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт**

Мавҷудияти санадҳои тадқиқотҳои санитарӣ-эпидемиологии объектҳои муҳити зист санҷида мешавад, пуррагӣ ва мунтазамияти гузаронидани тадқиқотҳои санитарӣ-бактериологӣ баҳогузорӣ карда мешавад.

**Стандарти 1.24.** Нақшаи чорабиниҳо оид ба сифати ёрии тиббӣ таҳия ва тасдиқ карда шудааст, татбиқи он таъмин карда мешавад.

**Талаботҳои стандарт**

1. Аъзоёни Комиссия оид ба сифат ва бехатарии ёрии тиббӣ нақшаи чорабиниҳои солонаро оид ба сифати ёрии тиббӣ, дар асоси вазифаҳои стратегии МТ кор карда баромадаанд. Нақша сохтори зеринро дорад: чорабиниҳо, иҷрокунандагон ва мӯҳлатҳои иҷроиш.

   Нақша чорабиниҳои зеринро дарбар мегирад:
- ба воситаи гузаронидани давраҳои омӯзишӣ ворид намудани дастурамалҳои клиникӣ/протоколҳо, фармоишҳо, алгоритмҳо, стандартҳо дар асоси принсипҳои тибби далелнок;
- баҳогузории экспертии ташхис ва табобати табобатгирандагон дар мувофиқа бо дастурамалҳои клиникӣ ва протоколҳо бо принсипҳои тибби далелнок асосёфта;
- баҳогузории тайёрии касбии кормандони тиб (аттестасия);
- ворид намудани механизми алоқаи мутақобила бо табобатгирандагон барои баҳогузорӣ ва беҳтар намудани сифати хизматҳои расонидашуда;
- ворид намудани принсипҳои синамаконӣ;
- таҳлил ва баррасии холатҳои фавт;
- баҳогузории сифати ташкили нигоҳубини табобатгирандагон (саривакт иҷро намудани таъинот, шароит барои гигиена, хӯрок, маишат, корҳои санитарӣ - таблиғотӣ);
- таъмини иттилоотии фаъолияти тахассусии ҳайати кормандон (таъмин бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, протоколҳо ва дастурамалҳои клиникӣ, бо ворид намудани протоколҳо ва дастурамалҳои клиникӣ оиди бемориҳои ҳамрадиф);
- чорабиниҳо оид ба иҷрои Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, барномаҳои миллӣ, соҳавӣ ва ғайра дар соҳаи тандурустӣ;

- дигар чорабиниҳо оид ба сифат.

  Ченакҳо/нишондодҳои дохилӣ барои баҳогузории сифати ёрии тиббӣ дар МТ таҳия ва истифода бурда мешавад.
2. Нақшаи корӣ тамоми атрибутҳои шаклсозиро дорад: мавҷудияти навиштаҷоти «Тасдиқ мекунам», имзои шахсе, ки нақшаро бо мӯҳр тасдиқ кардааст, санаи тасдиққунӣ. Иҷроиши чорабиниҳои банақшагирифташуда таъмин карда мешавад.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт**

Мавҷудияти нақшаи кории Комиссия оид ба сифат ва бехатарии ёрии тиббӣ санҷида шуда, аз нуқтаи назари пуррагӣ ва мақсаднокии чорабиниҳои банақшагирифташуда, дуруст барасмиятдарорӣ ва мавҷудияти атрибутҳои лозимаи шаклсозӣ баҳогузорӣ карда мешавад.

Ҳуҷҷатҳое, ки иҷроиши чорабиниҳои банақшагирифташударо тасдиқ мекунанд, санҷида мешаванд (протоколи маҷлисҳо, конфронсҳо бо қарорҳо, қайдҳо дар ҳуҷҷатҳои корӣ ва ғайра).

**Стандарти 1.25.** Мунтазам аудитҳои клиникӣ гузаронида мешаванд.

**Талаботҳои стандарт**

1. Комиссия оид ба сифат ва бехатарии ёрии тиббӣ мунтазам – на камтар аз ду маротиба дар як сол дар зерсохторҳо аудити клиникиро мегузаронад.

Аудити клиникӣ дар бар мегирад:

- баҳогузории кори мудирон ва ҳамшираҳои шафқати калони зерсохторҳо (банақшагирӣ, таҳлили фаъолият, ворид намудани технологияи нави тиббӣ);
- баҳогузории экспертии ёрии тиббӣ (экспертизаи кортҳои тиббӣ);
- баҳогузории қоидаҳои нигаҳдорӣ, тақсимот, бақайдгирӣ ва ҳисоботдиҳӣ, истифодаи фоиданоки (мақсаднок) маводҳои доруворӣ, пешгирии таъиноти нодурусти маводҳои доруворӣ, таъсири мақсаднок ба оқибатҳои таъсири манфии маводҳои доруворӣ ва хатогиҳои таъиноти доруворихо, гузаронидани таҳлили ҳодисаҳои таъсири манфии маводҳои доруворӣ ва истифодаи он барои беҳбуди фаъолият;
- баҳогузории риояи реҷаи дезинфексионӣ, тозакунии ҳуҷраҳо;
- баҳогузории иҷроиши қоидаҳои кор бо партовҳо;
- баҳогузории риояи қоидаҳои тозакунии пеш аз тамйизгардонӣ ва тамйизгардонӣ;
- баҳогузории истифодаи мақсадноки таҷҳизоти тиббӣ, иҷроиши меъёрҳои сарбории воҳидҳои кории мутахассисон, ки тадқиқоти ташхисӣ мебаранд;
- баҳогузории таъмини талаботи зерсохторҳо бо маводҳои техникаи тиббӣ, истифодаи самараноки он, ба ҷо овардани қоидаҳои истифода ва нигоҳдории техникаи тиббӣ;
- баҳогузории мақсаднокии механизмҳои алоқаи мутақобила бо беморон ва иттилоот барои беморон (корҳои санитарӣ-равшаннамоӣ, ҳуқуқҳои беморон);
- баҳогузории сифати ташкили нигоҳубини беморон (саривақт иҷро намудани таъинот, шароит барои гигиена, ташкили хӯрок, маишат);
- назорати татбиқи чорабиниҳо оид ба муҳофизати саломатӣ ва гигиенаи меҳнати кормандони тиб.

2. Тартиби стандартии шакли муайян, барои ба расмиятдарории натиҷаи аудитҳои клиникии гузаронидашуда таҳия шудааст.
3. Натиҷаҳои аудитҳои клиникӣ дар маҷлисҳои Комиссия оид ба сифат ва бехатарии ёрии тиббӣ дар пайнавишт қайд карда мешаванд.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт**

Мавҷудияти ҷадвал ва санадҳои гузаронидани аудитҳои клиникӣ санҷида шуда, мунтазамӣ, пуррагӣ ва сифати аудитҳои гузаронидашуда баҳогузорӣ карда мешавад.

Илова бар ин, анкетакунонӣ ва пурсиши ҳайати кормандон, оид ба гузаронидани аудити клиникӣ гузаронида мешавад (гузаронида мешавад ё не).

**Стандарти 1.26.** Натиҷаҳои аудити клиникӣ дар конфронсҳои клиникӣ баррасӣ мегарданд.

**Талаботҳои стандарт**

Натиҷаҳои аудити клиникии зерсохторҳо дар конфронсҳои клиникӣ баррасӣ мегарданд ва барои беҳбуди фаъолият истифода бурда мешаванд.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт**

Мавҷудияти протоколҳои клиникӣ, ки барои муҳокимаи натиҷаҳои аудитҳои клиникӣ бахшида шудаанд, санҷида мешаванд. Мунтазамияти гузаронидани конфронсҳо, фаъолнокии муҳокимарониҳо ва мутобиқ будани қарорҳои дар конфронс қабулшуда баҳогузорӣ карда мешавад (қарорҳои қабулшуда қобилияти ҷоннок намудани корро оид ба сифат доранд). Ғайр аз ин, пурсиши ҳайати кормандон оид ба конфронсҳои гузаронидашуда, ки ба баррасии натиҷаи аудитҳои клиникӣ бахшида шудаанд, гузаронида мешавад.

**Стандарти 1.27.** Ҳолатҳои фавт таҳлил ва баррасӣ мегарданд.

**Талаботҳои стандарт**

1. Дар муассисаи тандурустӣ тамоми ҳолатҳои фавт таҳлил ва баррасӣ мегарданд ва дар ҳисоботҳои муассиса (ҳисоботҳои солона, ҳисоботҳои солонаи Комиссия оид ба сифат ва бехатарии ёрии тиббӣ) дарҷ гардидаанд.
2. Муҳокимаронии тамоми ҳодисаҳои фавти модар ва кӯдак, ҳодисаҳои фавти ба нуқсонҳои фаъолияти касбии кормандони тиб вобастабуда, ҳамчунин, ҳодисаҳои фавт, ки дар онҳо ихтилофи ташхиси клиникӣ ва патологоанатомӣ мавҷуданд, дар конфронсҳо ташкил карда шудааст, пайнавиштҳо мавҷуданд.
3. Натиҷаи таҳлил ва муҳокимаи ҳодисаҳои фавт барои беҳбудии сифати кор истифода бурда мешавад.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт**

Дар ҳисоботи Комиссия оид ба сифат ва бехатарии ёрии тиббӣ мавҷудияти таҳлили фавтҳо ва протоколҳои дар конфронсҳо муҳокимашудаи ҳамаи ҳодисаҳои фавти дар боло зикргардида санаҷида мешавад. Сифати таҳлили фавтҳо дар ҳисоботҳо, мунтазам гузаронидани конфронсҳо, фаъолнокии муҳокимарониҳо ва муҳимияти қарорҳои дар конфронс қабулшуда (қарорҳои қабулшуда қобилияти ҷоннок намудани корро оид ба сифат доранд) баҳогузорӣ карда мешавад. Ғайр аз ин, бо ҳайати кормандон оид ба гузаронидани конфронсҳо, ки ба муҳокимаи ҳодисаҳои фавт бахшида шудааст, мусоҳиба гузаронида мешавад.

**Стандарти 1.28.** Воридсозии дахолатҳои нави илман тасдиқгардида ва технологияи тиббии бо тибби далелнок асосёфта таъмин карда мешаванд.

**Талаботҳои стандарт**

1. Дар муассисаи тиббӣ корҳо вобаста ба ворид намудани технологияҳо, рушди дахолатҳои илмӣ–тасдиқгардидаи нав ва тиббӣ, ки ба принсипҳои тибби далелнок асос мегиранд, гузаронида мешавад. Асосҳои фаъолият оид ба воридсозӣ инҳо мебошанд:

- воридсозии дастурамалҳои клиникӣ ва протоколҳо, ки аз принсипҳои тибби далелнок асос мегиранд;
- воридсозии амалҳои барасмиятдаровардашудаи дохилӣ дар муассиса (алгоритм, протоколҳо) аз рӯи амалҳои кормандон дар ҳолатҳои асосии таъҷилии беморон, ки

ба фармоишҳои миллӣ, тавсияҳо, дастурамалҳои клиникӣ/протоколҳои бо назардошти хусусиятҳои хоси муассисаи тандурустӣ (дар ҳолати зарурӣ).

2. Фаъолият оид ба воридсозӣ ба нақшаи солонаи муассиса ва Комиссия оид ба сифат ва бехатарии ёрии тиббӣ дохил карда шудааст.
3. Воридсозии дастурамалҳои клиникӣ (протоколҳо), амалҳои дар дохили муассиса таҳиягардида ва дигар технологияҳои тиббӣ, намуди (механизм)-и муайяни расмии воридсозиро (конференсия, бозомузиҳо, семинарҳо, тартиб додани «Санади воридсозӣ» ва тасдиқи онҳо дар ҷаласаҳои Комиссия оид ба сифат ва бехатарии ёрии тиббӣ) мегузаранд. Фаъолияти амалигардидаи муассиса вобаста ба воридсозӣ дар ҳисоботи солонаи Комиссия оид ба сифат бехатарии ёрии тиббӣ инъикос ёфтааст.
4. Иҷроиши воридсозиҳои ба нақша гирифташуда мунтазам назорат карда мешавад.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт**

Мавҷудияти чорабиниҳо оид ба воридсозӣ дар асоси талаботҳои стандарт дар нақшаи солонаи муасисса ва Комиссия оид ба сифат ва бехатарии ёрии тиббӣ, инъикоси корҳои анҷомдодашуда оид ба воридсозӣ дар ҳисоботи солонаи муассиса ва Комиссия оид ба сифат ва бехатарии ёрии тиббӣ, «ҳуҷҷатҳои расмие», ки воридсозиро тасдиқ мекунанд («санади воридсозӣ», протоколи конфронсҳо, давраҳои омӯзишӣ, семинарҳо) санҷида мешаванд. Пурагии иҷроиши чорабиниҳо оид ба воридсозӣ, мавҷудияти механизмҳо (шакл) - и муайяни воридсозӣ, муҳимияти воридсозӣ ва дуруст тартиб додани «санади воридсозӣ», баҳогузорӣ карда мешавад.

**Стандарти 1.29.** Сиёсати дастгирии ҳайати кормандон, ки тадқиқотҳои илмӣ ва санҷиши усулҳои нави технологияҳои тиббиро мегузаронанд, татбиқ мегардад.

**Талаботи стандарт**

Маъмурияти муассиса (ҳар ҷое, ки ин имкон дошта бошад) бо мақсади такмили технологияҳои тиббӣ ва баланд бардоштани сифати ёрии тиббӣ шароитҳоро (дастгирии молиявӣ, ҷудо намудани ҳуҷраҳо, таҷҳизот ва ҳайати иловагии кормандон) барои шахсоне, ки корҳои илмии тадқиқотӣ ва санҷиши технологияи тиббиро дар асоси тибби далелнок мебаранд, муҳайё месозад. Нақшаи тасдиқшудаи тадқиқотҳои илмӣ (таҷрибаҳо) мавҷуд аст.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт**

Мавҷудияти нақшаи тадқиқотҳои илмӣ (таҷрибаҳо), татбиқи он ва механизми дастгирии шахсоне, ки корҳои тадқиқотӣ-илмӣ ва санҷиши натиҷаҳои онҳоро мебаранд, санҷида мешавад.

**Стандарти 1.30.** Ҳисоботи солонаи фаъолияти Комиссия оид ба сифат ва бехатарии ёрии тиббӣ мавҷуд аст.

**Талаботҳои стандарт**

1. Комиссия оид ба сифат ва бехатарии ёрии тиббӣ дар охири сол бо гузаронидани таҳлили ҳамаҷонибаи иҷрои чорабиниҳои банақшагирифташуда ва натиҷаи ченакҳо/нишондодҳои сифати хизматрасонии тиббӣ ҳисобот тартиб медиҳад (чорабиниҳо оид ба назорат аз рӯи хатар ва оид ба сифати хизматрасонии тиббӣ). Дар ҳисобот хулосаҳо баровада шудаанд, мушкилиҳо муайян карда шудаанд ва қадамҳои оянда барои татбиқ намудани онҳо андешида шудаанд.
2. Ҳисоботи солона оид ба фаъолияти Комиссия оид ба сифат ва бехатарии ёрии тиббӣ дар маҷлиси умумии кормандони МТ муҳокима карда шудааст ва дар оянда барои беҳтар намудани фаъолият истифода мешавад.

3. Ҳисоботи солона оид ба фаъолияти Комиссия оид ба сифат ва бехатарии ёрии тиббӣ барои аҳли ҷомеа дастрас аст - дар овезаи иттилоотӣ, дар веб - сайт ҷойгир мебошад.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт**

Мавҷудияти ҳисботи солона бо таҳлили иҷроиши чорабиниҳои ба нақша гирифташуда санҷида мешавад. Сифати тартиб дода шудани ҳисобот ва таҳлили гузаронидашуда, масъалаҳои ошкоргардида ва қадамҳои минбаъда барои татбиқ намудани онҳо баҳогузорӣ карда мешаванд.

Ғайр аз ин, мавҷудияти протоколҳои маҷлисҳои умумӣ, ки ба баррасии ҳисоботи солонаи Комиссия оид ба сифат ва бехатарии ёрии тиббӣ бахшида шудаанд, санҷида мешаванд.

Маълумот дар бораи ҳисоботи солонаи Комиссия оид ба сифат ва бехатарии ёрии тиббӣ дар овезаи иттилоотӣ ва дар веб-сайти МТ санҷида мешавад.

**Стандарти 1.31.** Хизматрасонии шабонарӯзии ёрии тиббӣ таъмин карда мешавад.

**Талаботҳои стандарт**

Дар муассиса механизми хизматрасониҳои шабонарӯзии ёрии тиббӣ мавҷуд аст. Дар зерсохторҳои клиникӣ дидбонҳои шабонарӯзии ҳамшираҳои шафқат мавҷуданд. Навбатдории шабонарӯзии мутахассисон (табибони соҳавӣ) дар вақти шабона ва рӯзҳои истироҳат ташкил карда шудааст. Системаи хизматрасонии ургентӣ ташкил карда шудааст, ҷадвали навбатдории мутахассисон, аз ҷумла оид ба хизматрасонии ургентӣ, мавҷуд аст.

**Баҳогузории иҷороиши стандарт**

Мавҷудияти ҷадвали расман тасдиқшудаи навбатдории мутахассисони дар боло зикргардида ва мутахассисони навбатдор оид ба хизматрасонии ургентӣ, дафтари қайди таклифи мутахассисон барои хизматрасонии ургентӣ санҷида мешавад. Ғайр аз ин, бо беморон оид ба сари вақт расонидани ёрии тиббӣ дар вақтҳои шабона, рӯзҳои истироҳатӣ ва идҳо мусоҳиба гузаронида мешавад.

**Стандарти 1.32.** Гузаронидани санҷиши воситаҳои ченкунӣ таъмин карда мешавад.

**Талаботҳои стандарт**

Дар муассиса шахси масъул оид ба ташкили санҷиши воситаҳои ченкунӣ (ВЧ) таъин карда шудааст. Шахси масъул тартиб додани рӯйхати расмии воситаҳои ченкунӣ ва ҷадвали санҷиши воситаҳои ченкуниро таъмин менамояд. Рӯйхат ва ҷадвал аз ҷониби роҳбари муассиса тасдиқ карда шуда, бо мақомоте, ки санҷишро мегузаронад мувофиқа карда мешавад. Санҷиши воситаҳои ченкунӣ (ВЧ) 100% гузаронида шудааст.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт**

Мавҷуд будани рӯйхати расман тасдиқшудаи воситаҳои ченкунӣ ва ҷадвали гузаронидани санҷишҳои ченкунии шахси масъул, ки аз ҷониби роҳбарият тасдиқ ва бо тартиби муқарраргардида мувофиқа карда шудааст, санҷида мешавад. Мавҷудияти санадҳои санҷишӣ ва воситаҳои ченкунӣ ва (ё) муҳр, ки дар воситаҳои ченкунӣ гузошта шудаанд, санҷида мешаванд. Шумораи санадҳои санҷишӣ ва (ё) муҳр бо рӯйхати воситаҳои ченкунӣ муқоиса карда мешавад ва фоизи воситаҳо ченкунӣ, ки аз санҷишҳо гузаронида шудаанд, бароварда мешаванд.

*Эзоҳ: Ҳангоми то 90 - 100 % санҷида шудани воситаҳои ченкунӣ (ВЧ) аз миқдори умумии воситаҳои ченкунӣ, ки мавриди санҷиш қарор дода мешаванд, иҷроиши стандарт бо 3 хол баҳогузорӣ карда мешавад. Аз 50 то 89 % - 2 хол, аз 50 фоиз камтар 1 хол.*

**Стандарти 1.33.** Фаъолияти самараноки катҳои мавҷуда таъмин карда мешавад.

**Талаботҳои стандарт**

Муассисаи тандурустӣ фаъолияти пурмаҳсули катҳои мавҷударо таъмин менамояд. Нишондиҳанда (индикатори)-и кори катҳо дар давоми сол на камтар аз 365 рӯзро ташкил менамояд.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт**

Аз рӯи нишондодҳои ҳисоботии муассиса барои соли пешина нишондод (индикатор)-и кори катҳо дар сол (миқдори кат-рӯзҳои гузаронидашуда/миқдори катҳо) таҳлил карда мешавад.

Ҳангоми пастшавии нишондоди фаъолияти катҳо аз 50, 100 ва зиёда аз 100 рӯз дар сол аз талаботҳои стандарт баҳогузории иҷрои стандарт барои ҳар як холи минбаъда аз рӯи ҷадвали баҳогузорӣ аз 2 то 0 хол кам карда мешавад (агар сабабҳои узрнок барои паст шудани сифати кори катҳо мавҷуд набошад, масалан вобаста ба гузаронидани корҳои таъмирӣ).

## Идоракунии сохторҳои зертобеъ

**Стандарти 1.34.** Низомнома оид ба сохторҳои тобеъ мавҷуд аст.

**Талаботҳои стандарт**

1. Зерсохторҳои МТ дар асоси Низомномаи тасдиқшуда фаъолият мекунанд, ки қисмҳои зеринро дорост: «қоидаҳои умумӣ», «принсип», «мақсад», «вазифа ва функсияҳои стратегӣ», «идоракунӣ, сохтор ва воҳидҳои корӣ», «тартиби ташкили кор». Мақсад, вазифа ва функсияҳои стратегии зерсохторҳо бо назардошти сиёсат ва ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи тандурустӣ муайян карда шудаанд.
2. Ҳайати корӣ ва табобатгирандагон оид ба принсипҳо, мақсад, вазифа ва функсияҳои стратегии зерсохторҳо бохабар мебошанд.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт**

Низомномаи сохторҳои зертобеъ омӯхта шуда, мутобиқатии он ба талаботҳои стандарт баҳогузорӣ карда мешавад.

**Стандарти 1.35.** Дараҷаи тахассусӣ ва салоҳияти роҳбари зерсохтор барои идоракунии самаранок мусоидат менамояд.

**Талаботҳои стандарт**

Роҳбари зерсохтор дорои:

- шаҳодатномаи мутахассис оид ба соҳаи фаъолияти амалияи тиббӣ мувофиқбуда;
- шаҳодатнома оид ба дараҷаи якум/олии ихтисос ё унвони илмии ба соҳаи фаъолияти амалияи тибби мувофиқбуда;
- таҷрибаи кории на камтар аз 10 сол дар соҳаи фаъолияти амалияи тиббӣ мувофиқбуда мебошад.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт**

Омӯзиш ва баҳогузории ҳуҷҷатҳои зерини роҳбари зерсохтор барои мутобиқат ба талаботҳои стандарт мавриди санҷиш қарор дода мешаванд:

- фармоиши роҳбари МТ оид ба вазифаи мудир/сардори шуъбаи зерсохтор таъин намудан;
- ҳуҷҷатҳо оид ба маълумот;
- шаҳодатнома оид ба дараҷанокӣ/ихтисоснокӣ ё унвони илмӣ;
- дафтарчаи меҳнатӣ.

**Стандарти 1.36.** Фаъолияти зерсохторҳо дар асоси нақша амалӣ карда мешавад.

**Талаботҳои стандарт**

1. Мавҷудияти нақшаи тасдиқшудаи солонаи фаъолияти зерсохтор.

2. Мавҷудияти муқадима ба нақшаи солона, ки дар он стратегияи фаъолияти зерсохтор, ки аз барномаҳои миллӣ, соҳавӣ ё дигар барномаҳо оид ба самтҳои мубрами соҳаи тандурустӣ, ҳифзи саломатии модар ва кӯдак бар меоянд ва натиҷаҳои таҳлили фаъолияти зерсохтор дар соли пешина, иникос ёфтааст.
3. Таркиби нақшаи солонаи зерсохтор иборат аст аз:

- чорабиниҳои мушаххас барои татбиқи стратегияи фаъолияти зерсохтор;
- натиҷаҳои мунтазира аз татбиқи чорабиниҳои ба нақша гирифташуда;
- мутахассисоне, ки барои иҷроиши чорабиниҳои ба нақша гирифташуда масъуланд;
- мӯҳлати иҷрои чорабиниҳои ба нақша гирифташуда;
- қайдҳо оид ба иҷроиши чорабиниҳои ба нақшагирифташуда.

4. Чорабиниҳои ба нақша гирифташуда аз рӯи қисматҳои зерин ба тартиб дароварда шудаанд:

- чорабиниҳои ташкилӣ - хоҷагидорӣ;
- чорабиниҳо оид ба таъмини бехатарӣ;
- чорабиниҳо оид ба баланд бардоштани сифат;
- дигар чорабиниҳо.

5. Нақшаи кории солона дар маҷлиси умумии ҳайати кормандони зерсохтор муҳокима карда шуда, дорои хусусиятҳои расмикунонӣ (бо тамоми иҷрокунадагон ва масъулон муҳокима карда шудааст, мавҷудияти навиштаҷоти «Тасдиқ мекунам» «Мувофиқа карда шудааст») мебошад.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт**

Нақшаи солонаи зерсохтор мавриди омӯзиш қарор дода мешавад. Мавҷудияти муқаддима, мазмуни он, шакл ва қисматҳои нақша, мавҷудияти хусусиятҳои расмиятдарорӣ аз нуқтаи назари мутобиқати онҳо ба талаботи стандарт, омӯхта мешавад. Илова бар ин, пайнавишти маҷлиси умумии ҳайати кормандони зерсохтор, ки аз гузаронидани муҳокимаи нақшаи солона гувоҳӣ медиҳад, омӯхта мешавад.

**Стандарти 1.37.** Мониторинг/санҷиш ва баҳогузории татбиқи чорабиниҳои ба нақша гирифташуда таъмин карда мешавад.

**Талаботҳои стандарт**

1. Мудирони шуъбаҳо барои гузаронидани мониторинг ва баҳогузории доимӣ (мунтазами) татбиқи чорабиниҳои ба нақша гирифташуда масъуланд.
2. Усул, тартиб ва индикаторҳои низоми баҳогузорӣ ва мониторинги чорабиниҳои ба нақша гирифташуда таҳия карда шудаанд.
3. Дар нақша қайдҳо оид ба амалигардонии чорабиниҳо, ҳуҷҷатҳои расмӣ, ки далели иҷрои чорабиниҳои ба нақша гирифташударо (фармоиш, супориш, пайнавиштҳои маҷлисҳо, семинарҳо, конфронсҳо, қайдҳо дар ҳуҷҷатҳои корӣ ва ғ.) тасдиқ мекунанд, мавҷуданд.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт**

Мавриди омӯзиш ва баҳогузорӣ қарор дода мешаванд:

- Усул, тартиб ва индикаторҳои низоми баҳодиҳӣ ва мониторинги иҷрои чорабиниҳои ба нақша гирифташуда;
- Нақшаи кории солонаи зерсохтор бо мақсади муайян намудани мавҷудияти қайдҳо дар бораи иҷроиши чорабиниҳои ба нақша гирифташуда;
- Фармоишҳо, супоришҳо, пайнавиштҳои маҷлисҳо, семинарҳо, конфронсҳо, сабт дар ҳуҷҷатҳои корӣ ва ғ., ки татбиқи чорабиниҳои ба нақша гирифташударо тасдиқ менамоянд.

**Стандарти 1.38.** Таҳлили фаъолияти зерсохторҳо таъмин карда мешавад.

**Талаботҳои стандарт**

1. Мудирони зерсохторҳо барои тартиб додани ҳисобот оид ба фаъолияти солонаи зерсохторҳои МТ масъуланд бо таҳлили оморӣ ва сифатии нишондодҳои фаъолият бо инъикоси:
- иҷроиши чорабиниҳои ба нақша гирифташуда;
- ба даст овардани натиҷаҳои пешбинишуда;
- риоя кардани мӯҳлатҳои ба нақша гирифташуда;
- чорабиниҳои татбиқнагардида;
- масъалаҳои ошкоргардида дар ҷодаи сифат ва бехатарии сифати хизматрасонӣ;
- банақшагирии қадамҳои оянда барои ҳаллу фасли масъалаҳои ошкоргардида, масъул мебошанд.
2. Ҳисобот бо таҳлили фаъолият дар маҷлиси умумии ҳайати кормандони муассисаи тиббӣ (зерсохторҳо) муҳокима карда шудааст.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт**

1. Мавҷудияти ҳисоботи солонаи фаъолияти зерсохторҳои МТ санҷида мешавад. Сифати таҳлилҳо дар ҳисоботи солонаи умумӣ тибқи талаботҳои стандарт омӯхта ва баҳогузорӣ карда мешавад.
2. Пайнавишти маҷлисе, ки дар он ҳисобот оид ба фаъолияти зерсохторҳо муҳокима гардидаст, омӯхта мешавад. Мазмуни баромади иштирокунандагон ва пешниҳодҳои манзургардида, маҳсулнокии қарорҳои қабулшуда барои беҳтар кардани фаъолият, баҳогузорӣ карда мешавад.

**Стандарти 1.39.** Ҳамаи ҳайати кории зерсохтор дастурамалҳои вазифавӣ доранд.

**Талаботҳои стандарт**

Ҳар як корманди зерсохтор нусхаи шахсан имзошудаи дастурамали вазифавиро мувофиқи вазифаи ишғолнамудаашро дорад.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт**

Мавҷудияти нусхаи шахсан имзошудаи дастурамали вазифавии мувофиқ ба вазифаи ишғолнамудаи ҳар як корманд санҷида мешавад.

**Стандарти 1. 40.** Рӯйхати ҳуҷҷатҳои зерсохтор тартиб дода шудааст.

**Талаботҳои стандарт**

Рӯйхати дуруст тартиб додашудаи феҳрист/номгӯи ҳуҷҷатҳои зерсохтор (рӯйхати номгӯи тамоми делоҳо бо нишондоди мӯҳлати нигоҳдории онҳо), ки ба талаботҳои фармоиши Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ №416, аз 22.06.2009 «Дастурамали коргузории Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷавобгӯй мебошанд, мавҷуд аст. Тамоми хуҷҷатҳои дар номгӯй нишондодашуда мавҷуданд.

**Иҷроиши талаботҳои стандарт**

Мавҷудияти номгӯи делоҳои сохтор, дурустии тартиб додани онҳо тибқи талаботҳои фармоиши Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ №416, аз 22.06.2009 «Оиди тасдиқ намудани дастурамали коргузории ВТ ҶТ» санҷида мешавад. Ҳамчунин мавҷудияти тамоми хуҷҷатҳо мувофиқи феҳрист/номгӯй санҷида мешавад.

**Стандарти 1.41.** Роҳбари зерсохтор мунтазам ҳайати кормандонро оид ба фаъолияти ҷорӣ, хабардор менамояд.

**Талаботи стандарт**

Дар зерсохтор таъмини иттилоотӣ дар бораи фаъолияти ҷории ҳайати кормандон амалӣ карда мешавад. Механизмҳои фаҳмо ва аниқи пурмаҳсули додани иттилоот ба зерсохторҳо мавҷуданд, ки иборат аст:
- овеза барои эълонҳо;
- маҷлисҳои пагоҳирӯзии кормандон (5 дақиқа).

Маълумотҳо дар овезаҳо (овезаҳои иттилоотӣ) барои ҳайати кормандон мунтазам такмил дода мешаванд.

Маҷлисҳои пагоҳирӯзии кормандон ҳар рӯз гузаронида мешаванд. Маҷлисҳо ҳуҷҷатгузорӣ карда мешаванд (пайнавишт мешаванд).

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Мавҷудияти механизми алоқа барои додани иттиллот дар сохтор ба тариқи назорати овезаҳои эълонҳо (овезаҳои итилоотӣ) барои ҳайати кормандон санҷида мешавад. Маҳсулнокии иттилоот дар овезаҳо (стендҳо) баҳогузорӣ карда мешавад. Дафтарҳои протоколи ҷаласаҳои пагоҳирӯзии кормандон аз назар гузаронида мешаванд, мунтазамияти гузаронидан, маҳсулнокии масъалаҳои баррасӣ кардашуда баҳогузорӣ карда мешавад. Бо ҳайати кормандон оид ба механизми алоқа мусоҳиба гузаронида шуда, самаранокии он баҳогузорӣ карда мешавад.

**Стандарти 1.42.** Ба табобатгирандагон хизматрасониҳои зарурии иттилоотӣ/машваратӣ расонида мешавад

**Талаботҳои стандарт**

1. Муассисаи тандурустӣ ба табобатгирандагон хизматрасонии иттилоотӣ - машваратӣ (маслиҳати шахсӣ/гурӯҳӣ, маводҳои аён) мерасонад.

- варақаҳои қайди машваратгузаронии табобатгирандагон оид ба аломатҳои хатарнок дар занҳои ҳомила ва навзодон таҳия шудааст, машварати мизоҷон гузаронида мешавад, натиҷаи машваратгузаронӣ (варақаҳои қайди машваратгузаронӣ) дар таърихи таваллуд ва корти тиббӣ мавҷуд аст;
- оид ба чорабинии профилактикӣ барои пешгирии бемориҳои гуногун;
- оид ба тарзи ҳаёти солим;
- оид ба ғизогирии дуруст;
- оид ба аломатҳои хатарнок дар бемориҳо ва ҳолатҳои гуногун.

Зерсохторҳои МТ барои табобатгирандагон бо маводҳои ахборотӣ - аёнӣ (овезаҳои баридеворӣ, варақаҳои итилоотӣ ва ғ.) таъмин мебошанд.

2. Маълумотҳои ба табобатгирандагон пешниҳодшуда мунтазам азнав карда мешаванд.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт**

Зерсохторҳо аз назар гузаронида мешаванд. Мавҷудияти маводҳои ахборотӣ, воситаҳои техникӣ барои пешниҳоди хизматрасниҳои иттилоотӣ - машваратӣ санҷида мешаванд. Маҳсулнокӣ ва пуррагии маълумотҳое, ки барои табобатгирандагон пешбинӣ гардидаанд, дар мувофиқа бо талаботи стандартҳо баҳогузорӣ карда мешавад.

**Стандарти 1.43.** Ҳамаи ҳодисаҳои фавқулодда ба қайд гирифта шуда, мавриди таҳлил ва муҳокима қарор дода шуда, барои беҳтар намудани фаъолият истифода мешаванд.

**Талаботҳои стандарт**

1. Тартиби тасдиқгардидаи ҳуҷҷатгузории мавҷуда, ки қоидаи додани ахборотро оид ба ҳодисаи фавқулодда ба тартиб даровардааст (ҳодисаи фавт, мурдатаваллуд, ворид кардани сироятҳои карантинӣ ва дигар сироятҳо, аксуламал ва аворизҳо дар натиҷаи табобат, биосадама, ҳодисаҳои нохуш).
2. Маълумот оид ба ҳодисаҳои фавқулода расман дар ҳуҷҷатҳои тиббӣ ба қайд гирифта мешаванд.
3. Ҳармоҳа таҳлил/баҳогузорӣ ва муҳокимаи (санҷиш) ҳамаи ҳодисаҳои фавқулода бо иштироки аъзоёни Комиссия оид ба сифат ва бехатарии ёрии тиббӣ гузаронида мешавад.

4. Натиҷаҳои таҳлил/баҳогузорӣ ва санҷишҳои ҳодисаҳои фавқулода (дар конфронсҳои клиникӣ, маҷлисҳои соҳавӣ) муҳокима гардидаанд ва барои беҳбуд намудани кор (қабул намуданди чораҳои зарурӣ барои пешгирии онҳо) истифода бурда мешаванд.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт**

Мавҷудияти амалҳои барасмиятдаровардашуда, ки тартиби пешниҳоди маълумотро дар бораи ҳодисаҳои фавқулодда тасдиқ менамояд, дафтарҳои қайди маълумотҳо дар бораи ҳолатҳои фавқулодда санҷида мешаванд. Мавҷудияти ба қайд гирифтани тамоми ҳолатҳои тадқиқотҳои ҳолатҳои фавқулода (протоколҳо, санадҳо) ва баррасии онҳо бо ҳайати кормандон (пайнавиштҳои маҷлисҳо, конфронсҳо) санҷида мешавад. Маҳсулнокии/дурустии чораҳои андешидашуда барои пешгирии ҳолатҳои фавқулода баҳогузорӣ карда мешаванд.

**Стандарти 1.44.** Дар сохтори зертобеъ назорати сифат ва бехатарии ёрии тиббӣ гузаронида мешавад.

**Талаботҳои стандарт**

1. Роҳбар ва ҳамшираи шафқати калони сохтори зертобеъ назорати сифат ва бехатарии ёрии тиббӣ (назорати гузаронидани корҳо оид ба безараргардонӣ ва тамйизгардонӣ, тоза кардани ҳуҷраҳо, назорати риояи бехатарии амалиётҳои тиббӣ, экспертизаи кортҳои тиббӣ ва ғайра) – ро мегузаронанд, ҳуҷҷатгузории лозимӣ оид ба назорати сифат ва бехатарӣ (ҳама камбудиҳои ошкоргардида бо ҳуҷҷат қайд карда шудаанд) ба роҳ монда шудааст.
2. Ҳолатҳои ошкор гардидани нуқсонҳои (камбудиҳо) сифати ёрии тиббӣ дар маҷлисҳо (конфронсҳо) муҳокима карда мешаванд ва барои беҳбудии кор истифода мегарданд, протоколҳо мавҷуданд.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт**

Пешбурди мунтазами ҳуҷҷатгузорӣ оид ба сифат санҷида мешавад. Илова бар ин, мавҷудияти протоколҳои конфронсҳои табибон дар бораи муҳокимаи камбудиҳои ошкоргардидаи сифати ёрии тиббӣ санҷида мешавад. Анкетакунонии ҳайати кормандон вобаста ба гузаронидани амалиётҳо оид ба назорати сифат ва бехатарии ёрии тиббӣ, аз ҷониби роҳбар ва ҳамшираи калони шафқати зерсохтор гузаронида мешавад.

*Замимаи 2*
*ба фармоиши Вазорати тандурустӣ*
*ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии*
*Ҷумҳурии Тоҷикистон*
*аз «_24_»__08__соли 2015*
*№_745_*

**Стандартҳо барои аккредитатсияи беморхонаҳо**

**Қисмати II. Бехатарии клиникӣ**

**Стандарти 2.1.** Ҳамаи кормандон аз муоинаи тиббию профилактикӣ мегузаранд.

**Талаботҳои стандарт**.

Тамоми ҳайати кормандон ҳамасола муоинаи тиббиро тибқи талаботҳои фармоишҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон №1119 аз 27.12.2014, №641, аз 26.12.2012 ва №536, аз 31.10.2012 мегузаранд. Шахси мутасаддии тавассути фармоиш аз ҷониби роҳбарияти муассисаи тандурустӣ таъингардида барои ташкил намудани муоинаи тиббӣ мавҷуд аст. Ҷадвали муоинаи тиббӣ тибқи тартиботи муқараргардида тасдиқ шуда, маълумот дар бораи гузаштани муоинаи тиббӣ мавҷуд аст. Натиҷаҳои муоинаи тиббӣ ва қайд дар бораи иҷозат дар дафтарчаҳои санитарии кормандон барои кор мавҷуд аст.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Санҷиши мавҷудияти фармоиш дар бораи таъин намудани шахси масъул оид ба гузаштани муоинаи тиббӣ, дафтарчаҳои санитарии тамоми ҳайати кормандон гузаронида мешавад, пурра будани муоинаи тиббӣ ва мавҷудияти иҷозат барои кор баҳогузорӣ карда мешавад.

**Стандарти 2.2.** Ба ҳайати кормандон оид ба техникаи бехатарӣ дастур гузаронида мешавад.

**Талаботҳои стандарт.**

1. Дар шӯъбаҳои таваллудӣ мувофиқи фармоиши Вазорати тандурустӣ аз 22.05.2001, №203 «Дар бораи ташкили ҳифзи меҳнат ва бехатарии техникӣ дар муассисаҳо, ташкилотҳо ва корхонаҳои соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (зерсохторҳои таваллудхона) шахсони расман таъиншуда барои гузарондани дастури техникаи бехатарӣ дар ҷойҳои корӣ ва назорати риояи техникаи бехатарӣ аз ҷониби ҳайат дар зерсохторҳо мавҷуданд.

2. Маҷмӯи дастурҳо оид ба техникаи бехатарӣ мунтазам аз нав боздид карда мешаванд.

3. Ҳайат ҳамасола дастурро оид ба техникаи бехатарӣ мегузарад ва ин амал дар ҳуҷҷатҳо ва дафтари қайди гузаштани дастур оид ба техникаи бехатарӣ қайд карда мешавад.

4. Ҳолатҳои беморӣ ва осеббардории кормандон санҷида мешаванд, ки дар вақти иҷрои фаъолияти тахассусӣ гирифта шудаанд ва онҳо бо ҳуҷҷат тасдиқ мегарданд (санадҳо, пайнавиштҳо ва ҳисоботҳои Комиссия оид ба сифат ва бехатарӣ) ва барои беҳтар намудани кор оид ба бехатарӣ истифода бурда мешаванд.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Дар шӯъбаи таввалудӣ (зерсохторҳои таваллудхона) мавҷудияти фармоиш оид ба таъин намудани шахси масъул барои гузарондани дастур оид ба техникаи бехатарӣ ва назорати иҷроиши техникаи бехатарӣ аз тарафи кормандон, дафтарҳои қайди гузаштани дастур оид ба техникаи бехатарӣ санҷида мешаванд. Бо тасдиқи ҳуҷҷат гузаронидани дастур оид ба техникаи бехатарӣ санҷида мешаванд. Ба тариқи сӯҳбат бо маъмурият, раиси иттифоқи касаба ва ҳайати шӯъбаи таввалудӣ (зерсохторҳои таввалудхона) мавҷудияти ҳолатҳои беморшавӣ ва осеббардории кормандон дар ҷойҳои корӣ санҷида мешавад. Дар ҳолати мавҷуд будани ҳолатҳои беморшавӣ ва осеббардории кормандон, ки ҳангоми иҷрои фаъолияти касбӣ гирифта шуданд, ҳуҷҷатҳо оид ба таҳқиқи ин ҳолат санҷида мешаванд. Ба замми ин, пурсиши кормандон оид ба донистани иҷроиши техникаи бехатарӣ, қоидаҳои техникаи бехатарӣ гузаронида мешаванд.

**Стандарти 2.3.** Хатарҳо ҳангоми кор бо таҷҳизотҳои тиббӣ ва манбаъҳое, ки хатари баланд доранд, баҳогузорӣ шуда идора карда мешаванд.

**Талаботҳои стандарт.**

1. Ҳайате, ки бо дастгоҳ ва таҷҳизотҳои тиббӣ кор мекунанд, оид ба қоидаҳои истифодаи онҳо омӯзонида шудаанд, ҳуҷҷатҳое, ки гузаштани омӯзишро тасдиқ менамоянд (шаҳодатнома, сертификатҳо ва ғайра) мавҷуданд.
2. Шахсоне, ки дар автоклавҳо кор мекунанд, иҷозат барои кор дар автоклавҳоро доранд.
3. Ҳамаи таҷҳизотҳои барқӣ ба замин васл карда шуданд.
4. Дастурҳои тасдиқгардида оид ба техникаи бехатарии ҳангоми истифодаи дастгоҳҳо ва таҷҳизотҳо мавҷуд мебошад, ки мунтазам аз нав боздид карда мешаванд.
5. Маводҳои кимиёвии захиравӣ (кислота ва ишқор) дар зарфҳои тамғакунонидашудаи герметикии махсус нигоҳ дошта мешаванд, ки дар сатҳи фарш (дар зарфҳои ҳаҷмашон калон), дар биноҳо ва ҷевонҳо бо тамғаҳои мувофиқ нигоҳ дошта мешаванд. Панҷараҳои бо қулф маҳкамшаванда ва рӯйпушҳо барои дастгоҳҳо ва техникаҳои махсус (асбобҳои шуъодиҳӣ ва ғ.), ки хатари эҳтимолӣ барои одамон ва муҳити атроф доранд мавҷуданд.
6. Таҳқиқи ҳолатҳое, ки ҳангоми риоя нагардидани техникаи бехатарӣ рух додаанд ва бо ҳуҷҷат қайд карда шудаанд (санадҳо, пайнавиштҳо ва ҳисоботи Комиссия оид ба сифат ва бехатарӣ) гузаронида шуда, барои беҳтар намудани кор оид ба бехатарӣ истифода бурда мешаванд.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Дар зерсохторҳо санҷида мешавад:

- мавҷудияти ҳуҷҷатҳое, ки аз омӯзиш гузаштани ҳайатро, ки бо дастгоҳҳо ва таҷҳизотҳои тиббӣ кор мекунанд, тасдиқ менамоянд;
- мавҷуд будани ҳуҷҷат дар бораи иҷозат барои кор бо автоклавҳо (барои кормандони ҳуҷраҳои тамйизгардонӣ);
- мавҷудияти бо замин васл будани таҷҳизотҳои барқӣ;
- мавҷудияти дастурамали тасдиқгардида оид ба истифодаи ҳар як дастгоҳ ва таҷҳизот;

- мувофиқати шароити нигоҳ доштани маводҳои хатарноки кимиёвӣ мувофиқи талаботҳои стандарт.
- Ҳангоми ҳодисаҳое, ки дар вақти риоя накардани техникаи бехатарӣ рух додаанд, ҳуҷҷатҳое, ки аз болои ин гуна ҳодисаҳо таҳқиқ гузаронида шудааст, санҷида мешаванд. Ба замми ин, пурсиши ҳайат вобаста ба дониш ва иҷроиши қоидаҳои бехатарӣ гузаронида мешаванд.

**Стандартӣ 2.4.** Эмгузаронии ҳайати кормандон бар зидди вируси зарпарвини «Б» дар муассисаи тандурустӣ ба роҳ монда шудааст.

**Талаботҳои стандарт.**

1. Дар беморхона тибқи талаботҳои фармоишҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Æумҳурии Тоҷикистон №1119 аз 27.12.2014 , №641, аз 26.12.2012 ва №536, аз 31.10.2012 рӯйхати нафароне, ки ба гурӯҳи хатари калон дохил мешаванд ва ба эмгузаронӣ бар зидди зарпарвини «Б» мӯҳтоҷанд, мавҷуд аст. Муассиса ҳайатро аз гурӯҳи хатари калон бо эмгузаронии секарата таъмин менамояд. Рафти гузаронидани эмкунӣ бо ҳуҷҷат тасдиқ карда мешавад. Бо ҳуҷҷат дар дафтарҳои санитарӣ ё тасдиқ карда мешавад, ё ин ки рӯйхати ҳайати эмгузаронидашуда бо нишондоди воя ва силсилаи он мавҷуд аст. Ҳолатҳои рад намудан аз эмгузаронӣ бо ҳуҷҷат тасдиқ карда шудаанд.

2. Ҳолатҳои бо вируси зарпарвини «Б» сироят ёфтани кормандон таҳқиқ карда шуда, бо ҳуҷҷат тасдиқ шудаанд (санадҳо, пайнавиштҳо ва ҳисоботҳои комиссия оид ба сифат ва бехатарӣ мавҷуданд) ва барои беҳтар намудани кор оид ба техникаи бехатарӣ истифода бурда мешаванд.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Мавҷудияти рӯйхати шахсоне, ки эм карда мешаванд, санҷида мешавад ва он бо рӯйхати ҳайати кормандон муқоиса мегардад, пурра будани рӯйхат тибқи талаботҳои стандарт баҳогузорӣ карда мешавад. Ба замми ин, ҳуҷҷатҳое, ки гузаронидани эмро тасдиқ менамоянд, санҷида мешаванд.

Ҳангоми бемор шудан бо вируси зарпарвини Б, ҳуҷҷатҳо оид ба таққиқи онҳо санҷида мешаванд.

**Стандарти 2.5.** Чораҳои эҳтиётӣ ҳангоми кор бо воситаҳои дезинфексионӣ риоя карда мешаванд.

**Талаботҳои стандарт**.

Аз ҷониби ҳайат чораҳои эҳтиётӣ ҳангоми кор бо воситаҳои дизенфексионӣ мувофиқи талаботҳои фармоишҳои фармоишҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон №1119 аз 27.12.2014 ва №641, аз 26.12.2012 риоя карда мешаванд (қуттикунонии доруҳои хушк, тайёр намудани маҳлулҳои корӣ, гузаронидани дезинфексия):

1. Кор бо воситаҳои дезинфексионӣ бо хилъат, дастпӯшакҳои резинӣ, айнакҳои муҳофизатӣ, пешдоманҳо гузаронида мешаванд ва узвҳои нафаскашӣ бо респиратори РУ - 60 (ё ҳашт қабат рӯйпуш аз дока) муҳофизат карда мешаванд.
2. Пас аз кор руй ва дастҳо бо об ва собун тоза шӯста мешаванд.
3. Ҳангоми ба чашм расидани воситаҳои дезинфексионӣ, чашмҳо бо оби тоза шӯста мешаванд. Ҳангоми расидани воситаи дезинфексионӣ ба пӯст он бо об шӯста мешавад.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Дар шўъбаи таваллудӣ (зерсохторҳои таваллудхона) аз болои кор бо воситаҳои дизенфиксионӣ назорат бурда мешавад, дурустии истифодаи либосҳои махсус ва дигар чораҳои муҳофизатӣ тибқи талаботҳои стандарт баҳогузорӣ карда мешавад. Пурсиши ҳайати кормандон гузаронида шуда, сатҳи дониши ҳайати кормандон бобати чораҳои эҳтиётӣ ҳангоми кор бо воситаҳои дезинфексионӣ ва амалҳои онҳо ҳамгоми расидани воситаҳои дезинфексионӣ ба чашм ва пўст баҳогузорӣ карда мешавад.

**Стандарти 2.6.** Қоидаҳои дезинфексияи маҳсулоти тиббӣ риоя карда мешаванд.

**Талаботҳои стандарт.**

Кор бо безараргардонии (дезинфексияи) маҳсулоти тиббӣ (маҳсулоти тиббӣ аз шиша, аз маводҳои мустаҳками полимерӣ, резинӣ, асбобҳои тиббӣ, маводҳои тиббӣ, маҳсулотҳои тиббии истифодаи яккарата, воситаҳои нигоҳубини беморон) бо роҳи коркарди онҳо дар автоклав, ҷевонҳои хушкатозакунӣ, тар кардан дар моеъи дезинфексионӣ, ҷўшонидан мутобиқи талаботҳои фармоишҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон №1119 аз 27.12.2014 ва №641 аз 26.12.2012 гузаронида мешавад.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Назорат аз болои гузаронидани корҳо оид ба безараргардонии маҳсулоти тиббӣ аз ҷониби ҳайат гузаронида шуда, дурустии гузаронидани корҳо тибқи талаботҳои стандарт баҳогузорӣ карда мешавад. Пурсиши шахсоне, ки корҳои безараргардониро мегузаронанд гузарнида шуда, сатҳи дониши онҳо бобати меъёрҳо ва қоидаҳои реҷаи безараргардонии маҳсулотҳои тиббӣ баҳогузорӣ карда мешавад.

**Стандарти 2.7.** Қоидаҳои дезинфексияи биноҳо, мебелҳо ва таҷҳизотҳои тиббии санитарӣ - техникӣ риоя карда мешаванд.

**Талаботҳои стандарт.**

Корҳо оид ба безараргардонии (дизенфексияи шифт, деворҳо, дар ва фарш) мебел, таҷҳизотҳои тиббӣ ва санитарӣ-техникӣ тавассути тоза кардани онҳо бо маҳлули безараргардонӣ тибқи талаботҳои фармоишҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон №1119 аз 27.12.2014 ва №641 аз 26.12.2012 амалӣ карда мешаванд.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Назорат оид ба гузаронидани корҳо бобати безараргардонии бино ва мебелҳо аз ҷониби кормандон гузаронида шуда, дурустии иҷроиши онҳо тибқи талаботҳои стандарт баҳогузорӣ карда мешавад. Пурсиши кормандоне, ки корҳои безараргардониро анҷом медиҳанд гузаронида шуда, сатҳи дониши онҳо бобати меъёри реҷаи безараргардонии бино, мебели тиббӣ ва таҷҳизоти санитарӣ-техникӣ баҳогузорӣ карда мешавад.

**Стандарти 2.8.** Қоидаҳои дизинфексияи либосҳои таг, маводҳои рахти хоб ва либосҳои муҳофизатии ҳайат, ки бо ихроҷҳои биологӣ зарарнок (ифлос) гардидаанд, риоя карда мешаванд.

**Талаботҳои стандарт.**

Корҳо оид ба безарраргардонии (дезинфексияи) рахти хоб ва тахпӯши бемор, маводҳои рахти хоб ва либосҳои муҳофизатии ҳайат, ки бо ихроҷҳои биологӣ зарарнок гардидаанд, бо роҳи коркарди онҳо дар камераҳои дизинфексионӣ, автоклавҳо, тар кардан дар маҳлули безараргардонӣ ва ҷӯшонидан дар воситаҳои шустушӯӣ мувофиқи фармоишҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон №1119 аз 27.12.2014 ва №641 аз 26.12.2012 амалӣ карда мешаванд.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Азназаргузаронии камераҳои дезинфексионӣ, ҷойҳои шӯстушӯи (шустушӯйхона) ва зерсохторҳо оид ба корҳои дезинфексионии рахти хоб (тахпӯши бемор, воситаҳои рахти хоб ва либосҳои муҳофизатии ҳайат, ки бо партовҳои биологӣ зарарнок гардидаанд) гузаронида мешаванд. Пурсиши кормандоне, ки барои гузаронидани ин корҳо масъуланд гузаронида шуда, сатҳи дониши онҳо бобати меъёр ва қоидаҳои реҷаи дезинфексионии рахти хоб (рахти хоб ва анҷомҳои бемор, маводҳои рахти хоб ва либосҳои муҳофизатии ҳайат, ки бо партовҳои биологӣ зарарнок гардидаанд) тибқи талаботҳои стандарт баҳогузорӣ карда мешавад.

**Стандарти 2.9.** Қоидаҳои дезинфексияи зарфҳои ошхона риоя карда мешавад.

**Талаботҳои стандарт.**

Корҳо оид ба безараргадонӣ (дезинфексияи) зарфҳои ошхона бо роҳи ғарқ намудани онҳо дар маҳлули дезинфексионӣ ва тоза шӯстан ва обгардон намудан бо об мувофиқи фармоишҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон №1119 аз 27.12.2014 ва №641аз 26.12.2012 гузаронида мешавад.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Назорати корҳои гузаронидашуда оид ба дезинфексияи зарфҳои ошхона дар ҷои тайёр кардани хӯрок ва ҷойҳои тақсимоти хӯрок гузаронида мешавад. Пурсиши кормандони ҷойи хӯрокпазӣ ва ҷои тақсимоти хӯрок, ки корҳои дезинфексиониро амалӣ менамоянд, гузаронида шуда, сатҳи дониши онҳо бобати меъёр ва қоидаи реҷаи дезинфексияи зарфҳои ошхона тибқи талаботҳои стандарт баҳогузорӣ карда мешавад.

**Стандарти 2.10.** Дар шӯъбаи марказонидашудаи тамйизгардонӣ системаи кори муттасил риоя карда мешавад.

**Талаботҳои стандарт.**

Дар шӯъбаи тамйизгардонии марказонидашуда (минбаъд ШТМ) ва ҳуҷраҳои тамйизгардонӣ (ҲТ) низоми кории муттасил мувофиқи талаботҳои фармоишҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон №1119 аз 27.12.2014 ва №641аз 26.12.2012 риоя карда мешавад:

- ШТМ (ҲТ) аз дигар зерсохторҳо ҷудо фаъолият менамоянд;
- иҷозати даромад фақат барои кормандони ШТМ дода шудааст;
- ҳама ҳуҷраҳои ШТМ ба 3 қисм тақсим шудаанд. «Ифлос, тоза ва тамйиз». Нақшабандии ҳуҷраҳо тарзе гузошта шудааст, ки ба ҳам бархӯрдани маводҳои ифлос, тоза ва тамйиз ғайри имкон аст;
- иҷозати ворид ва ё дастрасӣ ба ҷои нигаҳдории воситаҳои тамйизшудаи тиббӣ маҳдуд аст.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Азназаргузаронии ҳуҷраҳои ШТМ гузаронида шуда, иҷроиши талаботҳои стандарт баҳогузорӣ карда мешавад.

**Стандарти 2.11.** Ҳайати ШТМ воситаҳои муҳофизатии фардиро истифода мебарад.

**Талаботҳои стандарт.**

Ҳангоми кор ҳайати ШТМ (ҲТ) воситаҳои муҳофизатиии фардиро мувофиқи талаботҳои фармоишҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон №1119 аз 27.12.2014 ва №641 аз 26.12.2012 истифода мебаранд: дастпӯшакҳо, хилъат, либоси ҷарроҳӣ, калапӯшак, пойафзоли алоҳидаи тарнашаванда, пешдоман ва воситаи муҳофизатии рӯй (айнакҳо).

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Азназаргузаронии ҳуҷраҳои ШТМ (ҲТ) гузаронида шуда, иҷроиши талаботҳои стандарт баҳогузорӣ карда мешаванд.

**Стандарти 2.12.** Қоидаҳои тозакунии пеш аз тамйизгардонӣ риоя карда мешавад.

**Талаботҳои стандарт.**

Тозакунонии пеш аз тамйизгардонии маҳсулоти тиббӣ дар ШТМ (ҲТ) гузаронида мешавад. Ҳангоми мавҷуд набудани онҳо дар муассисаҳои тандурустӣ ҳуҷраҳои алоҳида махсус мувофиқи талаботҳои фармоишҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон №1119 аз 27.12.2014 ва №641аз 26.12.2012 ҷудо карда мешавад.

Тозакунии пеш аз тамйизгардонии маҳсулотҳои тиббӣ пеш аз тамйизгардонии онҳо бо мақсади аз онҳо дур намудани бофтаҳо, чарбҳо, ифлосиҳои механикӣ ва ҳамчунин доруворихо гузаронида мешавад.

Тозакунии пеш аз тамйизгардонии маҳсулоти тиббӣ тавассути даст бо таври зерин гузаронида мешавад:

- шустушӯи асбобҳо баъд аз безараргардонӣ дар маҳлули 0,5% хлор дар муддати 10 дақиқа сар карда мешавад;
- агар имконияти фавран шӯстани асбоб ва дигар ашёҳо набошад, онҳо бо об чақонида шуда, барои пешгирӣ аз зангзанӣ бо сачоқ хушк карда мешаванд;
- шустушӯи асбобҳо бояд зинаҳои зеринро дар бар гирад: бодиққат бо маводҳои шустушӯй ва бо оби тоза чайқонидан ва хушконидан;
- барои пешгирӣ намудани пошхӯрии маводҳои сироятнокшуда, асбобҳо дар зери об шуста мешаванд;
- истифодаи чуткаи нарм, воситаи шуянда ва об;
- истифодаи чуткаи дандоншӯи барои тоза намудани дандонаҳо, пайвастагиҳо ва болтҳо;
- боқимондаҳои собун ва маводҳои шуянда бо оби тоза чайқонида мешаванд;
- дар ҳавои кушод ё бо сачоқи тоза асбобҳо (бо истиснои асбобҳое, ки бо усули ҷушонидан ва бӯғ таъмйиз карда мешаванд) хушк карда мешаванд;

- баъд аз хушконидан асбобҳо барои тамйизгардонӣ тибқи талабот банду баст карда мешаванд.

**Эзоҳ.** Бо усули механикӣ (бо ёрии таҷҳизоти махсус) тозакунии пеш аз тамйизгардонии маҳсулоти тиббӣ ба тариқи равон, рататсионӣ, усулҳои ултрасадоӣ, ва тавассути шётка (бо истифодаи маводҳои махсус ва иловагӣ) вобаста ба дастурамал оид ба истифодабарии он мувофиқ ба таҷҳизоти алоқаманд.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Азназаргузаронии ҳуҷраҳои ШТМ гузаронида мешавад. Ҳамчунин, назорат аз болои корҳои гузаронидашуда оид ба тозакунии пеш аз тамйизгардонӣ низ бурда мешавад. Дурустии гузаронидани онҳо баҳогузорӣ карда мешавад. Пурсиши ҳайати кормандони ШТМ (ҳуҷраҳои тамйизгардонӣ) гузаронида шуда, сатҳи дониши онҳо бобати меъёр ва қоидаҳои гузарондани корҳо оид ба тозакунии пеш аз тамйизгардонӣ тибқи талаботҳои стандарт баҳогузорӣ карда мешавад.

**Стандарти 2.13.** Назорати сифати тозакунии пеш аз тамйизгардонӣ гузаронида мешавад.

**Талаботҳои стандарт.**

Дар ШТМ (ҳуҷраҳои тамйизгардонӣ) назорати сифати тозакунии пеш аз тамйизгардонӣ бо роҳи муоинаи тозагии мукамали ҳолати маводҳои тиббӣ, мувофиқи талаботҳои фармоишҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон №1119 аз 27.12.2014 ва №641 аз 26.12.2012 гузаронида мешаванд:

Натиҷаҳои санҷиши сифати тозакунии пеш аз тамйизгардонӣ бо ҳуҷҷат тасдиқ карда шуда, дар дафтарҳои назорати сифати тозакунии пеш аз тамйизгардонӣ ба қайд гирифта мешавад.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Дар ШТМ (ҳуҷраҳои тамйизгардонӣ) мавҷудияти китобҳои қайди назорати сифати тозакунии пеш аз тамйизгардонӣ, санҷида мешаванд. Пурсиши кормандони ШТМ (ҳуҷраҳои тамйизгардонӣ) гузаронида шуда, дар рафти пурсиш сатҳи дониши кормандон оид ба гузаронидани назорати сифати тозакунии пеш аз тамйизгардонӣ баҳогузорӣ карда мешавад.

**Стандарти 2.14.** Маҳсулотҳои тиббӣ, ки бояд тамйиз гардонида шаванд, мувофиқи талаботҳои муқарраргардида банду баст карда шудаанд.

**Талаботҳои стандарт.**

Маҳсулотҳои тиббӣ пеш аз тамйизгардонӣ мувофиқи талаботҳои фармоишҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон №1119 аз 27.12.2014 ва №641 аз 26.12.2012 банду баст карда мешаванд.

- маҳсулотҳои тиббӣ пеш аз тамйизгардонӣ танҳо тоза ва хушк банду баст карда мешаванд;
- матоъ шӯста шудааст, хушк карда шудааст ва сурохӣ надорад;
- ҳама асбобҳои пайвандшаванда ҷудо ё ин ки дар шакли кушода мебошанд;

Барои банду баст ҳангоми тамйизгардонӣ бо бӯғ (дар автоклавҳо) чунин навъҳои маводҳо истифода бурда мешавад:

- маводи муҳофизатӣ (272-288 ришта) дар як қабат, вале ду маротиба печонида шудааст;

ё ин ки

- коғаз (крафт-коғазҳо ё дигар) ду маротиба печонда мешавад. Коғаз такроран истифода бурда намешавад;
- банду бастҳо сахт баста намешаванд.

Ҳангоми банду баст намудани бикс чунин алгоритмро бояд риоя намуд:

- бикс аз дарун бо матоъ пӯшонида мешавад, ки дар он ашёҳои банду басти лозимӣ гузошта мешаванд;
- зичии ғунҷоиши бикс аз 2/3 ҳаҷми ӯ бояд зиёд набошад;
- дар байни асбобҳои гузошташуда термоиндикатор ҷойгир карда мешавад;
- бо канорҳои матоъ объектҳои тамйизгардонӣ пӯшонида мешаванд;
- аз боло пинсет (корсанг), ки дар коғази алоҳидаи ҳаҷми бар 20Х20 см печонида шудааст, гузошта мешавад. Пас аз ин рӯйпӯши бикс пӯшида мешавад.

ва/ё ин ки:

Ҳангоми истифода аз усули хушктамйизгардонӣ (дар ҷевонҳои хушктамйизгардонӣ) чунин маводҳо истифода бурда мешаванд:

- тӯрҳои (сетка) оҳанин;
- контейнерҳои оҳанин бо рӯйпӯшҳо.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

Назорат аз болои раванди банду басти масолеҳи тиббӣ, ки барои тамйизгардонӣ оварда шудааст дар ШТМ санҷида мешавад. Иҷроиши талаботҳои стандарт баҳогузорӣ карда мешаванд.

**Стандарти 2.15.** Қоидаҳои тамйизгардонӣ риоя карда мешаванд.

**Талаботҳои стандарт.**

Тамйизгардонии маҳсулоти тиббиро дар шӯъбаҳои мутамарказонидашудаи тамйизгардонӣ ва ҳангоми мавҷуд набудани онҳо дар муассиса дар ҳуҷраҳои махсус ҷудонамуда дар шӯъбаҳои табобатӣ мувофиқи талаботҳои фармоишҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон №1119 аз 27.12.2014 ва №641 аз 26.12.2012 мегузаронанд.

Тамоми маводҳое, ки ба захмҳо расида буданд, бо хун ё бо доруворихои воридшаванда, ки дар алоқа буданд, ҳамчунин асбобҳое, ки ҳангоми кор дар пардаҳои луобӣ истифода бурда шуданд ва эҳтимоли вайроншавии қабатҳои онро бармеоранд, тамйиз гардонида мешаванд.

Корҳо оид ба тамйизгардонии маводҳои тиббӣ бо роҳи коркарди онҳо дар автаклавҳо ҷевонҳои хушкатамизгордонии барқӣ, ё усулҳои кимиёвӣ гузаронида мешаванд.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Азназаргузаронии ҳуҷраҳои ШТМ (ҳуҷраҳои тамизгардонӣ) ва назорат аз болои ҷараёни корҳо оид ба тамйизгардонӣ гузаронида мешаванд. Дурустии иҷроиши корҳо оид ба тамйизгардонӣ тибқи талаботҳои стандарт баҳогузорӣ карда мешавад. Пурсиши кормандони ШТМ (ҳуҷраҳои тамйизгардонӣ) гузаронида шуда, сатҳи

дониши онҳо бобати меъёр ва қоидаҳои иҷроиши корҳо оид ба тамйизгардонӣ баҳогузорӣ карда мешавад.

**Стандарти 2.16.** Низоми мониторинги самаранокии тамйизгардонӣ мавҷуд аст

**Талаботҳои стандарт.**

Дафтар (ҷадвал) бо нишондоди вақт ҳарорат ва фишор барои ҳар як ғунҷоиш мавҷуд аст. Дафтар (ҷадвал) ҳуҷҷатгузорӣ карда шуда, пас аз ҳар як ғунҷоиш санҷида мешавад. Назорати тамйизгардонӣ бо усулҳои кимиёвӣ, физикӣ ва бактериологӣ бурда шуда, ҳамзамон воситаҳои чен кардани ҳарорат (термометр, термометри максималӣ), фишор (монувакуметрҳо), ҳисоби вақт, тестҳои кимиявӣ, индикаторҳои термокимиёвӣ ва биотестҳо мувофиқи талаботҳои фармоишҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон №1119 аз 27.12.2014 ва №641 аз 26.12.2012 истифода бурда мешаванд. Назорати кори тамйизгардонӣ ҳангоми ҳар як ғунҷоиши дастгоҳ барои тамйизгардонӣ санҷида мешаванд.

Ҳангоми назорати кори дастгоҳи тамйизгардонӣ ҳайате, ки онро хизматрасонӣ менамояд термометрҳои максималӣ, тестҳои кимиёвӣ, индикаторҳои кимиёвӣ, ё биотестҳо дар қуттиҳо бо маводҳои тамйизгардонидашавандаро мегузорад, аз болои ҳар давраи тамйизгардонӣ оид ба нишондоди дастгоҳҳои назоратии санҷишӣ назорат мебарад ва дар бораи имконияти истифодаи маводҳои тамйизгардонидашуда дар дафтари кор оид ба тамйизгардонӣ хулосаи худро қайд менамояд.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Пурсиши ҳайати кормандони ШТМ (ҳуҷраҳои тамйизгардонӣ) гузаронида мешавад, ки дар раванди истифодаи усулҳои назорати кори тамйизгардониҳои буғӣ ва ҳавоӣ муайян карда мешавад. Воқеият ва муосир будани усулҳои назорат тибқи талаботҳои стандарт баҳогузорӣ карда мешаванд.

**Стандарти 2.17.** Дурустии нигоҳдории масолеҳи тамйизгардонидашудаи тиббӣ таъмин карда мешавад.

**Талаботҳои стандарт.**

Нигоҳдошти маводҳои тамйизгардонидашудаи тиббӣ дар мувофиқа бо талаботҳои фармоишҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон №1119 аз 27.12.2014 ва №641 аз 26.12.2012 ба роҳ монда мешавад:

- маводҳои тамйизгардонидашудаи тиббӣ дар минтақаи маҳкам (бинои алоҳида) бо дастрасии маҳдуди кормандон ба онҳо нигоҳ дошта мешаванд;
- ҳамаи бастаҳо ва зарфҳо аз чанг, намӣ, ҳайвонот ва ҳашарот эмин нигоҳ дошта мешаванд (дар бастҳои тамйизгардонидашуда даридагиҳо, ҷойҳои намнок, чанг вуҷуд надорад);
- маҳсулотҳои тозаи тиббӣ якҷоя бо ашёҳои тамйизгардонидашуда нигоҳ дошта намешаванд;
- маводҳои печониданашудаи тиббӣ зуд истифода бурда шуда, нигоҳ дошта намешаванд;
- дар банду бастҳои тамйизгардонидашуда ва ё зарфҳо санаи гузаронидани тамйизгардонӣ гузошта мешавад;

- банду бастҳо ва зарфҳо бо ашёҳои тамйизгардонидашуда бояд дар масофаи 20-25 см аз фарш 40-50 см аз шифт ва 15-20 см аз девори берунӣ нигоҳ дошта мешаванд.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Маводҳои тамйизгардонидашудаи тиббӣ дар ШТМ, ҳуҷраҳои тамйизгардонӣ, қисми ҷарроҳӣ, ҳуҷраҳои таввалудӣ ва амалиётӣ аз назорат гузаронида шуда, иҷроиши талаботҳои стандарт оид ба дуруст нигоҳдории маводҳои тамйизгардонидашудаи тиббӣ баҳогузорӣ карда мешавад.

**Стандарти 2.18.** Гигиенаи дастҳои ҳайати кормандони тиб риоя карда мешавад.

**Талаботҳои стандарт.**

Ҳайати кормандони тиб гигиенаи дастҳоро тибқи талаботҳои фармоишҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Æумҳурии Тоҷикистон №1119 аз 27.12.2014 сол ва №641 аз 26.12.2012 сол риоя мекунанд.

Пеш аз ҳар як амалиёт ва ҳамчунин пеш ва пас аз кашидани дастпӯшакҳо кормандони тиб тозагии дастҳоро риоя менамоянд:

- дастҳоро бо собун дар оби равон 10-15 сония мешӯянд ва бо сачоқҳои тозакардашудаи матогӣ ва ё яккаратаи коғазӣ хушк мекунанд;
- дар ҳолате ки дар дастҳо ифлосӣ дида намешавад, дастҳоро бо 3-5 миллилитр антисептик то пурра хушк шудани моеъ дар дастҳо коркард мекунанд.

Алгоритми шустушӯй ва коркарди дастҳо дар мутобиқат бо стандартҳои дар боло зикргардида, дар ҳуҷраҳои доругузаронӣ, таваллудӣ, баъди таваллудӣ, амалиётхонаҳо ва қисми ҷарроҳӣ дар шакли овезаҳои деворӣ овезон карда мешаванд. Собун (резекардашуда ва бо шакли маҳлул), дозаторҳо бо антисептикҳо ва сачоқҳои яккарата вуҷуд доранд.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Дар ҳуҷраҳои доругузаронӣ, таваллудӣ, пас аз таваллудӣ, амалиётхонаҳо ва қисми ҷарроҳии таваллудхонаҳо мавҷудияти овезаҳои деворӣ оид ба алгоритми шустушӯй ва коркарди дастҳо аз ҷониби ҳайати тиббӣ санҷида мешаванд. Мавҷудияти миқдори лозимии собун, дозатрҳо бо антисептикҳо ва сачоқҳои яккарата барои риояи тозагӣ аз ҷониби ҳайати кормандони тиб санҷида мешаванд. Дуруст иҷро намудани алгоритми шустушуй ва коркарди дастҳо аз ҷониби ҳайати кормандони тиб назорат карда мешавад.

**Стандарти 2.19.** Дастҳои ҳайати кормандони тиб пеш аз валодат ва амалиётҳои ҷарроҳӣ безарар гадонида мешаванд.

**Талаботҳои стандарт.**

Пеш аз қабули валодат ва ҳар гуна амалиётҳои ҷарроҳӣ ҳайати кормандони тиб безараргардонии дастҳоро тавассути шустушӯй ва коркард бо антисептикҳо мегузаронанд. Безараргардонии дастҳо аз ҷониби ҳайати кормандони тиб мувофиқи талаботҳои фармоишҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон №1119 аз 27.12.2014 ва №641 аз 26.12.2012 ба роҳ монда мешавад.

Алагоритми безараргардонии дастҳо тибқи фармоиши дар боло зикргардида, дар ҳар як ҳуҷраи инфиродии валодат, қисматҳои таваллудӣ, ҷарроҳӣ, бахшҳои ҷарроҳӣ калонсолон ва кӯдакона, дар шакли овезаҳои деворӣ мавҷуданд. Собун ва

дозатрҳо бо антисептикҳо, тампонҳои пахтагин ва дастпокунакҳои тамйизгардонидашуда мавҷуданд.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Дар ҳуҷраҳои фардии валодат, қисматҳои таваллудӣ ва ҷарроҳии таваллудхонаҳо (шӯъбаҳо) мавҷудияти овезаҳои деворӣ оид ба алгоритми безараргардонии дастҳо аз ҷониби ҳайати кормандони тиб санҷида мешаванд. Мавҷудияти миқдори зарурии собун бо дозатрҳо, антисептикҳо, тампонҳои пахтагин ва дастпоккунакҳои тамйизгардонидашуда санҷида мешавад. Дуруст иҷро намудани алгоритми безараргардонии ва коркарди дастҳо аз ҷониби ҳайати кормандони тиб назорат карда мешавад.

**Стандарти 2.20.** Ҳангоми таваллуд ва амалиётҳои ҷарроҳӣ ҳайати тиббӣ аз воситаҳои муҳофизатии фардӣ истифода мекунанд.

**Талаботҳои стандарт.**

1. Мувофиқи талаботҳои фармоишҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон №1119 аз 27.12.2014 ва №641 аз 26.12.2012 ҳайати кормандони тиб дар ҳар ҳолат, ки бо хун дар алоқа мешаванд, бо дигар маводҳои эҳтимол дар алоқабуда, бо пардаҳои луобӣ ё пӯст ҳатман дастпӯшакҳо мепӯшанд.

2. Кормандони тиббе, ки бо беморон ҳангоми амалиётҳои ҷарроҳӣ дар ҷарроҳгоҳ бо беморон дар алоқа мешаванд, воситаҳои муҳофизатии фардии зеринро истифода мебаранд:

- либоси тамйизгардонидашудаи ҷарроҳӣ;
- калапӯшҳои тозаи ҷарроҳӣ, ки тамоми мӯйҳоро мепӯшонанд;
- дастпӯ шакҳои тамйизшуда;
- пояфзоли тозаи маҳкам бо пойпушҳо, ки бо ҳамчун муҳофизат аз обиятҳои рехта ва дигар ашёҳои афтида хизмат мекунанд;
- айнакҳо, ё ин ки муҳофизаткунандаҳои рӯй;
- ниқоби тамйизгардонидаи докагӣ, ки даҳон ва биниро маҳкам менамояд.

3. Ҳангоми амалиётҳои ҷарроҳӣ дар амалиётхона кормандони тиббе, ки бо беморон бо беморон дар алоқа мешаванд, воситаҳои муҳофизатии фардии зеринро истифода мебаранд:

- хилъати тамйизгардонидашуда;
- пешдомани тозаи резинӣ ё пластикӣ;
- дастпушакҳои тамйизшуда;
- пешдомани тозаи резинӣ ё пластикӣ;
- ниқоби тамйизгардонидаи докагӣ, ки даҳон ва биниро маҳкам менамояд.

4. Ҳангоми валодат (давраи 2-3) кормандони тибе, ки бо зани зоянда дар алоқа мешаванд, воситаҳои муҳофизатии фардии зеринро истифода мебаранд:

- хилъати тамйизгардонидашуда;
- ниқоби тамйизгардрнидаи докагӣ, ки даҳон ва биниро маҳкам менамояд (аз рӯи нишондодҳои эпидемикӣ);
- калапӯшҳои тозаи ҷарроҳӣ, ки тамоми мӯйҳоро мепӯшонанд;
- дастпӯшакҳои тамйизшуда;

- пояфзоли тозаи маҳкам бо пойпӯшҳо, ки бо ҳамчун муҳофизат аз обиятҳои рехта ва дигар ашёҳои афтида хизмат мекунанд;
- айнакҳо, ё ин ки муҳофизаткунандаҳои рӯй;
- пешдомани тозаи резинӣ ё пластикӣ.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Азназаргузаронии амалиётҳое, ки бо хатар вобастаанд дар реҷаи вақти реалӣ гузаронида мешавад. Истифодабарии воситаҳои муҳофизати фардӣ (мавҷуд будани захираи онҳо), ки дар талаботи стандарт оварда шудаанд баҳогузорӣ карда мешаванд.

**Стандарти 2.21.** Реҷаи шӯоъзании ҳуҷраҳо тавассути фурузонакҳои бактерисидӣ риоя карда мешавад.

**Талаботҳои стандарт.**

Мунтазам шӯоъзании хуҷраҳо, дар ҷойҳое, ки он зарурият дошта бошад, тавассути фурузонакҳои бактерисидӣ мувофиқи талаботҳои муқарраргардидаи фармоиши Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон №1119 аз 27.12.2014 гузаронида мешавад. Мӯҳлати шӯоъзании биноҳо тавассути фурузонакҳои бактерисидӣ 60 дақиқаро ташкил медиҳад. Баъди шӯоъзанӣ ҳавои биноҳо на камтар аз 15 дақиқа тоза карда мешавад. Дафтарҳои қайди гузаронидани шӯоъзании хӯҷраҳо, шиносномаҳои фурузонакҳои бактерисидӣ мавҷуданд. Фурузонакҳои бактерисидӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд ва баъд аз коркард дар муддати муқарраршудаи соатҳо (мувофиқи шиноснома) иваз карда мешаванд.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Тибқи дафтари қайди шӯоъзании хуҷраҳо мунтазамият, экспозитсияи лозимии шӯоъзании ҳуҷраҳо ва ба ҳисобгирии кори фурузонакҳои квартсӣ санҷида мешавад. Санҷиши шиносномаҳои фурузонакҳои шӯоъзани квартсӣ вобаста ба дурустии мӯҳлати истифодаи шӯоъзанҳои бактерисидӣ санҷида мешавад. Пурсиши ҳайати кормандони тиб оид ба донистани реҷаи шӯоъзании хуҷраҳо бо фурузонакҳои бактерисидӣ гузаронида мешавад.

**Стандарти 2.22.** Реҷаи санитарию гигиенӣ дар биноҳо риоя карда мешавад.

**Талаботҳои стандарт.**

Реъҷаи рӯбучини биноҳо мувофиқи талаботҳои фармоишҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон №1119 аз 27.12.2014 ва №641 аз 26.12.2012 риоя карда мешавад.

Ҷадвали рӯбучини биноҳо дар тамоми зерсохторҳо мавҷуд аст ва дар ҷойҳои намоён (дар деворҳо) овезон карда шудааст. Ҳангоми тоза кардани биноҳо ҳайати кормандон аз воситаҳои муҳофизати фардӣ (хилъат, пояфзоли маҳкам, калапӯш, дастпӯшакҳои хоҷагӣ, рӯйпӯшҳо) истифода мебаранд.

Ҷиҳозҳои рӯбучин (сатил, зарфҳо барои шӯстани деворҳо, шоткаҳо) ва захираи кифояи воситаҳои шустушӯӣ ва дезинфексионӣ барои гузаронидани рӯбучини биноҳо мавҷуданд. Тамоми асбобҳои рӯбучин тамғаи худро доранд, бо нишондоди биноҳо ва бо мақсад истифода бурда мешаванд, онҳо дар ҷойҳои махсуси барои ин ҷудо кардашуда нигоҳ дошта мешавад.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Дар зерсохторҳо мавҷудияти ҷадвали рӯбучин, ҷиҳозҳо, воситаҳои муҳофизати фардии ҳайати кормандон ва захираи кофии воситаҳои шустушӯӣ ва дезинфексионӣ барои гузаронидани тозакунӣ санҷида мешавад. Мӯҳргузории дуруст ва нигоҳубини асбобҳои рӯбучин баҳогузорӣ карда мешавад. Ба мақсади муайян намудани рӯбучин тозагии биноҳо аз назар гузаронида мешаванд. Пурсиши ҳайати кормандоне, ки барои гузарондани рӯбучин масъул мебошанд, вобаста ба донистани реъҷаи рӯбучин (пешакӣ, ҷорӣ, хотимавӣ ва куллӣ) гузаронида мешаванд. Пурсиши беморон оид ба мунтазамият ва сифати гузаронидани рӯбучинҳо дар ҳуҷраҳои бистарӣ (табобатӣ) гузаронида мешаванд.

**Стандарти 2.23.** Қоидаҳои нигоҳдории маводҳои ташхисӣ дар озмоишгоҳ риоя карда мешавад.

**Талаботҳои стандарт.**

Қоидаҳои нигоҳдории маводҳои ташхисӣ дар озмоишгоҳ мувофиқи талаботҳои фармоишҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Æумҳурии Тоҷикистон №1119 аз 27.12.2014 ва №641 аз 26.12.2012 карда мешавад.

1. Маводҳои ташхисӣ дар биноҳои хушк дар ҷевонҳо ё рафҳо (ҳангоми зарурият дар ҷойҳои торик, дар яхдонҳо, дар сефҳо) нигоҳ дошта мешаванд.

2. Реҷаи ҳароратии нигоҳдории доруҳо риоя карда мешавад, яхдонҳо барои нигоҳдории маводҳои ташхисӣ мавҷуданд. Дар яхдон термометр барои чен кардани ҳарорат, ки дар дафтар қайд карда мешавад, мавҷуд аст.

3. Маводҳои ташхисӣ мӯҳлати истифодаашон гузашта мавҷуд нест. Санадҳо оид ба аз эътибор соқит донистани маводҳои ташхисии мӯҳлати истифодаашон гузашта мавҷуд мебошад.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Дар мувофиқа бо талаботи стандарт санҷида мешаванд:

- шароити нигаҳдории маводҳои ташхисӣ;
- мавҷудияти яхдонҳо ва термометрҳо дар яхдонҳо;
- мавҷудияти дафтари қайди реҷаи ҳароратӣ;
- дурустии риояи реҷаи ҳароратӣ ҳангоми нигоҳдории маводҳои ташхисӣ;
- мӯҳлати истифодаи маводҳои ташхисӣ дар озмоишгоҳ мавҷуд буда ва санадҳо оид ба аз эътибор соқит донистани маводҳои ташхисии мӯҳлати истифодаашон гузашта.

**Стандарти 2.24.** Қоидаҳои нигоҳдории маводҳои доруворӣ риоя карда мешаванд.

**Талаботҳои стандарт.**

1. Дар шӯъбаҳо ва дорухона мунтазам назорат аз рӯи қоидаи нигоҳдории маводҳои дорувории мувофиқи фармоишҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон №1119 аз 27.12.2014 ва №641 аз 26.12.2012 гузаронида мешавад (аз ҷониби Комиссия оид ба сифат ва бехатарӣ, мудирони шӯъбаҳо, ҳамшираи калони шафқат ва ҳамшираҳои шафқат).

2. Маводҳои дорувории дар ҳуҷраҳои хушк (ҳангоми зарурият дар ҷойҳои торик) дар сейфҳо, ҷевонҳо ва рафҳои мӯҳркунондашуда нигоҳ дошта мешаванд.

3. Яхдонҳои махсус барои нигоҳ доштани маводҳои доруворӣи термолабилӣ мавҷуданд. Реҷаи ҳарорат дар яхдонҳо риоя карда мешавад (термометрҳо ва дафтарҳои қайди реҷаи ҳарорат мавҷуданд).

4. Маводҳои доруворӣ бо мӯҳлати истифодаашон гузашта мавҷуд нестанд. Механизми бозпас гирифтан ва несту нобут сохтуни маводҳои доруворӣи мӯҳлаташон гузашта вуҷуд дорад. Ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда оид ба бозпас гирифтан ва несту нобут сохтуни маводҳои доруворӣи мӯҳлаташон гузашта вуҷуд дорад.

5. Ҷойҳои нигоҳдории маводҳои доруворӣ бо чораҳои муҳофизатӣ таъминанд (панҷараҳои оҳанин, овоздиҳандаи муҳофизатӣ).

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Иҷрои талаботҳои стандарт тавассути азназаргузаронӣ дар дорухона ва шӯъбаҳо баҳогузорӣ мешаванд.

**Стандарти 2.25.** Қоидаҳои нигоҳдории эмдоруҳо (ваксинаҳо) риоя карда мешаванд.

**Талаботҳои стандарт.**

Дар хуҷраҳои эмгузаронӣ мунтазам назорати иҷроиши қоидаҳои нигоҳдории ваксинаҳо мувофиқи талаботҳои фармоиши Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ № 643, аз 07.08.2014 бурда мешавад. Ваксинаҳо дар яхдонҳои махсус нигоҳ дошта мешаванд. Реҷаи ҳарорат дар яхдонҳо риоя карда мешавад (термометрҳо ва дафтарҳои қайди реҷаи ҳарорат мавҷуданд).

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Иҷроиши талаботҳои стандарт тавассути азназоргузаронии хуҷраҳои эмгузаронӣ баҳогузорӣ мешавад.

**Стандарти 2.26.** Қоидаҳои нигоҳодории хун ва ҷузҳои он риоя карда мешаванд.

**Талаботҳои стандарт.**

Хун ва ҷузҳои он мувофиқи талаботҳои фармоишҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон №1119 аз 27.12.2014 ва №641 аз 26.12.2012 нигоҳ дошта мешаванд. Хун дар яхдонҳои махсуси тиббӣ, ки танҳо барои нигоҳдории хун ҷудо карда шудаанд, нигоҳ дошта мешавад. Ҳарорати нигоҳдории онҳо аз +2 до +6°С. Ҷузъҳои плазмавии хун дар камераҳои яхдонҳои тиббӣ бо ҳарорати аз -20 то -40°С нигоҳ дошта мешаванд. Термометрҳо ва системаи мунтазами маниторинги ҳарорат мавҷуд аст (ҳарорат дар яхдонҳо ва камераҳои яхдонҳо дар дафтари қайди реҷаи ҳарорат на камтар аз ҳар як 4 соат қайд карда мешавад).

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Азназаргузаронии шароити нигаҳдории хун ва ҷузҳои он тибқи талаботҳои стандарт гузаронида мешавад.

**Стандарти 2.27.** Барои гузаронидани хун танҳо хуни донорҳои аз тест гузаронидашуда истифода бурда мешавад.

**Талаботҳои стандарт.**

Мувофиқи талаботҳои фармоишҳои Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон №641 аз 26.12.2012 барои гузаронидани хун ба ресипиентҳо хуни донорие истифода бурда мешавад, ки тестҳоро нисбат ба сироятҳои гемотрансмиссивӣ гузаштаанд (ВИЧ, зарпарвинҳои вирусии В ва С, оташак (сифилис), бруселлез, табларза).

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.** Санҷиши ҳуҷҷатҳое, ки иҷроиши талаботҳои стандартро тасдиқ менамоянд (кортҳои донорҳо дар шӯъбаҳои трансфузиологӣ), гузаронида мешавад.

**Эъзоҳ:** Стандарти мазкур танҳо дар муассисаи тандурустие, ки шӯъбаи трансфузиологӣ дорад санҷида мешавад.

**Стандарти 2.28.** Ҳангоми гузаронидани хун (гемотрансфузия) тадқиқотҳои иммуногемотологии зарурӣ гузаронида мешавад.

**Талаботҳои стандарт.**

Пеш аз амалиёти гузаронидани хун тадқиқотҳои зерини иммуногематологии бемор мувофиқи талаботҳои фармоиши Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон №641 аз 26.12.2012 гузаронида мешавад:

- муайянсозии гуруҳи хун ва резус – мансубияти бемор;
- муайянсозии гуруҳи хун ва резус – мансубияти (зарф) хуни донорӣ;
- гузаронидани санҷиши мутобиқатии фардӣ аз рӯи системаи АБО, резуси эритроситҳои донор ва зардобаи хуни руципиент, гузаронидани тест оид ба мутобиқат ба эритроситҳои хуни донор;
- тадқиқоти хун тавассути резус - система (муайян кардани антигени Д);
- гузаронидани санҷиши биологӣ.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Ҳуҷҷатҳое, ки иҷроиши талаботҳои стандартро тасдиқ менамоянд, санҷида мешаванд (пайнавишти гузаронидани хун - гемотрансфузии, китоби бақайдгирии гузаронидани ҷузҳои хун).

**Стандарти 2.29.** Чорабиҳои бехатарӣ ҳангоми кор бо бо эмдоруҳо (ваксинаҳо) риоя карда мешаванд.

**Талаботҳои стандарт.**

Эмгузарониҳои профилактикиро тибқи талаботҳои фармоиши Вазорати тандурустӣ аз 07.08.2014 сол, №643, шахсоне мегузаронанд, ки маълумоти тиббӣ доранд ва тайёрии махсусро тибқи тартиботи мақарраргардида гузаштаанд (шаҳодатномаҳо мавҷуданд). Барои эмгузаронии навзодон эмдоруҳое истифода бурда мешаванд, ки аз қайди давлатӣ тибқи тартиби муқарраргардида гузаштаанд.

Талаботҳо оид ба чорбаниҳои бехатарӣ ҳангоми кор бо эмдоруҳо риоя карда мешаванд. Пеш аз истифодаи эмдоруҳо мӯҳлати истифодаи онҳо ва ҳалкунандаи онҳо (агар мавҷуд бошанд), мавҷудияти нишонаҳои корноомӣ (аломатҳои контаминатсия) (ифлосшавӣ ва ҳамчунин мавҷудияти нишонаҳои таъсири гармӣ ва хунукӣ) санҷида мешавад.

- дар зарфи хурд ё шишача ҷои кафида мавҷуд бошад;
- шакли зоҳирии эмдору дигаргун шуда бошад, ё дар дохили он зарраҳо ба назар расанд;
- сарпӯши шишачаи эмдору бо сӯзани ифлос ё сӯзани тоза дар сӯзандоруи истифодашуда сурох карда шуда бошад;
- эмдорӯи лиофилизиатсияшуда (хушк) (КПК, ККВ, БСЖ) зиёда аз 6 соат баъди ҳал кардан кушода шуда бошад;
- зарфи хурд бо маҳлули эмдору (АКДС, АДС, АДС-М, ВГВ, ОПВ) 5 рӯз пеш кушода шуда бошад;
- мавҷудияти нишонаҳои таъсири зараровари ҳарорати баланд ба термоиндикаторҳои шишачаҳои эмдору (ФИВ).

Барои баркарор намудани эмдорухои лиофилизиратсияшуда (хушк) (КПК, ККВ, БСЖ) ҳамаи маҳлули ҳалкунанда зарфи хурд (шишача) истифода бурда мешавад.

Барои баркарор намудани (ҳалкунии) эмдорухои (хушки) лиофилизиратсионӣ (КПК, ККВ, БСЖ) бояд сӯзандорӯи яккарата бо сӯзани тамйизгардонидашуда истифода бурда шавад, ки зуд пас ҳалкунӣ бе маҳкамкунии ғилофак (нуг) ба сӯзан ба қуттӣ барои партовҳо партофта мешавад.

**Баҳогузории ичроиши стандарт.**

Шаҳодатнома оид ба гузаштани тайёрии махсус ва аттестатсия оид ба масъалаҳои иммунапрофилактика аз назар гузаронида мешаванд. Аз қайди давлатӣ гузаштани эмдоруе, ки барои эмгузаронӣ истифода бурда мешавад санчида мешавад. Азназаргузаронии ҳуҷраҳои эмгузаронӣ вобаста ба риояи чораҳои бехатарӣ ҳангоми кор бо эмдоруҳо тибқи талаботҳои стандарт санҷида мешавад. Пурсиши ҳайати кормандони ҳуҷраи эмгузаронӣ гузаронида шуда, ва сатҳи дониши онҳо вобаста ба қоидаҳои бехатарии кор бо эмдоруҳо баҳогузорӣ карда мешавад.

**Стандарти 2.30.** Чорабиниҳои бехатарӣ ҳангоми эмгузаронӣ риоя карда мешаванд.

**Талаботҳои стандарт.**

Чораҳо оид ба бехатарии ҳангоми эмгузаронӣ тибқи талаботҳои фармоиши Вазорати тандурустӣ аз 07.08.2014, №643 риоя карда мешавад:

- барои эмгузаронии ваксинаҳо танҳо сӯзандоруҳои худмаҳкамшаванда истифода бурда мешаванд (ХМ-сӯзандоруҳо). Дар ҳолатҳои мавҷуд набудани ХМ-сӯзандоруҳо, сӯзандоруҳои яккарата ва сӯзанҳои тамйизгардонидашуда истифода бурда мешаванд;
- пеш аз истифодаи сӯзандору ҳатман бутунӣ будани қуттии сӯзандору ва сӯзан санҷида мешавад. Ҳангоми мавҷуд будани сӯрохиҳо, даридагиҳо ё дигар намуди нуқсонҳо, сӯзандору ва сӯзан ба қуттии партовҳо партофта мешавад;
- қуттии партовҳо бояд дар миз барои гузаронидани эмдору дар тарафи рости корманди тиб (эмгузаронанда) ҷойгир бошад;
- ҳар як эмдору бояд танҳо бо сӯзандору ва сӯзани ҳаҷм ва андозаи муносиб гузаронида шавад;
- эмдору аз зарфи хурд (шишача) тавассути ҳамон сӯзандоруе, ки эмгузаронӣ гузаронида мешавад, гирифта мешавад;
- қаблан гирифтани эмдору дар сӯзандору ва якуякбора дар якчанд сӯзандору қатъиян манъ мебошпд;
- дар ҳуҷраҳои эмгузаронӣ ҳангоми гузарондани эмҳо дастпӯшакҳои яккарата истифода бурда намешаванд;
- коркарди ҷои гузаронидани эмдору бо оби дистилятсияшуда гузаронида мешавад;
- истифодаи як тампон бо антисептикҳо барои тоза кардани резинаи рӯйпуши зарфи хурд бо эмдору, маҳлули ҳалкунанда ва тоза кардани пӯсти кӯдак манъ карда шудааст;
- баъд аз тақсимоти эмдоруҳо ва кушодани эмдору дар зарфи хурд (шишиача бо эмдору) ҳатман бояд сана ва вақти кушодан/ҳал кардани эмдору дар қуттӣ дарҷ карда шавад.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Азназаргузаронии ҳуҷраи эмгузаронӣ ҷиҳати риояи чораҳои бехатарии эмгузаронӣ дар мутобиқат бо талаботҳои стандарт санҷида мешаванд. Пурсиши ҳайати кормандони ҳуҷраи эмгузаронӣ мешаванд, дониши ҳайат вобаста ба қоидаҳои бехатарии эмгузаронии ваксина баҳогузорӣ карда мешавад.

**Стандарти 2.31.** Қоидаҳои бехатарии нобуд сохтани маводҳои истифодашудаи эмгузаронӣ ва боқимондаҳои эмдору риоя карда мешаванд.

**Талаботҳои стандарт.**

Қоидаҳои бехатарии нобуд сохтани маводҳои истифодашудаи эмгузаронӣ ва боқимондаҳои эмдору тибқи талаботҳои фармоиши Вазорати тандурустӣ аз 07.08.2014 сол, №643 риоя карда мешаванд:

- эмдоруҳои омехтакардашудаи лиофилизиратсионӣ (КПК, ККВ, БЦЖ) баъд аз 6 соати пас аз омехтакунӣ охири рӯзи корӣ нобуд карда мешавад;
- дар охири рӯзи корӣ зарфҳои хурд бо ваксинаҳо, ки аз ҳудуди ҳуҷраи эмгузаронӣ берун бурда шуда буданд, нобуд карда мешаванд;
- зарфҳои хурд (шишачаҳо) ва боқимондаҳои эмдоруҳо дар охири рӯзи корӣ эмдоруҳо ба қуттиҳои партовҳо бехатар бе безараргардонии пешакӣ партофта мешаванд (ба ғайр аз шишиачаҳо бо БЦЖ эмдору);
- боқимондаҳои эмдорӯи БЦЖ дар шишачаҳо тавассути ғутондани онҳо дар маҳлули 3%-и хлор на камтар аз 1 соат безарар гадонида мешаванд. Пас аз ин шишачаҳо ба қуттиҳои партови бехатар партофта мешаванд;
- ҳангоми ба сӯзандору гирифтани эмдорӯи БЦЖ ҳаво аз сӯзандору бояд ба пахта бароварда шавад ва ин пахта ба қуттии партови бехатар партофта шавад;
- тампони пахтагин, сӯзандору бо сӯзан пас аз гузаронидан бояд ба қуттии партови бехатар бе маҳкамкунии ғилофак (нуг) ба сӯзан ва коркарди дезинфексионӣ ба қуттии партови бехатар партофта мешавад;
- ғилофаки сӯзан ва қуттии сӯзандору бояд ба партовгоҳи маишӣ партофта шавад;
- қуттии партовҳои бехатар бояд ки аз ҳад зиёд пур набошанд ва 1/3 ҳаҷми он пур карда мешаванд (ба тарзи миёна дар қуттӣ 100 дона сӯзандоруҳо бо сӯзанҳои 0,5мг ҷой карда мешаванд);
- корманди тибби масъул, ки дар ҳуҷраи эмгузаронӣ кор мекунад, дар қуттии партовҳои бехатар бояд сана ва мӯҳлати оғоз ва ниҳоии пур шудани қуттиро дарҷ намояд;

Қуттиҳои партовҳои бехатар ба воситаи сӯзондан дар ҷойҳои барои аҳолӣ дастнорас нобуд карда мешаванд:

- дар шаҳрҳои калон мувофиқи ҳуҷҷатҳои меъёрии дар ҷумҳурӣ амалкунанда оид ба идоракунии партовҳои тиббӣ;
- дар маҳал ва деҳот дар чуқуриҳои кушодаи (ҳаҷми 50 дар 50 см ва чуқурии 100 см). Дар партовгоҳи умумӣ ва ҷамъиятӣ партофтани қуттиҳои партови бехатарӣ манъ карда мешавад.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Азназаргузаронии ҳуҷраи эмгузаронӣ, ҷойҳои нобуд кардани партовҳои тиббӣ иҷроиши талаботҳои бехатарии нобуд сохтани маводҳои истифодашудаи эмгузаронӣ ва

боқимондаҳои эмдоруҳо тибқи талаботҳои стандарт гузаронида мешавад. Пурсиши ҳайати кормандони ҳуҷраи эмгузаронӣ гузаронида шуда, сатҳи дониши ин ҳайат вобаста ба қоидаҳои бехатарии нобуд сохтани маводҳои боқимондаи эмгузаронӣ ва боқимондаи эмдоруҳо баҳогузорӣ карда мешавад.

**Стандарти 2.32.** Системаи ҳавоивазкунакҳои даромади ҳавои тоза ва ҳавокаш бо майли механикӣ дар ҷойҳои лозима мавҷуд аст.

**Талаботҳои стандарт.**

Биноҳои толорҳои ҷарроҳӣ, амалиётӣ, таваллудӣ, ҳуҷраҳои табобати шиддатнок, наҷот, озмоишгоҳҳо, ташхисҳои рентгенологӣ, ошхона, шустушӯйхона ва дорухона бо системаи ҳавоивазкунакҳои даромади ҳавои тоза ва ҳавокаш бо майли механикӣ (роҳҳои ҳавоивазкунаҳои фардӣ, роҳҳои ҳавокашҳои фардӣ «ҷевонҳо») муҷаҳҳаз гардонида шудаанд.

Ҳавоизкунакҳои кашишии механикӣ дар биноҳои шустушӯйхона, душ (ҳамом), ҳуҷраҳои санитарӣ, ҳуҷраҳо барои маводҳои нарми истифодашуда (ифлос), нигоҳдории муваққатии партовҳо, анборҳо барои нигоҳдории воситаҳои дезинфексионӣ ва ҳоҷҷатхонаҳо мавҷуданд. Мунтазам назорати профилактикӣ ва таъмири системаи ҳавоивазкунӣ гузаронида мешавад ва ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда мавҷуданд.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Дар биноҳое, ки дар талаботи стандарт нишон дода шудаанд, мавҷудияти ҳавоивазкунаҳои даромад ва баромади ҳаво аз назар гузаронида мешавад. Азназаргузарониии ҳолати техникии ҳавоивазкунаҳо гузаронида шуда, дуруст истифодабарии онҳо тавассути пурсиши ҳайат баҳогузорӣ карда мешавад. Ҳуҷҷатгузорие, ки муоинаи профилактикӣ ва таъмири системаи ҳавоивазкуниро тасдиқ менамояд санҷида мешавад.

**Стандарти 2.33.** Дар ҷойҳои лозимӣ системаи нигоҳдориии ҳарорати муътадили ҳаво (кондитсионер) мавҷуд аст.

**Талаботҳои стандарт.**

Системаи нигоҳдориии ҳарорати муътадили ҳаво (кондитсионер) мувофиқи талаботҳои фармоиши ВТҲИА ҶТ №1119 аз 27.12.2014 дар ҳуҷраҳои озмоишгоҳ, ташхиси фаросавтӣ, амалиётхона, басту банд, таваллудӣ, баъд аз ҷарроҳӣ, ҳуҷраҳои табобати шиддатнок ва наҷот мавҷуданд.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Мавҷудиати системаи нигоҳдориии ҳарорати муътадили ҳаво (кондитсионер) дар биноҳои дар талаботи стандарт ва фармоиши ВТҲИА ҶТ №1119 аз 27.12.2014 дарҷ гардида, аз назар гузаронида мешаванд. Ҳолатҳои техникии кондитсионерҳо санҷида шуда, пурсиши ҳайат оид ба дуруст истифодабарии онҳо гузаронида мешавад.

**Стандарти 2.34.** Дар ҷойҳои зарурӣ дастгоҳҳо барои безараргардонии ҳаво мавҷуданд.

**Талаботҳои стандарт.**

Воситаҳои (фильтр-безарараргардонӣ) дар системаи ҳавоивазкунакҳои даромади ҳавои тоза ва ҳавокаш, инчунин кондитсионреҳо барои безарраргардонии ҳавои даромад мувофиқи талаботҳои фармоиши ВТҲИА ҶТ №1119 аз 27.12.2014 дар ҳуҷраҳои

ҷаррохӣ, амалиётхона, таваллудӣ, наҷот, баъдиҷаррохӣ ва хуҷраҳои табобати шиддатнок мавҷуданд.

Назорати сатҳи ифлосшавии филтрҳо ва самаранокии фаъолияти дастгоҳҳои безарраргардонии ҳаво гузаронида мешавад. Филтрҳо ҳангоми ифлос гардидани онҳо иваз карда мешавад, вале на камтар аз дастури корхонаи истеҳсолкунанда.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Мавҷудиати восиатаҳои безарарагардонии ҳавои даромад (филтрҳо) дар системаи ҳавоивазкунакҳои даромади ҳавои тоза ва ҳавокаш, инчунин системаи нигоҳдориии ҳарорати муътадили ҳаво (кондитсионерҳо) дар биноҳои дар талаботи стандарт ва фармоиши ВТҲИА ҶТ №1119 аз 27.12.2014 дарҷ гардида, аз назар гузаронида мешаванд. Пурсиши ҳайат ва ҳуҷҷатҳои лозимӣ оид ба гузаронидани назорати ҷории дараҷаи ифлосшавии филтрҳо ва самаранокии кори воситаҳои безараргардонии ҳаво санҷӣда мешавад.

**Стандарти 2.35.** Доруқуттии зиддисадмавӣ (зиддишокӣ) мавҷуд аст.

**Талаботҳои стандарт.**

1. Дар ҳуҷраҳои доругузаронӣ, эмгузаронӣ, амалиётӣ, таваллудӣ ва ҷарроҳгоҳ мавҷудияти доруқуттии зиддисадмавӣ (зиддишокӣ) тибқи талаботҳои муқаррааргардида мавҷуд аст.

2. Кормандони тиббе, ки дар ҳуҷраҳои доругузаронӣ, эмгузаронӣ, таваллудӣ, амалиётгузаронӣ ва ҷарроҳгоҳ кор мекунанд, оид ба ҳолатҳои сар задании садамаи (шоки) анафилактикӣ дар беморон маълумот доранд ва ёрии тиббиро расонида метавонанд.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Дар хуҷраҳои доругузаронӣ, эмгузаронӣ, амалиётӣ, таваллудӣ ва ҷарроҳгоҳ мавҷудияти доруқуттиҳои зиддисадамавӣ (зиддишокӣ) ва пурра будани онҳо бо маводҳои доруввориҳои лозимӣ тибқи талаботи стандарт санҷида мешавад.

Тавассути сӯҳбат бо ҳайати кормандон сатҳи дониши онҳо оид ба амалҳои онҳо ҳангоми сар задании садамаи анафилактикӣ дар беморон баҳогузорӣ карда мешавад.

**Стандарти 2.36.** Доруқуттӣ барои гузаронидани профилактикаи баъди тамос дар ҷои кор ҳангоми ҳолатҳои фавқуллода мавҷуданд.

**Талаботҳои стандарт.**

1. Дар беморхона (хуҷраҳои доругузаронӣ, озмоишгоҳҳо, ҳуҷраҳои таваллудӣ, амалиётӣ ва ҷарроҳӣ) доруқуттӣ оид ба ҳолати фавқуллода (кор бо хун) мувофиқи фармоиши Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон №597 аз 03.09.2009 сол мавҷуданд. Дар доруқуттиҳо мавҷуд аст:

- спирти 70%;
- маҳлули йоди 5%;
- маҳлули албусиди 30%;
- протаргол;
- ишқори бор;
- перманганати каллий;
- дастпӯшакҳо;
- маводҳои банду баст;
- ангуштпӯшакҳо;

- лейкопластер;
- маҳлули перекиси водород 6%;
- пипеткаҳо;
- оби дистелятсияшуда (дар зарфҳои майда бо сарпӯшакҳои маҳкам, барои ҳал намудани протаргол, ишқори бор, перманганати каллий, воситаҳои дизинфексионӣ).

2. Ҳангоми сар задании ҳолатҳои фавқуллода (садамаҳои биологӣ) пешгирии баъди тамос дар ҷои кор гузаронида мешавад, дафтарҳои қайди ҳолатҳои фавкулода мавҷуданд, ки дар онҳо сана, вакт, ҷой, хусусияти садама, ном ва номи падари шахсони ҷабрдида ва чорабиниҳои гузаронидашуда қайд карда мешаванд.

3. Маълумот дар бораи ҳолатҳои фавқуллода (садамаи биологӣ) ба роҳбарияти сохтор расонида мешаванд. Роҳбарияти сохтор дар бораи ҷой доштани ҳолатҳои садамавӣ роҳбари муассисаи тиббӣ ва раиси Комиссия оид ба сифат ва бехатариро огоҳ менамояд.

4. Ҳама кормандони тиббӣ, ҳангоми рух додани ҳолатҳои фавқуллода оид ба чорапешгирии баъди тамос маълумот дошта, амалҳои заруриро медонанд

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Дар ҳуҷраҳои доругузаронӣ, озмоишгоҳҳо, таваллудӣ, амалиётӣ ва ҷарроҳӣ мавҷудияти доруқуттиҳо барои ҳолатҳои фавқуллода, пуррагии онҳо бо маводҳои дорувории зарурӣ ва лавозимотҳои тиббӣ тибқи талаботҳои стандарт санҷида мешаванд. Мавҷудияти дафтарҳои қайди ҳолатҳои фавқуллода ва дуруст пур кардани онҳо санҷида мешавад. Тариқи мусоҳиба бо ҳайати кормандон сатҳи дониши онҳо оид ба амалҳо ҳангоми сар задании ҳолатҳои фавқуллода ва расонидани додани маълумот дар бораи ҳолатҳои фавқуллода боҳогузорӣ карда мешавад.

**Стандарти 2.37.** Доруқуттӣ барои расонидани ёрииии тиббии таъҷилӣ мавҷуд аст.

**Талаботҳои стандарт.**

Дар ҳуҷраҳои қабул ва муоина, эмгузаронӣ, доругузаронӣ, амалиётгузаронӣ, таваллудӣ ва ҷарроҳхона доруқуттии мукамал барои расонидани ёрии таъҷилии тиббӣ тибқи фармоиши Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18.06.2014, №523 «Оид ба номгӯи ҳатмии дорӯ ва маводҳои мавриди истифодаи тиббӣ дар қуттии ёрии таъҷилӣ дар муассисаҳои тандурустӣ» мавҷуд аст. Кормандони тиббӣ, ки дар ҳуҷраҳои қабул ва муоина, эмгузаронӣ, доругузаронӣ, амалиётгузаронӣ, таваллудӣ ва ҷарроҳхона кор мекунанд, малакаи расонидани ёрии таъҷилии тиббиро ба беморон ҳангоми рух додани ҳолатҳои тачилӣ доранд.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Дар дар ҳуҷраҳои қабул ва муоина, эмгузаронӣ, доругузаронӣ, амалиётгузаронӣ, таваллудӣ ва ҷарроҳхона мавҷудияти доорукуттӣ барои расонидани ёрии таъҷилии тиббӣ ва мукаммалияти он бо маводҳои доруворӣи лозимӣ мутобиқи талаботи стандарт санҷида мешавад.

Тариқи сӯҳбат бо ҳайати кормандон сатҳи дониши онҳо дар бораи қоидаҳои расонидани ёрии таъҷилии тиббӣ ба беморон баҳогузорӣ карда мешавад.

**Стандарти 2.38.** Доруқуттӣ барои расонидани ёрии фаврии акушерӣ мавҷуд аст.

**Талаботҳои стандарт.**

Номгӯи маводҳои доруворӣ ва лавозимотҳои тиббии зарурӣ барии расонидани ёрии фаврии акушерӣ (хунравӣ, преэклампсия/экламсия) мувофиқи фармоиши Вазорати

тандурустӣ № 540 аз 26.09.2008 мавҷуд аст. Дар таваллудхона (ҳуҷраҳои қабул ва муоина, доругузаронӣ, шӯъбаи аворизҳои ҳомиладорӣ, таваллудӣ, баъдитаваллудӣ, амалиётгузаронӣ ва ҷарроҳгоҳ) дорукуттӣ барои расонидани фаврии акушерӣ мавҷуд аст. Кормандони тиббие, ки дар ҳуҷраҳои қабул ва муоина, дорузузаронӣ, таваллудӣ, амалиётгузаронӣ ва ҷарроҳгоҳ фаъолият менамоянд қоидаҳои расонидани ёрии фаврии акушериро медонанд.

**Баҳогузории иҷроши стандарт.**

Дар ҳуҷраҳои қабул ва муоина, доругузаронӣ, шӯъбаи аворизҳои ҳомиладорӣ, таваллудӣ, баъдитаваллудӣ (модар ва кӯдак), амалиётгузаронӣ ва ҷарроҳгоҳ мавҷудияти дорукуттиҳо барои расонидани ёрии фаврии акушерӣ ва пуррагии онҳо санҷида мешавад. Тавассути мусоҳиба бо ҳайати кормандон сатҳи дониши онҳо оид ба қоидаҳои расонидани ёрии фаврии акушерӣ баҳогузорӣ карда мешавад.

**Стандарти 2.39.** Ҳангоми гузаронидани тадқиқотҳои рентгенологӣ бехатарии радиатсионии хайти кормандон ва беморон таъмин карда мешавад.

**Талаботҳои стадарт.**

1. Барои кор дар дастгоҳи рентгенологӣ/гузаронидани ташхиси нурӣ шахсоне, ки тайёрии баъдидипломии махсус/бозомузии аввалия оид ба соҳаи рентгенологияро гузаштааст роҳ дода мешавад.

2. Бехатарии радиатсионӣ тибқи талаботҳои ҚМС 2.1.3.2473-08 «Талаботҳои гигиенӣ ба воситаҳо ва истифодабарии ҳуҷраҳои рентгенологӣ, дастгоҳҳо ва гузаронидани тадқиқотҳои рентгенологӣ». Дар ҳуҷраҳои рентгенологӣ деворҳо, фаршҳо ва шифт бо ранги муҳофизатии барий (монеа/баргардонидани шуъоҳои радиатсионӣ) рӯйпуш карда шудаанд. Воситаҳои фардии муҳофизатӣ аз шуъоҳои ионӣ (ширмаҳои муҳофизатӣ, шишаи махсуси Эсу, пешдоманҳои қафаси сина, юбкаҳо, дастпӯшакҳо аз резини мустаҳкам ва ғайра) мавҷуданд.

3. Аз ҷониби хадамоти махсуси ваколатдор назорати радиатсионӣ дар ҳуҷраҳои рентгенологӣ як маротиба дар 2 сол гузаронида мешавад. Санадҳои санҷиши оид ба назорати радиатсионӣ мавҷуданд.

4. Тадқиқотҳои рентгенологии ҳомиладорон ва таваллудкунандагон танҳо аз рӯи нишондодҳо гузонида мешавад.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Мавҷудияти тайёрии махсус/бозомӯзии аввалияи шахсоне, ки тадқиқотҳои ташхисии рентгенологӣ мегузаронанд, ҚМС 2.1.3.2473-08 ва воситаҳои муҳофизати фардӣ аз шуъоҳои ионӣ санҷида мешаванд. Воқеияти рӯйпӯш намудани деворҳо, фаршҳо ва шифт бо моводи барий муйаян карда мешавад. Мавҷудияти санадҳои санҷиши назорати радиатсионӣ дар ҳуҷраи рентгенологӣ санҷида мешаванд. Мавҷудияти нишондодҳо барои гузаронидани тадқиқотҳои ренгении ҳомиладорон ва таваллудкунандагон баҳогузорӣ карда мешавад.

**Стандарти 2.40**. Назорати дозиметрии сарбории нурии фардии ҳайати кормандон дар ҳуҷраи рентгенӣ гузаронида мешавад.

**Талаботҳои стандарт.**

Ҳар як корманди ҳуҷраи рентгенологӣ аз дозиметрҳои фардӣ истифода мебарад. Мунтазам санҷишҳои дозиметрӣ тавассути дозиметрҳои фардӣ бо мақсади муайян

намудани вояи шуъоқабулкунии ҳайати кормандон амалӣ карда мешавад. Ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда мавҷуданд.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Мавҷудияти дозиметрҳои фардии кории ҳайати кормандон санҷида мешавад. Мавҷудияти ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда оид ба гузаронидани санҷишҳои дозиметрӣ тавассути дозиметрҳои фардии ҳайати кормандон санҷида мешавад.

**Стандарти 2.41.** Қоидаҳои ҷудокунӣ, муайянкунӣ ва ҷамъоварии партовҳо дар дохили зерсохторҳо риоя карда мешаванд.

**Талаботҳои стандарт.**

1. Ҳайати кормандони масъул барои ҷамъоварӣ ва дур намудан кардани партовҳо дар ҳар як зерсохтори муассисаи тандурустӣ муайян карда шудааст ва омӯзонида шудаанд. Дастурамал оид ба кор бо партовҳо тибқи талаботҳои фармоишҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон №1119 аз 27.12.2014 ва №641 аз 26.12.2012 мавҷуд аст. Тақсимоти партовҳо дар давраи аввал дар назар дошта мешаванд (хатарнок ва бехатар) – партови умумӣ (коммуналӣ). Ҳаммонандии партовҳо тавассути истифодаи тамғаҳо муайян карда мешаванд:

2. Ашёҳои халандаю буранда дар зарфҳои маҳками мустаҳкам (қуттиҳо аз пластикаҳои сахт ва зарфҳои оҳанин) дар се яки ҳаҷми онҳо ҷамъоварӣ карда мешаванд. Дигар партовҳои тиббӣ (масалан, танпонҳои пахтагини истифодашуда, докаҳо, маводҳои банду баст ва ғайра) дар қуттиҳои якбористифодашавандаи полипропиленӣ ё сатилҳои эмалкардашуда ва сарпушдор зарфҳои ҷамъоварӣ карда мешаванд. Партовҳои умумӣ (ғайритамосӣ) дар зарфҳои сарпӯшдор ҷамоварӣ карда мешаванд.

3. Бо сӯзандоруҳои истифодашуда ягон амал бурда намешавад (қат кардан, ё ки ҷудо намудани сӯзан бо даст). Дар ҳолатҳое ки агар қисмати пластмасии сӯзандору барои коркард дода мешавад, сӯзан аз сӯзандору ба воситаи сӯзанҷудокунак ҷудо карда мешавад ва алоҳида ҷамъоварӣ мегардад.

4. Ҳангоми кор бо партовҳои тиббӣ ҳайати техникӣ воситаҳои фардии муҳофизатиро истифода мебаранд: дастпӯшакҳои хоҷагӣ, пояфзоли резинӣ ва либосҳои махсус. Баъд аз кор бо партовҳо ва баровардани дастпӯшакҳо ҳайати техникӣ гигиенаи дастҳоро мегузаронад (дастҳо зери оби равон муддати 10-15 сония бо собун шуста мешаванд ва бо сачоқҳои яккарата хушк карда мешаванд, ё ин ки мегузоранд, то ки онҳо дар ҳаво хушк шаванд).

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Зерсохторҳои муассисаи тандурустӣ аз назар гузаронида шуда, мавҷудияти ҳайати кормандон, ки бо ҷамъоварӣ ва дур намудан партовҳо сарукор доранд, дастураммалҳои тасдиқгардида оид ба кор бо партовҳои тиббӣ дар ҳар як зерсохтор санҷида мешаванд. Тавассути азназаргузаронӣ риояи қоидаҳои ҷудокунӣ, муайянсозӣ ва ҷамъоварии партовҳо ва қоидаҳои истифодаи воситаҳои фардии муҳофизатӣ тибқи талаботҳои стандарт санҷида мешаванд. Пурсиши ҳайати кормандон оид ба донистани қоидаҳои кор бо партовҳо гузаронида мешаванд.

**Стандарти 2.42.** Қоидаҳои интиқол, нигоҳдории муваққатӣ ва дур намудани партовҳо риоя карда мешавад.

**Талаботҳои стандарт.**

Партовҳо аз зерсохторҳо то ба ҷои нигоҳдории муваққатии онҳо, ё то ҷойҳои нобуд сохтани онҳо дар зарфҳои муносиби пӯшонидашуда мувофиқи талаботҳои фармоишҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон №1119 аз 27.12.2014 ва №641 аз 26.12.2012 интиқол дода мешаванд:

- ашёҳои халандаю буранда дар зарфҳои маҳками мустаҳкам (қуттиҳо аз пластикаҳои сахт ва зарфҳои оҳанин);
- дигар партовҳои тиббӣ (масалан тампонҳои пахтагини истифодашуда, дока, маводҳои банду баст ва ғайра) – дар қуттиҳои якбористифодашавандаи полипропиленӣ ё сатилҳои эмалкардашуда ва сарпушдор;
- партовҳои умумӣ (бехатар) дар зарфҳои сарпӯшдор.

Дар муассиса нақшаи баровардани партовҳо дар ҳудуди муассиса мавҷуд аст ва риоя карда мешавад.

Миқдори зарурии зарфҳо барои ҷамъоварии партовҳо, ки дар даромадгоҳҳои бино ва ҷойҳои истироҳати беморон ва ҳудуди МТ, ки ҳар рӯз аз партов тоза карда мешаванд ва дар ҳолати хуби тозагӣ нигоҳ дошта мешаванд, мавҷуданд.

Зарфҳои маҳками сарпӯшдор барои ҷамъоварӣ ва нигоҳубини муваққатии партовҳо берун аз зерсохторҳо мавҷуданд. Зарфҳо барои ҷамъоварии партовҳо тамғагузорӣ карда шудаанд (барои партовҳои умумӣ ва тиббӣ) дар майдонҳои атрофашон маҳкам ва қулф кардашуда ҷойгир карда шудаанд. Майдонҳо болопуши битонӣ доранд ва на камтар аз 25 метр аз биноҳҳои ташхисӣ – табобатӣ ва на камтар аз 100 метр аз ошхона ҷойгир гаштаанд. Аломатҳои огоҳкунанда оид ба маҳдудияти минтақаи дастнорас мавҷуд буда, дар ҷойҳои муносиб барои даромаду баромади нақлиёт ва боркунӣ ҷойгир шудаанд. Майдонҳо ва зарфҳо барои ҷамъоварии партовҳо баъд аз баровардани онҳо тоза ва коркард карда мешаванд.

Партовҳои умумии тиббии муассиса мунтазам ба ҷойҳои ҷамъоварӣ ва нобудсозии партовҳои маҳали аҳолинишин тибқи шартнома бо хадамотҳои коммуналӣ бурда мешаванд. Барои интиқоли партовҳо нақлиёте, ки барои кашондани мусофирон, маҳсулотҳои хӯрокворӣ, маҳсулоти тиббӣ ва воситаҳои доруворӣ пешбинӣ шудааст истифода бурда намешаванд.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Азназаргузарониии интиқоли партовҳо ба ҷои нигоҳдории муввақатии онҳо, ё ба ҷойҳои нобуд сохтани онҳо, ҳудуд ва майдонҳо барои ҷамъоварӣ ва нигоҳдории муваққатии партовҳо гузаронида мешавад. Риояи қоидаҳои интиқол, нигоҳдории муввақатӣ ва дур намудани партовҳо тибқи талаботҳои стандарт баҳогузорӣ карда мешавад. Пурсиши ҳайати кормандони масъул оид ба интиқол, нигоҳдории муввақатӣ ва дур намудани партовҳогузаронида шуда, сатҳи дониши онҳо вобаста ба қоидаҳои интиқол, нигоҳдории муваққатӣ ва дур намудани партовҳо баҳогузорӣ карда мешавад.

**Стандарти 2.43.** Қоидаҳои коркард ва нобудсозии партовҳои тиббӣ риоя карда мешавад.

**Талаботҳои стандарт.** Дар муассисаи тандурустӣ коркард ва нобудсозии партовҳои тиббӣ мувофиқи талаботҳои фармоишҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон №1119 аз 27.12.2014 ва №641 аз 26.12.2012 ба роҳ монда шудааст.

**Барои коркард ва нобудсозии партовҳои сахти тиббӣ истифода бурда мешаванд:**

- сӯзондан дар инсинираторҳо (оташдон махсус);
- коркард бо буғи ҷорӣ дар автоклавҳои барои ин кор махсус ҷудокардашуда;
- коркарди микрошуъоӣ (ҳангоми мавҷудияти таҷҳизоти махсус);
- коркард бо дезинфектантҳо.

**Барои коркард ва нобудсозии партовҳои моеъи тиббӣ истифода бурда мешаванд:**

- ҷойҳои махсус бо канализатсия (ҳоҷҷатхонаи хоҷагӣ);

- чуқуриҳои санитарӣ (чуқуриҳои Беккер).

**Барои коркард ва нобудсозии партовҳои анатомӣ истифода бурда мешаванд:**

- сӯзондан дар инсинираторҳо (печҳои махсус);
- гурондан дар мавзеҳои махсус ҷудошуда (дар наздикиҳои қабристон), берун аз нуқтаи аҳолинишин пас аз коркард бо дезинфектантҳо;
- сӯхтан дар крематорияҳо берун аз нуқтаи аҳолинишин (дар доираи шартнома бо ташкилотҳои муносиб);
- чуқуриҳои санитарӣ (чуқуриҳои Беккер).

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Назорат аз рӯи гузаронидани корҳо оид ба коркард ва нобудсозии партовҳои тиббӣ тибқи талаботҳои стандарт баҳогузорӣ карда мешавад. Пурсиши ҳайати кормандоне, ки бо коркард ва нобудсозии партовҳои тиббӣ сарукор доранд гузаронида шуда, сатҳи дониши онҳо оид ба қоидаҳои коркард ва нобудсозии партовҳои тиббӣ баҳогузорӣ карда мешавад.

**Стандарти 2.44.** Ҳангоми истифодаи чуқуриҳои санитарӣ қоидаҳои бехатарӣ риоя карда мешаванд.

**Талаботҳои стандарт:**

Дар чуқуриҳои санитарӣ қоидаҳои бехатарӣ мувофиқи талаботҳои фармоишҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон №1119 аз 27.12.2014 риоя карда мешавад:

- ҳудуде, ки дар он чуқуриҳои санитарӣ ҷой доранд, барои ҳайати кормандон (ба истисноии шахсони масъул), раҳгузарҳо ва ҳайвонҳо дастнорас мебошад (атрофи майдон маҳкам буда, қулф карда мешавад);
- атрофи чуқуриҳои санитарӣ бо маводе, ки имконияти филртатсияи паст дорад иҳота карда шудаанд (бо гил);
- чуқуриҳои санитарӣ дар майдоне ҷойгир шудаанд, ки аз зери об мондан эмин аст ва дар масофаи на камтар аз 50 метр аз ҳар гуна сарчашмаи об воқеъ аст;
- чуқуриҳои санитарӣ як метр паҳноӣ ва ду метр чуқурӣ доранд;
- ҳар рӯз партовҳо бо қабати хоки 10-15 сантиметра рӯйпӯш карда мешаванд;
- ғавсии қабати болоӣ 50-60 сантиметрро ташкил медиҳад;
- пур кардани чуқуриҳои санитарӣ дар муддати на камтар аз ду моҳ амалӣ карда мешавад;
- бетартиб партофтани партовҳо дар ҳудуд майдоне, ки чуқуриҳои санитарӣ ҷой доранд, манъ аст.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Азназаргузаронии чуқуриҳои санитарӣ ва пурсиши ҳайати кормандоне, ки бо онҳо сарукор доранд, гузаронида мешаванд. Иҷроиши талаботҳои стандарт баҳогузорӣ карда мешавад.

**Стандарти 2.45.** Шароитҳо барои риояи гигиенаи беморон ва ҳайати кормандон мавҷуд аст.

**Талаботҳои стандарт.**

Ҳуҷраҳои гигиенӣ (дар ҳолатҳои мавҷуд набудани дастшӯякҳо дар ҳуҷраҳои бистарии беморон) ва душхонаҳо (ванаҳо), ки оби хунук ва гарм доранд, барои беморон дар ҳар як зерсохтори таваллудхона мувофиқи талаботҳои фармоишҳои Вазорати

тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон №1119 аз 27.12.2014 ва №641 аз 26.12.2012 мавҷуданд. Дар ҳар як зерсохтор душхонаҳо барои ҳайати кормандон мавҷуданд.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Азназаргузаронии зерсохторҳои МТ гузаронида шуда, мавҷудияти шароитҳо барои риояи гигиенаи беморон ва ҳайати кормандон санҷида мешавад. Мувофиқати онҳо ба талаботҳои стандарт ва фармоишҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон №1119 аз 27.12.2014 ва №641 аз 26.12.2012 баҳогузорӣ карда мешаванд.

**Стандарти 2.46.** Қоидаҳои ҷамъоварӣ ва интиқоли ҷиҳозҳои нарм риоя карда мешаванд.

**Талаботҳои стандарт.**

Қоидаҳои ҷамъоварӣ ва интиқоли ҷиҳозҳои нарм мувофиқи талаботҳои фармоишҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон №1119 аз 27.12.2014 ва №641 аз 26.12.2012 риоя карда мешаванд:

- ҷиҳозҳои нарми истифодашуда дар зерсохторҳо дар халтаҳои аз матои тарнашаванда, ё зарфҳои сарпӯшдор бевосита дар ҷойҳои истифодабарии онҳо ҷамъоварӣ карда мешаванд;
- ҷиҳозҳои нарми ифлос ва тоза ҷудо нигоҳ дошта мешаванд;
- ҷиҳозҳои нарми ифлос ва тоза алоҳида интиқол дода мешаванд;
- аробачаҳо ва зарфҳо, ки барои интиқоли ҷиҳозҳои нарми ифлос истифода бурда мешаванд, пеш аз истифодабарӣ барои ҷиҳозҳои нарми тоза дезинфексия карда шуда шуста мешаванд, ё ин ки аробачаҳои ё контейнерҳои алоҳидаи тамғагузошташуда истифода бурда мешаванд;
- ҳангоми интиқол додани ҷиҳозҳои нарми тоза онро мепӯшонанд, ё ин ки печонида мешаванд.

Дар зерсохторҳо дастурамалҳои хаттии ҷамъоварӣ, интиқол ва нигоҳдории ҷиҳозҳои нарм мавҷуд аст.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Дар зерсохторҳо риояи қоидаи нигоҳдорӣ ва интиқоли ҷиҳозҳои нарм тибқи талаботҳои стандарт санҷида мешаванд. Мавҷудияти усулҳо, дастурамалҳои хаттӣ оид ба ҷамъоварӣ, интиқол ва нигоҳдории рахти хоб санҷида мешаванд.

**Стандарти 2.47.** Қоидаҳои шустушӯй, хушккунонӣ ва нигоҳдории ҷиҳозҳои нарм риоя карда мешаванд.

**Талаботҳои стандарт.**

Қоидаҳои шустушӯй, хушккунонӣ ва нигоҳдории ҷиҳозҳои нарм мувофиқи талаботҳои фармоишҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Æумҳурии Тоҷикистон №1119 аз 27.12.2014 ва №641 аз 26.12.2012 риоя карда мешаванд:

1. Дар ҳуҷраи шустушӯӣ ҷадвали шустушӯи ҷиҳозҳои нарм ва либосҳои муҳофизатии ҳайати кормандони зерсохтор, дастураммалҳои хаттӣ оид ба ҷудокунӣ, шустушӯй, хушккунӣ, печонда бастан ва нигоҳдории ҷиҳозҳои нарм мавҷуданд. Дастураммалҳои хаттӣ дар шакли дастурҳои методӣ ва ё овезаҳои деворӣ мавҷуд ҳастанд.

2. Ҳайати техникии ҳуҷраи шустушӯӣ ҳангоми коркарди ҷиҳозҳои нарм аз воситаҳои муҳофизати фардӣ истифода мебаранд:

- дастпӯшакҳои хоҷагӣ;
- пешдоманҳои пластикӣ;
- пояфзолҳои резинӣ.

3. Барои шустушӯи ҷиҳозҳои нарм воситаҳои шустушӯӣ истифода бурда мешаванд. Ҷиҳозҳои нарми сахти ифлосгардида аз ҷиҳозҳои нарми ифлоснашуда ҷудо шӯста мешаванд. Агар пас аз шустушӯӣ ҷиҳозҳои нарм чун пештара ифлос ба назар расад, ҷиҳозҳои нарм такроран шӯста мешавад. Ҷиҳозҳои нарми шӯсташударо ба болои фарш намегузоранд. Ҷиҳозҳои нарм бо даст шӯста намешавад.

4. Ҷиҳозҳои нарм дар ҳавои кушод ё ин ки дар камераҳои хушккунӣ хушк карда мешаванд (ҷой барои хушк кардан аз сарчашмаҳои ифлосшавии ҳаво дур воқеъ гардидааст). Ҷиҳозҳои нарм дар ҳуҷраи шустушӯӣ ва зерсохторҳо дар биноҳои тоза ва маҳкам дар рафҳои тоза нигоҳ дошта мешавад.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Дар ҳуҷраи шустушӯӣ мавҷудияти ҷадвали шустушӯи ҷиҳозҳои нарми зерсохторҳо, дастурамалҳои методӣ, ё овезаҳои деворӣ оид ба алгоритми шустушӯи ҷиҳозҳои нарм ва либосҳои муҳофизатии ҳайати кормандон санҷида мешавад. Пурсиши ҳайати кормандони ҳуҷраи шустушӯӣ дар бораи қоидаҳои шустушӯй, хушккунӣ, нигоҳдории ҷиҳозҳои нарм гузаронида мешавад. Азназаргузаронии иҷроиши қоидаҳои шустушӯй, хушккунӣ, нигаҳдории ҷиҳозҳои нарм ва истифодаи воситаҳои муҳофизатӣ аз ҷониби кормандони ҳуҷраи шустушӯӣ гузаронида шуда, баҳогузорӣ карда мешавад. Азназаргузаронии ҷиҳозҳои нарм, ва мусоҳиба бо беморон оид ба тозагии ҷиҳозҳои нарм гузаронида мешаванд.

**Стандарти 2.48.** Нигоҳдории маҳсулот ба талаботҳои санитарию гигиенӣ мутобиқ аст.

**Талаботҳои стандарт:**

Маҳсулотҳои хӯрока мувофиқи талаботҳои фармоишҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Æумҳурии Тоҷикистон №1119 аз 27.12.2014 сол ва №641 аз 26.12.2012 нигоҳ дошта мешаван:

- маҳсулоти зудвайроншаванда дар яхдонҳо нигоҳ дошта мешаванд;
- дар рафҳои яхдон қоидаи ҷудогона нигоҳ доштани маҳсулот риоя карда мешаванд (маҳсулоти хом ва пухта дар алоҳидагӣ нигоҳ дошта мешаванд);
- мӯҳлатҳои нигоҳдории маҳсулоти хӯрокворӣ, ки дар ҳуҷҷатҳои онҳо нишон дода шудааст, риоя карда мешаванд;
- ҳама намудҳои маҳсулоти хӯрокворӣ дар баландтар аз сатҳи фарш дар рафҳои махсус нигоҳ дошта мешаванд;
- дар анборҳо барои нигоҳдории маҳсулоти хӯрокворӣ сохтмонҳои иҳотавӣ, дарҳои берунии оҳанин, дарвозаҳо ва сарпӯшҳои оҳанин, ки аз таъсири хояндаҳо эминанд, мавҷуданд.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Биноҳои анбор ва яхдонҳо аз назар гузаронида мешаванд. Шароити нигоҳдории маҳсулот тибқи талаботҳои стандарт баҳогузорӣ карда мешаванд.

**Стандарти 2.49.** Дар қисми хӯрокворӣ (ошхона) яхдонҳо барои маҳсулоти хӯрокаи зудвайроншаванда мавҷуданд.

**Талаботҳои стандарт.**

Дар қисми хӯрокворӣ мувофиқи талаботҳои фармоиши Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон №1119 аз 27.12.2014 яхдонҳо ва камераҳои яхкунанда (морозильник) барои нигоҳдории маҳсулоти хӯрока мавҷуданд. Дар яхдонҳо ва камераҳои яхкунанда реҷаи ҳарорат риоя карда мешаванд. Ҳароратсанҷҳо ва дафтарҳо барои қайди реҷаи ҳарорат мавҷуданд.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Мавҷудияти миқдори зарурии яхдонҳои корӣ ва камераҳои яхкунанда санҷида мешавад. Мавҷудияти ҳароратсанҷҳо дар яхдонҳо ва дафтари қайди реҷаи ҳарорат санҷида шуда, мунтазамияти назорати реҷаи ҳарорат дар яхдонҳо баҳогузорӣ карда мешавад.

**Стандарти 2.50.** Кормандони қисми хӯрокворӣ қоидаҳои пушидани либосҳои санитариро риоя мекунанд.

**Талаботҳои стандарт.**

Кормандони қисми хӯрокворӣ қоидаҳои пушидани либосҳои санитарӣ (хилъатҳо, каллапӯшҳо)-ро мувофиқи талаботҳои фармоишҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон №1119 аз 27.12.2014 ва №641 аз 26.12.2012 риоя мекунанд. Либос бояд тоза ва озода бошад, бояд 2-3 маҷмӯи либосҳои санитарӣ мавҷуд бошанд. Тақсимоти хӯрок ба беморон бо хилъатҳои тағмагузоштаи «барои тақсимоти хӯрокворӣ» амалӣ карда мешаванд.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Мавҷудияти миқдори зарурии либоси санитарӣ санҷида мешаванд, ҳолати зоҳирии либоси санитарӣ баҳогузорӣ карда мешаванд.

**Стандарти 2.51.** Кормандоне, ки хатари тахассусӣ доранд, бо хӯрокаи махсус ва дигар имтиёзҳо дар асоси қонунгузориҳои меҳнат таъмин карда мешаванд.

**Талаботҳои стандарт.**

Дар муассиса рӯйхати тасдиқгардидаи шахсоне, ки ҳуқуқи гирифтани хӯроки махсусро доранд, мавҷуд аст. Кормандони озмоишгоҳ, ҳуҷраи тадқиқоти рентгенӣ, прозекторӣ мунтазам хӯроки махсус қабул мекунанд ва ба онҳо имтиёзҳо дода мешаванд (рӯзи кории ихтисоркардашуда, рухсатии меҳнатии иловагӣ ва ғайра). Ҳуҷатҳое, ки қабул намудани хӯроки махсус ва додани имтиёзҳоро тасдиқ мекунанд, мавҷуданд.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Пурсиши ҳайати кормандон оид ба қабул кардани хӯроки махсус ва дигар имтиёзҳо гузаронида мешавад. Ҳуҷҷатгузории тасдиққунандаи қабули хӯроки махсус ва дигар имтиёзҳо санҷида мешавад.

**Стандарти 2.52.** Ҳангоми ворид шудани беморон ва сар задани ҳолатҳои бемории сироятӣ, муасисса чораҳои эҳтиёткорӣ бо усули интиқоли сироятҳо истифода бурда мешавад.

**Талаботҳои стандарт.**

Ҳангоми ворид шудани беморон, сар задани ҳодисаҳои бемориҳои сироятӣ, ё гумонбарии сар задани бемориҳои сироятӣ дар зерсохторҳои муассиса чораҳои

эҳтиёткорӣ бо усули интиқоли сироятҳо асоснокшуда, мувофиқи талаботҳои фармоишҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон №1119 аз 27.12.2014 ва №641 аз 26.12.2012 истифода менамоянд:

- беморро дар палатаи алоҳида (изолятор) ё бо беморе, ки дар он ҳамон намуди сироят мавҷуд аст, дар шакли фаъол, вале на дигар сироят, ҷойгир менамоянд;
- дар даромадгоҳи ҳуҷра аломати огоҳкунанда «Изолятор- ҳуҷраи алоҳида барои бемориони сироятшуда» мавҷуд аст;
- аёдати беморон маҳдуд карда мешавад: ӯро танҳо ҳайати кормандоне, ки барои кор зарурият доранд ва як нафар аъзои оила (кӯдакон роҳ дода намешаванд) бо истифодаи ҳатмии воситаҳои муҳофизати фардӣ аёдат мекунанд;
- ҳангоми кор дар «Изолятор» ҳайати кормандон ва ё шахсоне, ки беморонро нигоҳубин мекунанд, ниқобҳое, ки рӯй, даҳон ва биниро мепӯшонанд, истифода мебаранд;
- рафту омад ва интиқоли беморон аз «Изолятор» то ҳадди камтарин маҳдуд карда мешавад;
- агар ба бемор баромадан лозим бошад, ё ки ӯро аз ҳуҷраи бистарӣ гузаронидан лозим ояд, ниқобе, ки даҳону бинияшро мепӯшонад, истифода менамоянд;
- ҳангоми муоина ё тамос бо маводи сироятӣ дастпӯшакҳои тамйизшуда истифода бурда мешаванд;
- пеш аз баромадан аз «Изолятор», дастпӯшакҳо кашида мешаванд;
- ҳангоми ворид шудан ба «Изолятор» хилъати тоза мепушанд;
- пеш аз баромадан «Изолятор», хилъатро мекашанд.

Ҳайати кормандон дар бораи эҳтиёткорӣ бо усули интиқоли сироятҳо оид ба ҳолатҳои сар задани бемориҳои сироятии беморон маълумот доранд.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Азназаргузаронии риояи талаботҳои стандарт ҳангоми мавҷуд будани беморони сироятӣ дар муассиса санҷида мешавад. Ҳангоми мавҷуд набудани беморон бо бемориҳои сироятӣ, ҳайати кормандон оид ба донистани эҳтиёткорӣ бо усули интиқоли сироятҳо ҳангоми сар задани ҳодисаҳои сироятии беморон пурсида мешаванд.

**Стандарт 2.53.** Нигоҳдорӣ маводҳои безараргардонӣ ва шустушӯӣ мувофиқи талаботҳои бехатарии гигиенӣ ба роҳ монда шудааст.

**Талаботи стандарт.**

Маводҳои безараргардонӣ ва шустушӯӣ дар ҳуҷраҳои махсуҷудокардашуда (анбор барои нигоҳдории маводҳои безараргардонӣ) мувофиқи талаботҳои фармоишҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон №1119 аз 27.12.2014 ва №641 аз 26.12.2012 нигоҳ дошта мешаванд. Анбор барои нигоҳдории маводҳои безараргардонӣ иборат мебошад:

- ҳуҷра барои алоҳида нигоҳдории маводҳои безараргардонӣ ва шустушӯӣ;
- ҳуҷра барои тақсимоти маводҳои безараргардонӣ ва шустушӯӣ;
- ҳуҷра барои ҳайати кормандон.

Анбор бо системаи ҳавоивазкунакҳои даромади ҳавои тоза ва ҳавокаш бо майли механикӣ, рафҳои оҳанин ё чубин барои нигоҳдории зарфҳо бо маводҳои безараргардонӣ ва шустушӯӣ таҷҳизонида шудаанд. Бинои анбор хушк аст, деворҳои

ҳамвор, фарши сементӣ ё асфалтӣ дорад. Деворҳо ва шифти бинои анбор бо қабати махсус пӯшонида шудааст, ки ҷамшавии (абсорбсия) маводҳои зарароварро пешгирӣ мекунад ва барои гузаронидани рубучин ва шустушӯи намнок имконият медиҳад. Маводҳои безараргардонӣ ва шустушӯӣ аз таъсири нурҳои офтоб муҳофизат карда шудаанд, дар онҳо тамға бо номгузорӣ ва истифодаи онҳо, консентратсияи маводҳои таъсиркунанда, санаи тайёркунӣ, сертификатсия, мӯҳлати истифода, чораҳои эҳтиёткорӣ, маълумот оид ба истеҳсолкунанда ва таъминкунанда мавҷуданд.

Дар бино барои ҳайати кормандони таҷҳизот барои коркарди санитарии пурра ва қисман, ҷевонҳои алоҳида барио нигоҳдории либос мавҷуд аст. Дастурамал оид ба техникаи бехатарӣ ҳангоми кор бо маводҳои безараргардонӣ, воситаҳои муҳофизати фардӣ ва доруқуттӣ ёрии аввалияи тиббӣ мавҷуданд.

Дар анбор барои нигоҳдории маводҳои безараргардонӣ, масолеҳи хӯрокворӣ ва оби нӯшокӣ нигоҳ дошта намешавад.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Азназаргузаронии анбор барои нигоҳдории маводҳои безараргардонӣ, баҳодиҳии ҳуҷраҳои лозимӣ, таҷхизот ва дуруст нигоҳдории маводҳои безараргардонӣ мувофиқи талаботҳои стандарт гузаронида мешавад.

*Замимаи 3*
*ба фармоиши Вазорати тандурустӣ*
*ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии*
*Ҷумҳурии Тоҷикистон*
*аз «_24_» _08_ соли 2015*
*№_745_*

**Стандартҳо**
**барои аккредитатсияи беморхонаҳо**

**Қисмати III. «Сифати хизматрасониҳои тиббӣ ба табобатгирандагон»**

**Дастрасӣ ба хизматрасониҳои тиббӣ**

**Стандарти 3.1.** Хизматрасониҳои тиббӣ аз ҷиҳати иқтисодӣ дастрасанд.

**Талаботҳои стандарт.**

1. Ёрии тиббии статсионарӣ (аз он ҷумла ройгон ва имтиёзнок) мутобиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №600 аз 02.12.2008 «Дар бораи Тартиби хизматрасониҳои тиббию санитарӣ ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ», фармоиши якҷояи Вазорати тандурустӣ ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон №504-58 аз 12.09.2011 «Оид ба тасдиқи Қоидаҳо ва Низомнома дар бораи татбиқи Тартиби хизматрасониҳои тиббию санитарӣ ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ» ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №20, аз 03.01.2014 дар бораи «Барномаи кафолатҳои давлатӣ оид ба таъмини аҳолӣ бо кӯмаки тиббию санитарӣ дар ноҳияҳои таҷрибавии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014 - 2016» расонида мешавад.

2. Табобатгирандагон оид ба шароити хизматрасонии тиббӣ иттилоот доранд. Маълумот оид ба шароити хизматрасониҳои тиббӣ дар овезаҳои иттилоотӣ дар ҳар як зерсохтори МТ мавҷуд аст.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

Дар сохторҳои зертобеъи МТ мавҷудияти овезаҳои иттилоотӣ бо маълумот оид ба шартҳои хизматрасонии тиббӣ ба табобатгирандагон санҷида мешаванд. Бо табобатгирандагон доир ба маълумотнокии онҳо оид ба шартҳои хизматрасонии тиббӣ тибқи талаботҳои ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии дар боло зикргардида қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №600 аз 02.12.2008 «Дар бораи Тартиби хизматрасонии тиббию санитарӣ ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ» ва №20, аз 03.01.2014 дар бораи «Барномаи кафолатҳои давлатӣ оид ба таъмини аҳолӣ бо кӯмаки тиббию санитарӣ дар ноҳияҳои таҷрибавии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014 - 2016» анкетакунонӣ гузаронида мешавад.

**Стандарти 3.2.** Ба табобатгирандагон маълумот оид ба муассисаи тандурустӣ ва дастрасии хизматрасонӣ, пешниҳод карда мешавад.

**Талаботҳои стандарт.**

1. Ба табобатгирандагон/ҷомеа маълумот (овезаҳои иттилоотии, иттилоъ, нашрияҳо дар ВАО-и маҳаллӣ, сомонаҳои интернетӣ) оид ба муассисаи тандурустӣ ва зерсохторҳои он (ҳаҷм ва сифати хизматрасонии тиббӣ ва шартҳои расонидани онҳо, тахассуси кормандон, тартиби рӯз ва ғ.) пешниҳод карда мешаванд.
2. Ҳисобот оид ба фаъолияти МТ ва зерсохторҳои он ба табобатгирандагон/ҷомеа

дастрас мебошад – дар овезаҳои иттилоотии бинои маъмурӣ ва зерсохторҳо мавҷуд аст.

3. Нақшаи ҷойгиршавии зерсохторҳои МТ ва аломатҳои роҳнамо барои табобатгирандагон ва аёдаткунандагон мавҷуд аст. Нақшаи ҷойгиршавӣ ва аломатҳои роҳнамо ба табобатгирандагон ва аёдаткунандагон фаҳмо мебошанд, дар ҷойҳои аён ҷойгиранд ва барои онҳо дастрасанд.
4. Натиҷаҳои аккредитатсияи муассисаи тандурустӣ барои ҷомеа ва табобатгирандагон дастрас мебошанд (дар овезаҳои иттилоотӣ ҷойгир карда шудаанд, дар ВАО-и маҳаллӣ ва сомонаҳои интернетӣ нашр гардидаанд).

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

Мавҷудият ва моҳияти маълумот оид ба МТ (аз он ҷумла натиҷаҳои аккредитатсия) дар маълумотномаҳо, ВАО-и маҳаллӣ, сомонаҳои интернетӣ ва ғ. баҳодиҳӣ карда мешавад. Нақшаи ҷойгиршавии зерсохторҳо, аломатҳои роҳнамо, овезаҳои иттилоотӣ аз назар гузаронида мешаванд. Дастрасӣ ва фаҳмогии нақшаи ҷойгиршавии сохторҳои зертобеъ, аломатҳои роҳнамо ва пурагии маълумот дар овезаҳои иттилоотӣ баҳодиҳӣ карда мешавад.

**Стандарти 3.3.** Хизматрасониҳои тиббӣ барои табобатгирандагон бо имкониятҳои маҳдуди ҳаракат дастрас мебошанд.

**Талаботҳои стандарт.**

Давомнокии хизматрасонӣ, истифодаи таҷҳизот, мебел, дигар ашёҳои муҷаҳҳазгардонидашуда барои шахсони бо имконятҳои маҳдуди гуногуни ҷисмонӣ ва физиологӣ қулай мебошанд. Барои шахсони дорои имкониятҳои маҳдуди харакат дар мавзеъ ва бинои МТ дастакҳо, гузаргоҳҳо, лифт мутобиқ ба меъёрҳо ва қоидаҳои сохтмонӣ (ҚМС замимаи 1 фармоиши Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон №1119 аз 27.12.2014) пешбинӣ шудааст. Аробачаҳои маъюбӣ барои рафту омади шахсони дорои имконияташон маҳдуди ҳаракат дар биноҳо ва мавзеъи муассисаи тандурустӣ мавҷуд мебошанд.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

Муносиб (бароҳат) будани мебелҳо, таҷҳизоти истифодашаванда, мавҷудияти ашёҳои зарурӣ, аробачаҳои маъюбӣ барои ҳаракат ва сукунати шахсони дорои имкониятҳои маҳдуди ҳаракат санҷида мешаванд.

**Стандарти 3.4.** Мӯҳлати интизорӣ барои бистарикунонӣ барои табобатгирандагон қобили қабул аст.

**Талаботҳои стандарт.**

1. Баҳодиҳии аввалияи ҳолати табобатгирандагон дарҳол баъд аз расидан ба муассисаи тандурустӣ гузаронида мешавад. Табобатгирандагон барои бақайдгирӣ ва бистарикунонӣ то баҳогузории ҳолати аввалияи онҳо бояд дурудароз дар навбат наистанд. Интизории бақайдгирӣ ва бистарикунонии табобатгирандагон на зиёда аз 30 дақиқаро ташкил медиҳад. Бистарикунонӣ ба шӯъбаи мувофиқ (шӯъбаи наҷот/ҳуҷраи табобати интенсивӣ, толори таваллудкунӣ, ҷарроҳӣ, шӯъба/ҳуҷраи ҳомиладории патологӣ ва ғ.) ва гузаронидани амалиётҳои тиббии беморон дар ҳолатҳои вазнин (беҳушӣ, садамаи вазнин, хунравӣ, преэклампсияи вазнин, эклампсия, ҳолати садамот, сепсис ва ғ.) фавран баъди ворид шудан ба муассисаи тандурустӣ оғоз мегардад. Дар ҳуҷҷатгузории тиббӣ вақти бистарикунонӣ ва оғози амалиётҳои тиббӣ қайд карда мешавад.
2. Дар шӯъбаи қабул ҳуҷҷатҳои тасдиқгардидаи амал (алгоритм)-ҳо дар намуди овезаҳои деворӣ ва ё дастурамалҳои методӣ аз рӯи маҳакҳои /критерияҳои муайянсозӣ аз рӯи вазнинии ҳолати табобатгирандагон мавҷуд мебошанд. Кормандоне, ки барои баҳодиҳии аввалияи ҳолати табобатгирандагон масъуланд,

доир ба амалҳои мазкур омӯзонида шудаанд ва қобилияти баҳодиҳии аввалияи беморонро тибқи тартиботи муқарраргардида доранд.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

Шӯъбаи қабул аз назар гузаронида шуда, дар рафти он мавҷуд будани ҳуҷҷатҳои муайянсозии аввалияи ҳолати вазнинии табобатгиранда муайян карда мешавад. Бо роҳи назорат дар шӯъбаи қабул, ҳангоми бистарӣ намудани табобатгиранда, ҳолати вазнини ӯ дар МТ муқаррар карда шуда, вақти интизоршавии қабули он муайян карда мешавад. Баҳодиҳӣ аз рӯи анкетакунонии табобатгирандагон оид ба вақти итизории бистарикунонӣ гузаронида мешавад. Инчунин, ҳуҷҷатҳои тиббӣ (таърихи бэморӣ, таваллуд ва дигар ҳуҷҷатҳои тиббии бемори бистаришуда) баҳодиҳӣ карда шуда, фавран бистарикунонӣ ва оғози амалиётҳои тиббӣ ҳангоми ҳолатҳои вазнин баҳодиҳӣ карда мешаванд.

**Стандарти 3.5**. Ҳангоми хизматрасониҳои тиббӣ монеаҳои забонӣ, эътирофи урфу одат ва ақидаҳои динии табобатгирандагон ба инобат гирифта мешавад.

**Талаботҳои стандарт.**

1. Иттилоот барои табобатгирандагон дар овезаҳо бо забони давлатӣ ва дигар забонҳо пешниҳод карда мешавад. Бо бемор ва аҳли оилаи ӯ бо забоне муоширот мекунанд, ки ба онҳо фаҳмо бошад.
2. Кормандони муассиса оиди урфу одат, эътиқодҳои динӣ, талаботҳои гуногуни гурӯҳҳои этникӣ маълумотонида шудаанд ва бо эҳтиром ба маданият, эътиқодҳои динӣ ва талаботҳои табобатгирандагон муносибат мекунанд.
3. Дар нақшаи хизматрасониҳои тиббии табобатгирандагон (дар кортҳои тиббӣ) ҳангоми зарурият, эътиқоди динӣ ва маданияти табобатгирандагон ба инобат гирифта мешавад.
4. Табобатгирандагон барои ҳимояи ҳуқуқҳояшон иҷозати ба наздашон ворид шудани адвокатҳо ё дигар намояндагони қонун, ходимони динӣ ва инчунин ҳуқуқи фароҳамоварии шароит барои амалинамоии расму оинҳои диниашонро доранд. Барои гузаронидани расму оинҳои динии табобатгирандагон (барои занон ва мардон дар алоҳидагӣ) ҷойҳо мавҷуд мебошанд.

**Иҷроиши баҳодиҳии стандарт.**

Мавҷудияти ҳолатҳои зерин санҷида мешавад:

- овезаҳои иттилоотӣ барои табобатгирандагон бо забони давлатӣ ва дигар забонҳо;
- ҷойҳои алоҳида дар МТ барои расму оинҳои динии табобатгирандагон;
- дар нақшаи хизматрасонии тиббӣ мавҷудияти унсурҳое, ки расму оинҳои динӣ, одатҳои фарҳангӣ ва талаботҳои табобатгирандагонро ба инобат гирифтаанд.

Ба расмият даровардани анкета ва мусоҳиба бо табобатгирандагон дар мавзӯи будан ва набудани мамонияти забон ҳангоми табобатгирӣ дар МТ анҷом дода мешавад. Илова бар ин, оид ба риояи меъёрҳои этикӣ нисбати мазҳаби динии табобатгирандагон ва дар ҳолатҳои зарурӣ таъмин намудани иҷозати ташрифи намояндагони дин, бо табобатгирандагон мусоҳиба гузаронида мешавад.

### Хизматрасонии тиббӣ муттасил аст

**Стандарти 3.6.** Робитаи байни беморхона ва муассисаи кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ (марказҳои саломатӣ ва марказҳои солимии репродуктивӣ) таъмин карда мешавад.

**Талаботҳои стандарт.**

1. Ҳангоми бистарӣ намудан роҳхат барои бистарикунонии табобатгирандагон мавҷуд аст, ки аз тарафи табибони муассисаи кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ

дода шудааст (ғайр аз ҳолатҳои фаврӣ ва дастрас намудани бемор бо нақлиёти ёрии таъҷилӣ).

2. Ҳангоми бистарӣ намудани занони ҳомила варақаҳои мубодилавӣ мавҷуданд. Ҳангоми аз МТ ҷавоб шудан ба дасти онҳо «варақаҳои мубодилавӣ»-и зани навзоида ва кӯдаки навзод, иқтибос аз ҳуҷҷатҳои тиббӣ бо маълумот оид ба беморон (барои беморони соматикӣ), барои ташкили назорати дармонгоҳӣ (амбулаторӣ) дар марказҳои саломатӣ, супорида мешавад.
3. Механизми ба марказҳои саломатӣ супоридани иттилоот оид ба ҷавоб шудани навзод ва зани навзоида, барои ташкил намудани назорати хонагӣ (патронаж), мавҷуд мебошад (телефонограмма, бо шахси воқеӣ ва ғайра).
4. Ҳодисаҳои бо камбудӣ ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳои тиббӣ барои муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббӣ - санитарӣ, беасос аз марказҳои саломатӣ додани роҳхат барои бистарикунонии табобатгиранда, ихтилофи ташхисҳо ҳангоми ба статсионар роҳхат додан ва ташхисҳои клиникӣ, назорат ва таҳлил карда мешаванд. Ҳангоми пайдо гаштани камбудӣ байни статсионар ва марказҳои саломатӣ оид ба расонидани ёрии тиббии пай дар пай, кортҳои нуқсонӣ ба расмият дароварда шуда, ба маркази саломатӣ пешниҳод ва дар ҷаласаҳо бо иштироки табибони МТ таҳлил карда мешаванд, пайнавиштҳои муҳокимаҳо мавҷуданд.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт**

Дар таърихҳои таваллуд ва кортҳои тиббии табобатгирандагон мавҷудияти роҳхат барои бистарикунонӣ, ки аз тарафи табибони марказҳои саломатӣ дода шудааст, санҷида мешавад. Ба тариқи анкетакунонии кормандони тиб ва табобатгирандагоне, ки ҷавоб дода мешаванд, механизми супоридани кортҳои мубодилавӣ, иқтибос аз кортҳои тиббӣ ва супоридани иттилоот ба марказҳои саломатӣ оид ба кӯдаки навзод, зани таваллудкарда ва табобатгирифтагон муайян карда мешавад. Дар ҳисоботҳои мудирони шуъбаҳо ва ҳисоботи умумии МТ санҷиши мавҷудияти камбудиҳои бақайдгирии ҳуҷҷатҳои тиббӣ дар марказҳои саломатӣ, беасос равона кардан ба статсионар, ихтилофи ташхисҳо ҳангоми роҳхатдиҳӣ ба статсионар ва ташхиси клиникӣ гузаронида мешавад. Ғайр аз ин, мавҷудияти нусхаи кортҳои нуқсондор, ҳангоми ҷой доштани норасоӣ дар масъалаҳои ҳаморкии байни МТ ва марказҳои саломатӣ ва нусхаи пайнавишҳои таҳлили якҷояи норасоиҳои мазкур санҷида мешавад.

**Стандарти 3.7.** Қоидаҳои бистарикунонии табобатгирандагон риоя карда мешаванд.

**Талаботҳои стандарт.**

Бистарӣ намудани табобатгирандагони бемориҳои ҷарроҳӣ ва соматикӣ тавассути шуъбаи қабул амалӣ карда мешавад. Бистарӣ намудани занҳои ҳомила, таваллудкунанда ва гирифтори бемориҳои занона тавассути ҳуҷраи қабул ва муоинавии шӯъбаҳои таваллудӣ ва шуъбаҳои бемориҳои занона амалӣ карда мешавад. Бистарикунонӣ асоснок буда, мувофиқи протоколҳои клиникӣ (дастурамалҳо) ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ амалӣ карда мешавад. Ҳодисаҳои бистарикунонии беасос вуҷуд надоранд. Дафтари қайди рад намудан аз бистарикунонӣ мавҷуд аст.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

Аз рӯи дафтари бистарикунонӣ, таърихи таваллуд ва кортҳои тиббии бемори статсионарӣ асоснокии бистарикунонӣ мутобиқи протоколҳои клиникӣ (дастурамалҳо) санҷида мешавад. Мавҷудияти дафтари қайди рад намудан аз бистарикунонӣ санҷида мешавад.

**Стандарти 3.8.** Хизматрасонии тиббӣ ба табобатгирандагон бо дигар муассиаҳо ҳамоҳанг аст.

**Талаботҳои стандарт.**

Ҳангоми бистарӣ намудани табобатгирандагон ҳайати кормандони зерсохтор сари вақт хабардор карда мешаванд. Қоидаҳои вақти қабули табобатгирандагон аз тарафи машваратчиён, гузаронидани тадқиқотҳои ташхисӣ ва гирифтани натиҷаҳои ин ташхисҳо, доштани механизми муттақобила байни зерсохторҳои клиникӣ ва ташхисӣ (бо масъалаҳои мутобиқати натиҷаҳои тадқиқотҳои ташхисии аломатҳои беморӣ, саривақт гузаронидани тадқиқотҳои ташхисӣ ва гирифтани натиҷаҳои он) мавҷуданд. Механизми воқиф намудани хизматрасониҳо оид ба хӯрока, маводҳои доруворӣ ва трансфузиологӣ нисбат ба талаботи зерсохторҳои клиникӣ барои табобатгирандагон ба маҳсулотҳои хӯрока, доруворихо ва ҷузъҳои хун (талабнома, дархост) мавҷуд аст.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

Мавҷудияти механизми додани маълумот оид ба бистарикунонии табобатгирандагон омӯхта мешавад. Маҷуд будани тартибот, нисбат ба вақти ташрифи машваратчиён барои муоинаи табобатгирандагон, гузаронидани ташхиси табобатгиранда ва гирифтани натиҷаҳои ин ташхисҳо, доштани механизми муттақобила байни сохторҳои зертобеи клиникӣ ва ташхисӣ, инчунин воқиф намудани хизматрасониҳо оид ба хӯрокворӣ, маводҳои доруворӣ ва трансфузиологӣ нисбат ба талаботҳои зерсохторҳои клиникӣ барои табобатгирандагон ба маҳсулотҳои хӯрока, доруворихо ва ҷузъҳои хун, муайян карда мешавад.

**Стандарти 3.9.** Назорати доимии табобатгирандагон таъмин карда шудааст.

**Талаботҳои стандарт.**

1. Механизми қабул кардан ва супоридани назорати табобатгирандагон (хусусан дар ҳолати вазнин қарор дошта) ҳангоми ивазшавии навбатдории кормандони тиббӣ (вақти бегоҳӣ, дар рӯзҳои ид ва истироҳатӣ) мавҷуд аст. Мавҷудияти қайдҳо аз ҷониби табибон – дар таърихҳои таваллуд/валодат ва аз ҷониби кормандони миёнаи тиб - дар варақаҳои назоратӣ.
2. Механизми назорати мунтазами табобатгиранда дар ҳолати аз як шуъба ба шуъбаи дигар гузаронидан (мувофиқаи гузаронидан, бохабар будани кормандон оиди ба куҷо гузаронидани табобатгиранда, эпикризҳои гузариш дар корти тиббӣ бо тавсияи давом додани табобати табобатгиранда) пешбинӣ карда шудааст.
3. Назорати доимии табобатгиранда ва додани маълумот оиди онҳо дар намуди хаттӣ то, дар вақти ва баъд аз гузаронидани ҷарроҳӣ (аз ҷониби табибони ҷарроҳ, наҷот, беҳисгарон ва парасторон) таъмин карда мешавад.
4. Дар сурати вазнин гардидани ҳолати табобатгиранда, механизми воқифгардонии табиби навбатдор ва гузаронидани бемор ба ҳуҷраи табобати шиддитнок ва шуъбаи наҷот ба роҳ монда шудааст.
5. Дар ҳама марҳилаҳои хизматрасонии тиббӣ ба табобатгирандагон, шахсони тахассуснок мавҷуд мебошанд, ки беморонро назорат менамоянд ва доир ба сифати хизматрасонии тиббии онҳо бевосита масъуланд.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

Механизмҳои қабул кардан ва супоридани назорати табобатгирандагон омӯхта ва баҳодиҳӣ карда мешавад. Мавҷудияти қайдҳо дар кортҳои тиббӣ ва ҳуҷҷатҳои дигари тибби, ки мувофиқат ва нигоҳубини мунтазами табобатгирандаро ҳангоми ивазшавии ҳайати кормандони тиббӣ тасдиқ менамояд, гузаронидани табобатгирандагон аз як шӯъба ба шӯъбаи дигар, гузаронидани амалиётҳои ҷарроҳӣ санҷида мешавад. Мунтазамӣ ва мукаммалии қайдҳои нишондоди мониторинги ҳолати табобатгиранда, тибқи талаботҳои стандарт, баҳодиҳӣ карда мешавад.

Илова бар ин, мавҷудияти механизми воқифгардонии табиби навбатдор ва гузаронидани табобатгиранда ба шӯъбаи наҷот (ҳуҷраи табобати шиддатнок) санҷида мешавад. Мавҷудияти шахсони тахассуснок, ки бевосита табобатгирандагонро дар ҳама марҳилаҳои табобат нигоҳубин мекунанд, санҷида мешавад.

**Стандарти 3.10.** Машварат ва интиқоли табобатгирандагон ба муассисаҳои тандурустӣ мувофиқи дараҷаи хатар ва/ё вазнинии ҳолат амалӣ карда мешавад.

**Талаботҳои стандарт.**

1. Гузаронидани табобатгирандагон ба муассисаҳои тандурустӣ мувофиқи дараҷаи хатар ва/ё вазнинии ҳолат ба нақша гирифта ва мувофиқа шудааст, хатари интиқоли табобатгирандагон ба инобат гирифта шудааст, сабтҳои лозимӣ дар ҳуҷҷатҳои тиббӣ қайд гардидаанд. Интиқоли табобатгирандагон дар ҳамроҳии корманди ихтисосманди тибби амалӣ карда мешавад.
2. Хизматрасонии интиқолию машваратӣ, барои дар ҷойҳо ба табобатгирандагон расонидани ёрии ихтисосноки машваратӣ мавҷуд аст ва/ё интиқоли онҳо ба муассисаи тандурустӣ, ки сатҳи он ба дараҷаи хатарнокӣ ва вазнинии ҳолати табобатгирандагон мувофиқ аст (нақлиёти махсус барои интиқоли табобатгирандагон бо оксиген, дастгоҳ барои нафасдиҳӣ, мониторҳо, маводҳои дорувории зарурӣ мавҷуд аст) ба роҳ монда мешавад.
3. Дар ҳайати сохторҳои интиқолию машваратӣ мутахассисони дорои ихтисоси зарурӣ (дорои маълумот, дониш, таҷриба, малакаи таҷрибавӣ) аз он ҷумла, барои ба табобатгирандагон расонидани ёрии таъҷилӣ, мавҷуданд.
4. Ҳуҷҷатҳои тиббӣ ҳангоми интиқоли табобатгирандагон ба МТ-и сатҳи дигар тибқи тартиби муқаррargардида тартиб дода шудаанд (иқтибосҳо бо маълумоти пурра оид ба ҳолати бемор ва ҳаҷми ёрии тиббии расонидашуда мавҷуд аст).
5. Ҳангоми зарурат аз тарафи мутахассисони МТ-и сатҳи сеюм (дуюм) ёрии машваратӣ ба табобатгирандагон дар сатҳи дуюм (сатҳи якум) амалӣ карда мешавад.
6. Қоидаҳои расмӣ (протоколҳо, дастурамалҳо), ки гузаронидани машварат ва нишондод барои гузаронидани табобатгирандагон ба сатҳи дигари хизматрасонии тиббиро ба тартиб медароранд, мавҷуданд.
7. Механизми мутақобилаи байни МТ оид ба масъалаҳои интиқоли беморон (мувофиқасозӣ, асосноккунӣ, дурустӣ ва ғ.) мавҷуд аст. Ҳолатҳои норасогӣ дар масъалаҳои интиқоли табобатгирандагон назорат ва таҳлил карда мешаванд. Ҳолатҳои норасогӣ дар масъалаҳои интиқол дар ҷаласаҳои якҷояи МТ (табобатгирандагонро интиқол ва қабул кардаанд) баррасӣ мешаванд, протоколҳои муҳокима мавҷуданд. Аз тарафи Комиссия оид ба сифат ва бехатарии ёрии тиббӣ мониторинг ва баҳодиҳии интиқоли табобатгирандагон гузаронида мешаванд (аудитҳои клиникӣ).

**Баҳодиҳии иҷрои стандарт.**

Ба сохторҳои интиқолию машваратӣ ташриф оварда мешавад, мавҷудияти нақлиёти махсус муҷаҳҳазгардонидашуда ва ҳайати тахассусӣ барои интиқоли табобатгирандагон, қоидаҳои расмӣ (протоколҳо, дастурамалҳо), ки гузаронидани машварат ва нишондод барои гузаронидани табобатгирандагон ба сатҳи дигари хизматрасонии тиббиро ба тартиб медароранд, инчунин омодагиро ба интиқоли табобатгирандагон ба тартиб медароранд, санҷида мешаванд. Баҳодиҳии экспертии қайдҳо дар ҳуҷҷатҳои тиббӣ оид ба гузаронидани табобатгирандагон, баҳодиҳии хатари гузаронидан, машваратдиҳии мутахассисони сатҳи баланд, оид ба нишондоди гузаронидани табобатгирандагон ва омодасозии онҳо ба интиқол, гузаронида мешавад. Инчунин, мавҷудият ва самаранокии механизми робитаи дуҷонибаи байни МТ оид ба масъалаҳои интиқоли табобатгирандагон тибқи талаботи стандарт баҳодиҳӣ карда мешаванд. Мунтазамияти гузаронидани аудити клиникии сохторҳои интиқолию

машваратии аз ҷониби Комиссия оид ба сифат ва бехатарии ёрии тиббӣ санҷида мешавад.

**Стандарти 3.11.** Анҷоми муоличаи (ҷавоб додан) табобатгирандагон ба нақша гирифта, мувофиқа карда шудааст.

**Талаботҳои стандарт.**

Банақшагирии ҷавоб додани табобатгиранда аз бақайдгирии он дар зерсохтори беморхона оғоз мегардад ва дар нақшаи нигоҳубини табобатгиранда ворид карда мешавад. Санаи анҷоми муолиҷа дар МТ (санаи ҷавоб додани бемор, гузаронидани табобатгирандагон ба муассисаи сатҳи болоӣ) аз ҷониби табиби табобаткунанда бо бемор ва ё бо хешу таборони ӯ, ки бо имзои бемор (хешу табори ӯ) дар ҳуҷҷатҳои тиббӣ тасдиқ гардидааст, мувофиқа карда шудааст.

**Иҷроиши баҳодиҳии стандарт.**

Таърихи таваллуд, таърихи инкишофи кӯдакони навзод, таърихи бемориӣ, корти тиббии табобатгиранда, шартнома (ҳангоми мавҷудият) ва иқтибос аз корти тиббӣ омӯхта шуда, қайдҳо оид ба нақшагирии ҷавобшавӣ, имзои табобатгирандагон (ва ё хешу таборони он), ки мувофиқа намудани ҷавобшавиро бо табобатгирандагон тасдиқ менамоянд, санҷида мешаванд.

**Стандарти 3.12.** Хизматрасонии тиббии табобатгирандагон миёни МТ ва хадамоти ҳифзи иҷтимоӣ ҳамоҳанг сохта шудааст.

**Талаботҳои стандарт.**

Дар ҳолатҳои рад кардани модар аз кӯдаки навзод роҳбари МТ дар мӯҳлати муқарраргардида бо тарзи хаттӣ мувофиқи фармоиши Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон №790 аз 15.12.2008 Оид ба тасдиқи «Низомномаи хонаи кӯдакон ва дастур оид ба тартиби қабули кӯдакон ба хонаи кӯдакон ва аз қайди он баровардан» идораи иҷтимоиро хабардор мекунад (шӯъбаи ҳимоят ва мақомоти парастории худидоракунии маҳаллӣ). Интиқоли кӯдакони бепарастормондаи (кӯдакони навзоди дар таваллудхона монда) саломатиашон хуб ба хонаи кӯдаконаи махсусгардонидашуда бо ҳамроҳи корманди тиб амалӣ карда мешавад. Ҳангоми гузариш ҳуҷҷатҳои лозима (қайдҳои инкишофи кӯдак, иқтибоси гузариш бо маълумоти ҳолати саломатии кӯдаки навзод, шаҳодатномаи рӯзи таваллуд) тартиб дода мешаванд.

**Иҷроиши баҳодиҳии стандарт.**

Мавҷудияти тартиби ҳамоҳангсозӣ байни муассисаи тандурустӣ ва идораи хизматрасонии иҷтимоӣ мувофиқи талаботи стандарт санҷида мешавад.

**Барасмиятдарории қайдҳои тиббӣ дар ҳуҷҷатҳои аввалияи тиббӣ оид ба нигоҳубини беморон (бақайдгирии беморон)**

**Стандарти 3.13.** Ҳуҷҷатҳои тиббӣ оид ба рафти муолиҷаи табобатгирандагон ба талаботи муқарраргардида мутобиқат мекунанд, идентификатсияи пурраи табобатгирандагон ва ҳамоҳангсозии амалҳои байни мутахассисонро (зерсохторҳо, бахшҳо) оид ба нигоҳубини табобатгирандагон таъмин менамоянд.

**Талаботҳои стандарт**.

1. Барои рафти муолиҷаи табобатгирандагон шакли стандартии ҳуҷҷатҳои тиббии тасдиқгардида мувофиқи фармоиши Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон №98 аз 27.03.2006 «Оиди ченакҳо, шаклҳои ҳуҷҷатҳои аввалияи тиббӣ ва ҳисоботии оморӣ дар муассисаҳои тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон» истифода бурда мешаванд (таърихи таваллуд, таърихи инкишофи кӯдак, корти тиббии табобатгирандаи статсионарӣ).
2. Ҳуҷҷатҳои аввалияи тиббӣ оид ба рафти муолиҷаи табобатгирандагон иборатанд аз:

- қисми шиносномавӣ;
- тавсифи шикояти бемор;
- маълумот оид ба бемор;
- маълумотҳои муоинаи воқеӣ;
- ташхиси пешакӣ ва клиникӣ;
- нақшаи нигоҳубини бемор;
- варақаи қайди ҳарорат ва варақаи таъинот;
- партограмма (дар вақти таваллуд) ва тарафи чаппаи партограмма (баъд аз таваллуд);
- пайнавиштҳои ҷарроҳӣ (ҳангоми амалиётҳои ҷарроҳӣ);
- қайди табиби беҳискунанда (ҳангоми истифодаи дастурҳои анестезиологӣ);
- қайдҳо оид ба натиҷаҳои ташхис ва муоинаи машваратчиён;
- маълумотҳои назорати мунтазами (рӯзномаҳо, эпикризи давравӣ) табобатгирандагон;
- ҳама ҳодисаҳо, ҳодисаҳои нохуш ва ҳолатҳои баъд аз таъсири амалиётҳои тиббӣ;
- аломатҳои шартии огоҳӣ/хабардиҳӣ;
- иқтибоси ҷавобшавӣ;
- варақаи назоратӣ;
- варақаи назорати беҳискунӣ;
- розигии хаттӣ барои бистарикунонӣ, табобат ва ғ..

3. Қайдҳо дар ҳуҷҷатҳои тиббӣ фаҳмо, бе ихтисорот (ба истисноии истилои умумӣ қабулгардида) навишта шудаанд, санагузорӣ карда шудаанд, ба расмият дароварда аз тарафи мутахассисони ихтисосноки табобаткунандаи бемор ва ба хизматрасонии босифати тиббӣ масъул (ному насаб) имзо карда шудаанд.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

1. Мавҷудияти шаклҳои стандартӣ, тасдиқгардидаи ҳуҷҷатҳои тиббӣ оид ба пешбурди табобатгирандагон (таърихи беморӣ, таърихи таваллуд, таърихи иникшофи кӯдак, корти тиббии табобатгирандаи статсионарӣ) санҷида мешавад.
2. Экспертизаи ҳуҷҷатҳои аввалияи тиббӣ оид ба пешбурди беморон гузаронида шуда, мавҷудияти қайдҳои зарурӣ тибқи талаботҳои стандарт санҷида мешавад.
3. Сифати қайдгузориҳо (фаҳмо будан, бе ихтисорот, мавҷудияти таърихи рӯз, имзогузорӣ) баҳодиҳӣ карда мешавад.

**Стандарти 3.14.** Барои занҳо аз гурӯҳи хатари баланд бо оризаҳои перинаталӣ нақшаи пешбурди таваллуд тартиб дода мешавад.

**Талаботҳои стандарт**.

1. Маълумот оиди назорат, муоина, табобати ҳомиладорон гурӯҳи осебпазири баланд ба оризаҳои перинатологӣ дар сатҳи якум ва ҳангоми бистарии пешина дар беморхона дастрасанд ва барои тартиб додани нақшаи бурдани таваллуд ба инобат гирифта шудаанд.
2. Дар таърихи таваллуд барои занҳо аз гурӯҳи хатари баланд бо оризаҳои перинаталӣ нақшаи якҷоя тартибдодаи мутахассисон (машварати табибони соҳавӣ) оид ба бурдани таваллуд мавҷуд аст. Нақшаи бурдани таваллуд аз тарафи ҳамаи машваратчиён имзо карда шудааст.
3. Ҳангоми бурдани таваллуд дар занҳои гурӯҳи осебпазир ба оризаҳои перинаталӣ ҳайат нақшаи тартибдодаро дуруст риоя менамояд.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

Экспертизаи таърихи таваллуд гузаронида мешавад, мавҷудияти нақшаи таваллуд барои занҳо аз гурӯҳи хатари баланд бо оризаҳои перинаталӣ санҷида мешавад, риояи принсипи машваратӣ ҳангоми таҳияи он баҳодиҳӣ карда мешавад. Назорат аз рӯи бурдани таваллуди занҳо аз гурӯҳи хатари баланд (бо розигии хаттии

таваллудкунанда) ба роҳ монда шудааст, мутобиқати бурдани таваллуд бо нақшаи тартибдодашуда баҳодиҳӣ карда мешавад.

**Стандарти 3.15.** Қайдҳо оид ба назорати мунтазами (мониторинг) табобатгирандагон ба талаботҳои муқарраргардида мутобиқат мекунад.

**Талаботҳои стандарт**.

1. Қайдҳои назорати мунтазами (рӯзнома, эпикризи марҳилавӣ) табобатгирандагонро дар ҳуҷҷатҳои тиббӣ (таърихи таваллуд, таърихи инкишофи кӯдакони навзод, кортҳои тиббии беморони статсионарӣ) шахсони тахассуснок, ки табобатгирандагонро назорат мекунанд ва ба хизматрасонии босифат бевосита масъуланд амалӣ менамоянд.
2. Қайдҳо ба талаботҳои муқарраргардида мувофиқат мекунанд:
   - қайдҳо оиди назорати мунтазами кӯдакон ва беморони ҳолати вазнини миёна дошта дар зерсохторҳо ҳаррӯза амалӣ карда мешаванд;
   - қайдҳо оиди назорати мунтазами беморон дар шӯъбаи наҷот/табобати шиддатнок баъд аз ҳар 0,5 – 4 соат вобаста аз вазнинии ҳолати бемор амалӣ карда мешаванд;
   - қайдҳо оид ба назорати мунтазам маълумотноканд, назорати фишори хун (ФХ), суръати кашиши мушакҳои дил (СКД), суръати нафаскашӣ (СН), ҳарорати бадан, Sat $O_2$ (ҳангоми зарурат), раванди ҳолати беморро инъикос мекунанд, шарҳи натиҷаҳои ташхисҳоро мувофиқи ҳолати клиникии бемор ва асоснокии тағйири табобатро (агар зарурат дошта бошад) дар бар мегиранд;
   - ҳамаи қайдҳо хусусияти барасмиятдарориро доранд – санагузорӣ шудаанд, аз тарафи мутахассисони нигоҳубинкунандаи бемор (ному насаб) ба тавсиб расонида шудаанд.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

Экспертизаи ҳуҷҷатҳои аввалияи тиббӣ гузаронида мешавад, пуррагӣ ва маълумотнокии қайдҳо тибқи талаботҳои стандарт баҳогузорӣ карда мешавад.

**Стандарти 3.16.** Нақшаи пешбурди/хизматрасонии тиббии табобатгирандагон ба талаботҳои муқарраргардида мувофиқат мекунад.

**Талаботҳои стандарт**.

1. Дар кортҳои тиббӣ нақшаи нигоҳубин/хизматрасонии тиббии табобатгирандагон пурра, дуруст, аниқ, асоснок ва ҷабҳаҳои асосии хизматрасонии тиббиро дар асоси ташхиси асосӣ, бемориҳои ҳамрадиф ва ҳолати бемор (ҳолати ҷисмонӣ ва эҳсосӣ, аломати дард, хусусиятҳои дар алоқа будан ва ғ.) ба табобатгирандагон дорад:
   - ҳаҷми тадқиқотҳои ташхисӣ;
   - ҳаҷми чорабиниҳои табобатӣ (табобати консервативӣ бо асосноккунии таъиноти маводҳои доруворӣ, амалиётҳои ҷарроҳӣ);
   - хатарҳои амалиётҳои тиббӣ/дахолатҳо;
   - парҳези мувофиқ;
   - мақсадҳои (натиҷаҳои дилхоҳ) хизматрасонии тиббӣ;
   - санаи банақшагирифташудаи анҷоми хизматрасонӣ ба бемор (банақшагирии иқтибос ё гузаронидан).
2. Табобатгирандагон ва аҳли оилаи онҳо дар раванди банақшагирии чорабиниҳо оид ба хизматрасониҳои тиббӣ иштирок менамоянд.
3. Кормандон ба нақшаи пешбурди/хизматрасонии тиббии беморонро риоя мекунанд, ноил шудан ба мақсадҳоро (натиҷаҳои дилхоҳ) ҳангоми хизматрасонии тиббӣ назорат менамоянд. Ҳангоми зарурат азназаргузаронии талаботҳои хизматрасонӣ ба беморон гузаронида шуда, тағйиротҳои зарурӣ ба нақшаи пешбурди/хизматрасонии тиббӣ ба беморон ворид карда мешаванд.

4. Дар вақте ки агар марганҷомӣ дар пеш мунтазира бошад, нақшаи пешбурди /хизматрасонии тиббӣ ба беморон дар бар мегирад: омодасозии бемор ва аҳли оилаи ӯ ба натиҷаи мунтазира, бартарафсозии дарднокӣ ва рӯҳафтодагӣ ва дигар аломатҳо, алоқа бо ашхоси динӣ, гурӯҳи дастгирикунанда, ки маслиҳатҳои лозимаро таъмин менамояд, талаботҳои динӣ ва фарҳангӣ муайянро қонеъ мегардонад.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

Экспертизаи ҳуҷҷатҳои тиббӣ гузаронида мешавад, сохтор ва мазмуни нақша баҳогузорӣ карда шуда, назорати ноил шудан ба мақсадҳо (натиҷаҳои дилхоҳ) ҳангоми хизматрасонии тиббӣ ва ворид намудани тағйиротҳои лозима ба нақшаи пешбурди/хизматрасонии тиббӣ, мувофиқи талаботҳои стандарт гузаронида мешаванд. Мусоҳиба/анкетакунонии беморон дар мавзӯи иштироки онҳо дар раванди банақшагирии чорабиниҳои хизматрасонии тиббӣ гузаронида мешавад.

**Стандарти 3.17.** Пур кардани партограмма ҳангоми таваллуди физиологӣ ба талаботҳои муқарраргардида мувофиқат мекунад.

**Талаботҳои стандарт**.

Партограмма тибқи талаботи фармоиши Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон № 540 аз 26.09.2008 сол «Дар бораи ворид намудани стандартҳо оид ба хунравӣ, назорати антенаталӣ, таваллуди физиологӣ, гестоз» аз тарафи момодоя ва табиби акушер гинеколог ҳангоми таваллуд дар реъҷаи вақти ҳақиқӣ пур карда мешавад. Баҳодиҳии кушодашавии гарданаки бачадон, конфигуратсия ва ҳаракати сараки тифл ҳар 4 соат, дарди кашишхурӣ ва таппиши дили тифл ҳар 30 дақиқа, хусусияти обҳои наздитифлӣ, ҳолати умумии зан (набз, Ф/Ш, ҳарорат, пешобронӣ) гузаронида мешавад.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

Навиштаҷоти партограмма дар вақти таваллуд дар реҷаи вақти ҳақиқӣ баҳогузорӣ карда шуда, экспертизаи таърихи таваллуд, баҳодиҳӣ ҷиҳати аниқ пур кардани партограмма (пуррагӣ ва маълумотнокии қайдҳо) мувофиқи талаботҳои стандарт гузаронида мешавад.

**Стандарти 3.18.** Пур кардани тарафи чаппаи партограмма ба талаботҳои стандарт мувофиқат мекунад.

**Талаботхои стандарт**.

Тарафи чаппаи партограмма мувофиқи талаботҳои фармоиши ВТ ҶТ № 540 аз 26.09.2008 сол аз ҷониби момодоя дар реҷаи вақти ҳақиқӣ пур карда мешавад. Ҳолати модар, чен намудан ва қайди ҳарорати бадан, Ф/Ш, набз, назорати талафоти хун, ҳолати узвҳои берунаи таносул ва бачадон: дар давоми соати аввал - ҳар 15 дақиқа, соати 2-юм – ҳар 30 дақиқа, соати 3 ва 4-ум – ҳар 1 соат ва дар давоми аз 4 то 24 соати давраи баъдивалодатӣ – ҳар 4 соат баҳогузорӣ карда мешавад.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

Навиштаҷоти тарафи чаппаи партограмма дар реҷаи ҳақиқӣ санҷида шуда, экспертизаи таърихи таваллуд, баҳодиҳӣ ҷиҳати аниқ пур кардани партограмма (пуррагӣ ва маълумотнокии қайдҳо) тибқи талаботҳои стандарт мувофиқи талаботи стандарт гузаронида мешавад.

**Стандарти 3.19.** Ташхисҳои клиникӣ саривақт гузошта шуда, дуруст асоснок карда шудаанд.

**Талаботҳои стандарт**.

1. Асосноккунии ташхиси клиникӣ дар ҳуҷҷатҳои аввалияи тиббӣ (таърихи таваллуд, таърихи инкишофи кӯдаки навзод, корти тиббии бемори статсионарӣ) аз тарафи мутахассиси ботаҷриба – табиби муолиҷавие, ки барои хизматрасонии босифат масъул аст, ба роҳ монда шудааст.
2. Ташхис на дертар аз 3 рӯзи бистарӣ (дар ҳолатҳои алоҳида на дертар аз 5 рӯз) аз лаҳзаи воридшавии бемор гузошта шудааст.
3. Ташхиси клиникӣ ба Таснифоти байналмилалии бемориҳо №10 мувофиқат мекунад. Ташхиси клиникӣ: ташхиси асосӣ (бо нишондоди марҳила ва дараҷаи вазнинӣ, дараҷаи вайроншавии вазифаи узвҳо), бемориҳои ҳамрадиф ва оризаҳоро дар бар мегирад. Ҳангоми асосноккунии ташхиси клиникӣ танҳо ҳамон маълумотҳое истифода бурда шудаанд, ки ташхиси гузоштаро тасдиқ менамоянд.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

Экспертизаи таърихи таваллуд, таърихи инкишофи кӯдаки навзод ва корти тиббии беморони статсионарӣ гузаронида мешавад, дурустӣ (аз рӯи шакл ва мазмун) ва саривақт асосноккунии ташхиси клиникӣ, инчунин мутобиқати он ба Таснифоти байналмилалии бемориҳо №10, баҳогузорӣ карда мешавад.

**Стандарти 3.20.** Протоколҳои ҷарроҳӣ ба талаботҳои муқарраргардида мувофиқат мекунанд.

**Талаботҳои стандарт**.

1. Дар маҷаллаи ҷарроҳӣ, таърихи таваллуд, корти тиббии беморони статсионарӣ протоколи ҷарроҳӣ (дар ҳолати гузаронидани амалиётҳои ҷарроҳӣ) мавҷуд мебошанд.
2. Протоколҳои ҷарроҳӣ аз тарафи табиби тахассуснок – ҷарроҳ, ки амалиёти ҷарроҳиро мегузаронад ва ба сифати ҷарроҳӣ масъул мебошад, зуд баъд аз ҷарроҳӣ тибқи талаботҳои муқарраргардида бо нишон додани санаи гузаронидани ҷарроҳӣ, нишондод ба ҷарроҳӣ, рафти ҷарроҳӣ, гузориши ҳамшираи ҷарроҳӣ, тавсияҳо, ному насаб ва имзои аъзоёни ҳайати ҷарроҳон тартиб дода мешавад.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

Экспертизаи таърихи таваллуд, кортҳои тиббии беморони статсионарӣ, китоби қайди амалиётҳои ҷарроҳӣ бо дарҷ гардидани сана ва вақти амалиёти ҷарроҳӣ гузаронида шуда, дурустии тартибдиҳии протоколи амалиёти ҷарроҳӣ тибқи талаботҳои стандарт баҳогузорӣ карда мешавад.

**Стандарти 3.21.** Сабтҳои табиби беҳискунанда ба талаботҳои муқарраргардида мувофиқат мекунад.

**Талаботҳои стандарт**.

Ҳангоми ба беморон гузаронидани усулҳои беҳискунӣ, дар таърихи таваллуд ва кортҳои тиббӣ чунин маълумотҳо қайд карда мешаванд:

1. Сабти муоинаи беморон аз тарафи табиби беҳискунанда пеш аз ҷарроҳӣ (ҳангоми амалиёти ҷарроҳии банақшагирифташуда, на дертар аз як шабонарӯз пеш аз ҷарроҳӣ), бо назардошти анамнези анестезиологӣ (мавҷудияти оризҳои беҳискунии пешина), баҳодиҳии ҳолати бемор дар асоси маълумотҳои воқеӣ дар вақти муоина, ташхисҳо ва машваратҳои гузаронидашуда, асосноккунии интихоби усули беҳискунӣ (нақшаи беҳискунӣ) бо муайянсозии хатарҳои беҳискунӣ;
2. «Корти ҷараёни беҳискунӣ» дар реҷаи вақти воқеӣ тибқи талаботҳои муқарраргардида пур карда шудаанд. Қайдҳо оид ба ҷараёни беҳискунӣ, ҳолати баъд аз беҳискунӣ ва гузаронидани бемор ба ҳуҷраи баъдиҷарроҳӣ мавҷуданд.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

Экспертизаи таърихи таваллуд ва кортҳои тиббӣ гузаронида шуда, иҷрои талаботҳои стандарт баҳодиҳӣ карда мешавад.

**Стандарти 3.22.** Иқтибосҳои рухсатӣ ва иқтибос аз корти тиббии бемории статсионарӣ ва таърихи валодат ба талаботи муқарраргардида мувофиқат мекунанд.

**Талаботҳои стандарт**.

1. Дар иқтибоси рухсатии кортҳои тиббӣ ва таърихи валодат натиҷаи ташхисҳои гузаронидашуда, ҳаҷми расонидани ёрии тиббӣ, баҳодиҳии натиҷаи муолиҷа (оқибати он), инчунин тавсияҳо нисбати дар оянда пеш бурдани муолиҷаи табобатгиранда инъикос гардидаанд.
2. Ҳангоми аз муассисаҳои тандурустӣ рухсатӣ шудан ба дасти беморон аз корти тиббӣ ва таърихи валодат иқтибос бо маълумоти пурра оид ба натиҷаи ташхиси гузаронидашуда, ҳаҷми кӯмаки тиббии расонидашуда, баҳодиҳии натиҷаи он, инчунин тавсияҳо оиди ташкили назорати амбулаторӣ ё табобат дар статсионарҳои махсусгардонидашуда, дода мешавад. Қайд оид ба гирифтани иқтибос ва имзои бемор мавҷуд аст.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

Экспертизаи ҳуҷҷатҳои тиббӣ (иқтибосҳои рухсатӣ ва иқтибос аз корти тиббӣ ва таърихи валодат) гузаронида шуда, маълумотнокии ҳуҷҷатҳои дар боло зикргардида, тибқи талаботҳои стандарт, баҳодиҳӣ карда мешавад.

### Хизматрасонии тиббӣ ҷавобгӯӣ ҳуқуқи табобатгиранда мебошад

**Стандарти 3.23.** Табобатгирандагон оид ба ҳуқуқу озодии худ, инчунин оид ба низоми ҳалли баҳсҳо иттилоъ доранд.

**Талаботҳои стандарт.**

Дар зерсохторҳои МТ бо забони давлатӣ ва дигар забонҳо овезаи иттилоотӣ бо маълумотҳои зерин мавҷуд аст:

1. Ҳуқуқи табобатгиранда, ҳамчунин иқтибос аз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи саломатии аҳолӣ» - «Ҳуқуқҳо ва ӯҳдадориҳои шаҳрвандон дар самти ҳифзи саломатӣ».
2. Низоми қабул ва баррасии норозигиҳои табобатгиранда, ки бо сукунати у дар муассисаи тандурустӣ алоқаманд аст.
3. Рӯйхати шахсони мансабдори муассисаи тандурустӣ, ки ба онҳо табобатгирандагон метавонанд ҳангоми пайдо шудани норозигиҳо оид ба масъалаҳои хизматрасонии тиббӣ муроҷиат намоянд (ному насаб, вазифа, рақами телефон).
4. Имконияти муроҷиат кардани табобатгиранда ба ташкилотҳои зарурии ҷамъиятӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқи табобатгиранда ва ё ба суд, ҳангоми норозӣ будани табобатгиранда бо хулосаи муҳокимаи шикоят дар муассисаи тандурустӣ.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

Дар зерсохторҳои МТ мавҷуд будани маълумот дар овезаҳои иттилоотӣ, мувофиқи талаботҳои стандарт санҷида мешавад. Мусоҳиба ва анкетакунонии табобатгирандагон оид ба иттилоотнокии онҳо дар бораи ҳуқуқҳои табобатгиранда, мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи саломатии аҳолӣ» - «ҳуқуқ ва ӯҳдадории шаҳрвандон дар самти ҳифзи саломатии онҳо» (боби III) гузаронида мешавад.

**Стандарти 3.24.** Маълумот дар бораи табобатгиранда махфӣ буда, аз гум шудан ва ё нодуруст истифода бурдан ҳимоя карда шудааст.

**Талаботҳои стандарт**.

Ба табобатгиранда кафолати махфияти маълумот вобаста ба табобатгирии

(сукунати) ӯ дар муассисаи тандурустӣ таъмин карда мешавад. Ҳамаи кормандони муассисаи тандурустӣ оид ба ҳуқуқи табобатгирандагон нисбати махфӣ нигоҳ доштани маълумот дар бораи онҳо бохабаранд ва ин маълумотҳоро махфӣ нигоҳ медоранд. Маълумот нисбати табобатгиранда дар ҳуҷҷатҳои тиббӣ (таърихи таваллуд, таърихи инкишофёбии кӯдаки навзод, корти тиббӣ/таърихи беморӣ) барои шахсони бегона дастнорас буда, ҳуҷҷатҳо дар ҷевонҳои қулфшаванда нигоҳ дошта мешаванд (агар бо ҳуҷҷатҳо корманди тиб машғул набошад).

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

Пурсиши кормандон ва табобатгирандагон оид ба масъалаҳои махфӣ будани маълумот гузаронида мешавад. Дуруст нигоҳ доштани корти тиббӣ (дар давоми муолиҷаи табобатгиранда дар МТ ва баъди хотимаи муолиҷа) мувофиқи талаботи стандарт ва эҳтимолияти хавфи паҳншавии маълумот оид ба табобатгирандагон ба шахсони бегона, баҳодиҳӣ карда мешавад.

**Стандарти 3.25.** Ба табобатгиранда дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ, эҳтироми шаъну шарафи ӯ кафолат дода мешавад.

**Талаботҳои стандарт.**

1. Муассисаи тандурустӣ ба табобатгиранда дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ, эҳтироми шаъну шарафи ӯро тибқи Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолат медиҳад.
2. Муассисаи тандурустӣ ба табобатгиранда имконияти табобатгириро дар ҳуҷраи алоҳида барои ҷинси мард ва зан кафолат медиҳад.
3. Муассисаи тандурустӣ ба табобатгиранда имконияти табобатгириро дар ҳуҷраи алоҳида (аз он ҷумла ҳуҷраи дорои як кат барои таваллуд) кафолат медиҳад. Оид ба шартҳои молиявии табобатгирӣ дар ҳуҷраи алоҳида табобатгиранда пешакӣ огоҳ шудааст.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

Муоинаи биноҳои зерсохторҳо дар беморхона гузаронида шуда, мавҷудияти ҳуҷраҳои табобатии алоҳидаи мардона ва занона, ҳуҷраҳои алоҳида барои табобатгирандагон (аз он ҷумла барои таваллуд), инчунин иттилоотнокии табобатгирандагон оид ба шартҳои молиявии табобатгирӣ дар чунин ҳуҷраҳо (нархномаи хизматрасонӣ) баҳогузорӣ карда мешавад.

**Стандарти 3.26.** Ҳуқуқи интихоб ва мувофиқасозии хизматрасонии тиббӣ бо табобатгиранда таъмин карда мешавад.

**Талаботҳои стандарт.**

1. Таъмини ҳуқуқи табобатгирандагон ба интихоби табиби муолиҷавӣ ва намудҳои алтернативии хизматрасонии тиббӣ.
2. Табобатгирандагон дар рафти пешниҳоди хизматрасонии тиббӣ ба онҳо иштирок мекунанд. Табобатгирандагон (дар ҳолатҳои зарурӣ хешовандон ва наздикон) оид ба ҳамаи амалиётҳои табобатӣ (аз самаранокӣ ва хафнокии онҳо), шартҳои хизматрасонӣ (реҷаи бистаришавӣ, вақти аёдати беморон, маҳдудияти одатҳои зарарнок, масъалаҳои молиявӣ) ному насаб, вазифа ва ихтисоси корманди тиббие, ки ёрии тиббӣ мерасонанд огоҳонида шуда, барои гузаронидани амалиётҳои пешниҳодшуда розигии худро медиҳанд.
3. Муассисаи тандурустӣ хоҳиши табобатгирандагонро эҳтиром мекунад ва ба табатгирандагон (оилаи онҳо, парасторон) оид ба ҳуқуқ ва ӯҳдадориашон нисбат ба рад намудан ва ё қатъ намудани табобат, иттило медиҳад.
4. Иштироки табобатгиранда дар санҷишҳои таҷрибавии илмӣ ва тиббӣ танҳо бо розигии хаттии ӯ гузаронида мешавад.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

Анкетакунонии табобатгирандагон оид ба таъмини ҳуқуқи онҳо дар интихоби табиб ва намудҳои алтернативии хизматрасонии тиббӣ, иттилоотнокии онҳо нисбат ба амалиётҳои тиббӣ пешниҳодгардида, шартҳои расонидани онҳо, розигӣ додан ба амалиётҳои тиббии гузаронидашуда ва иштирок дар санҷишҳои таҷрибавии илмӣ ва тиббӣ, гузаронида мешавад.

**Стандарти 3.27.** Ҳангоми гузаронидани амалиётҳо вобаста ба хатар ва тестикунонӣ ба ВНМО розигии хаттии табобатгиранда гирифта мешавад.

**Талаботҳои стандарт.**

1. Ҳангоми гузаронидани амалиётҳои ташхисӣ ва табобатӣ, ки бо хатар вобаста мебошанд (ҷарроҳӣ, хунгузаронӣ, тадқиқотҳои ташхисии хатарнок) ва тестикунонӣ ба ВНМО, ба табобатгирандагон маълумот пурра ҷиҳати эҳтимололияти гирифтани аксуламал ва авоеризҳо пешниҳод шуда, барои гузаронидани ин амалиётҳо розигии хаттии табобатгиранда гирифта мешавад.
2. Ҳангоми имконнопазирии гирифтани розигии хаттӣ аз табобатгиранда (дар ҳолати вазнин ва ё беҳуш будан), аз хешу таборони наздики ӯ гирифта мешавад (намояндаи ҳуқуқии ӯ).
3. Ҳангоми набудани намояндаи ҳуқуқӣ, қарор оид ба гузаронидани амалиётҳои муолиҷавӣ ва ташхисӣ, ки ба хатар алоқаманданд, дар машварати якҷояи табибон қабул карда мешавад (дар асоси нишондиҳандаҳои ҳаётан муҳим) ва ҳангоми ғайриимкон будани ҷамъшавии ҳайати машваратӣ – бевосита табиби муолиҷавӣ (навбатдор) қарор қабул намуда, шахси мансабдори муассисаи тандурустӣ ва намояндаи ҳуқуқии беморро хабардор мекунад.
4 Розигии гузаронидани амалиётҳои ташхисӣ ва муолиҷавӣ аз ҷумла ба хатар алоқаманд нисбат ба кӯдакони то сини 18 сола аз падар ва модари бемор ва ё аз намояндаи ҳуқуқии онҳо гирифта мешавад.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

Анкетакунонии табобатгирандагон оид ба доштани маълумот нисбати эҳтимолияти рух додани аксуламал ва авоеризҳо ҳангоми амалиётҳои муолиҷавӣ ва ташхисӣ, гузаронида мешавад.

Дар таърихи таваллуд, таърихи инкишофи кӯдаки навзод ва кортҳои тиббӣ\таърихи беморӣ мавҷудияти розигии хатии табобатгиранда ё волидайни онҳо оид ба гузаронидани амалиёти муолиҷавӣ ва ташхисии ба хатар алоқаманд санҷида мешавад.

**Стандарти 3.28**. Қаноатмандии табобатгиранда баҳодиҳӣ карда шуда, норизогии онҳо ба инобат гирифта мешавад. Низоми баррасии шикоятҳои табобатгирандагон мавҷуд аст.

**Талаботҳои стандарт.**

1. Дар муассиса механизмҳои алоқаи муттақобила бо табобатгирандагон (қабули мукотибаҳои расмӣ - мактубҳо, шикоятҳо, пешниҳодҳо, инчунин механизми қабули мукотибаҳои анонимӣ – қуттии анонимӣ, телефони боварӣ, анкетакунонӣ) фаъолият менамояд, ба инобат гирифта мешавад.
2. Ҳама мукотибаҳои расмӣ аз шаҳрвандон (мактубҳо, шикоятҳо, пешниҳодҳо) аз тарафи шахсони мутасаддӣ (комиссия оид ба сифат ва бехатарии ёрии тиббӣ) қайд гардидаанд ва таҳлил/баҳодиҳӣ карда шудаанд, ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи ҷараёни таҳлил/баҳодиҳӣ (пайнавиштҳо) мавҷуд мебошанд.
3. Чораҳои зарурӣ аз натиҷаҳои таҳлил/баҳодиҳии расмии мукотибот аз шаҳрвандон, ки ба беҳтар намудани сифати хизматрасонии тиббӣ равона шудаанд, қабул карда

мешаванд. Ба табобатгирандагон/шаҳрвандон ҷавоби хаттӣ оид ба шикоят пешниҳод карда мешавад.

4. Шикоятҳо/эътирозҳо/пешниҳодҳои табобатгирандагон, ки бо тариқи анонимӣ қабул шудаанд (мукотибаҳои анонимии – қуттиҳои анонимӣ, натиҷаҳои анкетакунонӣ, телефонограммаҳо аз табобатгирандагон ба инобат гирифта шуда, дар ҷаласаҳои ҳайати кормандон баррасӣ ва баҳогузорӣ карда мешаван.
5. Маълумотҳо оид ба натиҷаи баррасӣ/баҳогузории шикоятҳо/эътирозҳо/пешниҳодҳои табобатгирандагон, ки бо тариқи анонимӣ қабул шудаанд барои беҳбуди кор истифода бурда мешаванд. Сохторҳои зертобеъ/бахшҳои алоқаманди МТ оид ба эътирозҳои табобатгирандагон иттилоъ доранд ва барои беҳтар намудани фаъолият чораҳои зарурииро меандешанд.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

Мавҷудияти механизми алоқаи мутақобила бо табобатгирандагон (қуттии анонимӣ, телефонии боварӣ, анкетакунонӣ) санҷида мешаванд. Ҳолати воқеии ташкили кор оид ба мукотиботи анонимӣ ва расмӣ аз табобатгирандагон ва истифодаи он барои беҳтар намудани фаъолият баҳодиҳӣ карда мешавад. Мусоҳиба бо кормандон ҷиҳати маълумотнокии онҳо оид ба эътирозҳои табобатгирандагон ва чораҷӯӣ барои беҳтар намудани фаъолият гузаронида мешавад.

**Стандарти 3.29.** Ба табобатгирандагон имконияти аёдати онҳо кафолат дода мешавад.

**Талаботҳои стандарт.**

1. Муассисаи тандурустӣ иҷозати бемамоният аз ҷониби хешу табор аёдат намудани беморро, барои иштироки онҳо дар таваллудҳои шарикона, нигоҳубини тиббӣ, расонидани маводҳои хӯрока ба табобатгирандагонро дар доираи қоидаҳои муқарраргардидаи МТ кафолат медиҳад.
2. Маҳдудият ва иҷозат надодан ба аёдат ва иштироки хешу табор дар нигоҳубини беморон, танҳо мувофиқи дастурамали батартибандозӣ ва қоидаҳои аёдати беморон (сарулибоси аёдаткунанда, муваққатан маҳдуд намудани иҷозати аёдат, розигии дигар табобатгирандагон ҳангоми аёдати ҳуҷрае, ки дар он зиёда аз як табобатгиранда бистарӣ шудааст, ҷойҳои махсусгардонидашуда барои вохӯрии табобатгирандагон бо хешу табор/аёдаткунандагон, қоидаҳои бехатарӣ ҳангоми аёдат, мисол, аёдати бемор дар ҳолати мастӣ) қайд шудааст. Дастурамал (дар ҷои намоён) барои табобатгирандагон ва аёдатмандон дастрас мебошад.
3. Маъмурияти муассисаи тандурустӣ ва зерсохторҳои он иҷроиши тартибот ва қоидаҳои аёдати беморонро таъмин менамоянд.

**Баҳогузории иҷроиши стандат.**

Овезаҳои иттилоотӣ аз назар гузаронида шуда, мавҷудияти дастурамалҳо, реҷаҳо ва қоидаҳо доир ба аёдати табобатгирандагон санҷида мешаванд. Мусоҳиба/анкетакунонии табобатгирандагон мувофиқи баҳодиҳии иҷроиши талаботи стандарт гузаронида мешавад.

**Стандарти 3.30.** Бемор ҳангоми табобатгирӣ дар муассисаи тандурустӣ ҳуқуқи истифодаи сарулибос ва пойҷогаҳои худро дорад.

**Талаботҳои стандарт.**

Муассисаи тандурустӣ бо хоҳиши табобатгиранда истифодаи сарулибос ва пойҷогаҳои шахсиро иҷозат медиҳад.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

Мусоҳиба/анкетакунонӣ бо табобатгирандагон оид ба истифодаи сарулибос ва пойҷогаҳои шахсӣ (бо хоҳиши табобатгиранда) аз ҷониби онҳо гузаронида мешавад.

**Стандарти 3.31.** Табобатгиранда имконияти интихоби хизматрасонӣ барои гузаронидани вақти фароғатиро дорад.

**Талаботҳои стандарт.**

Муассисаи тандурустӣ ба табобатгиранда имконияти интихоби хизматрасониро оид ба гузаронидани вақти фароғатӣ кафолат медиҳад. Ҷойҳои фароғатӣ ва вохӯрӣ бо аёдаткунандагон дар ҳудуди муассисаи тандурустӣ (айвончаҳои сӯҳбатгузаронӣ, нимкатҳо барои нишаст) ва дар дохили зерсохторҳо (айвон, ҳуҷраҳои фароғатӣ, пешайвонҳо) бо мизу курсӣ, телевизор, рӯзнома, маҷаллаҳои илмию санитарӣ - гигиенӣ ва бо дигар ҷузъиётҳо хизматрасонӣ таъмин карда шудааст.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

Муҳайё будани ҷойҳои фароғатӣ – вохурӣ бо аёдаткунандагони бемор дар атроф ва дохили муассисаи тандурустӣ санҷида шуда, мутобиқати онҳо бо талаботҳои стандарт баҳодиҳӣ карда мешавад.

**Эзоҳ:** мавҷуд будани ҷойи истироҳатӣ дар сохторҳои шӯъбаҳои наҷот, табобати шиддатнок ва сироятӣ иҷозат дода намешавад.

**Хизматрсонии тиббӣ мувофиқ аст**

**Стандарти 3.32.** Ёрии тиббӣ барои табобатгирандагон аз баҳодиҳии умумии ҳолати онҳо асос ёфта, дар ҳолатҳои зарурӣ тағйир дода мешавад.

**Талаботҳои стандарт.**

1. Маълумотҳо оид ба нигоҳубин, муоина, табобати беморон дар муассисаи зинаи якум ва табобатгирии пешинаи бемор дар беморхона дастрасанд ва ҳангоми тартибдиҳии нақшаи хизматрасонӣ ба табобатгирандагон ба инобат гирифта мешаванд.
2. Талаботҳои бемор (бемориҳои ҳамрадиф, аломати дарднокӣ, ҳолати ҷисмонӣ ва рӯҳӣ, хатарҳо, талабот ба парҳези муайян, талаботҳои динӣ, хусусиятҳои фардӣ ва ғ.) муайян карда, ба инобат гирифта шуда, дар нақшаи муоина, табобат ва нигоҳубин дар кортҳои тиббӣ қайд карда шудаанд ва дар ҳолати зарурӣ тағйир дода мешаванд.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

Бо усули анкетакунонӣ ва муҳосибаи табобатгирандагон дараҷаи қаноатмандии эҳтиёҷот ва талаботҳои онҳо баҳогузорӣ карда мешавад. Дар кортҳои тиббӣ, таърихи таваллуд мавҷудияти нақшаи ташхис, табобат ва нигоҳубин бо назардошти талаботҳои табобатгирандагон, гузаронидани тағйиротҳо ҳангоми зарурат бо мавҷудияти тафсири ислоҳоти воридкунанда дар нақшаи табобат ва нигоҳубини минбаъда санҷида мешавад.

**Стандарти 3.33.** Хатари рух додани ҳолатҳои бетаъхир дар табобатгирандагон муайян ва идора карда мешавад.

**Талаботҳои стандарт**

1. Дар беморхона ҳуҷҷатгузории дохилии дар муассиса таҳиягардида (алгоритмҳо, протоколҳо) оид ба амалҳои кормандон ҳангоми ҳолатҳои бетаъхир дар табобатгирандагон, ки бо фармоишҳои ВТ ва ҲИА, дастурҳо, дастурамалҳо/протоколҳои клиникӣ бо назардошти хусусиятҳои маҳалӣ/самти фаъолияти муассисаи тандурустӣ (ҳангоми зарурат) асоснок карда шудаанд, мавҷуданд.
2. Дар толор/ҳуҷраҳои таваллудӣ, табобати шиддатнок ва наҷот овезаҳои деворӣ оид ба алгоритмҳои тасдиқгардидаи наҷоти беморон (аз он ҷумла кӯдакони навзод) мавҷуданд.
3. Кормандон дорои малакаҳои расонидани ёрии тиббӣ ҳангоми ҳолатҳои бетаъхир дар беморон тибқи ҳуҷҷатҳои дар боло зикргардида мебошанд.
4. Таҷҳизоти зарурӣ, маводҳои доруворӣ, ташхиси озмоишгоҳии фаврӣ 24 соат шабонарӯзӣ дастрас мебошанд. Дар толор/ҳуҷраҳои таваллудӣ, табобати шиддатнок ва наҷот варақа бо инъикоси ҳаррӯзаи тартиби санҷиши таҷҳизот барои

гузаронидани наҷотбахшии табобатгирандагон, мавҷуд мебошад.

5. Тартиби ҳуҷҷатгузории тасдиқгардида оид ба огоҳонидани мутахассисони масъул ва машваратчиён мавҷуд аст.
6. Шаклҳои пуркардашуда оид ба алгоритми расонидани ёрии наҷотбахшӣ ба навзодон дар таърихи инкишофи кӯдакони навзод мавҷуданд.
7. Муҳокимаи ҳолатҳои расонидани ёрии наҷотбахшӣ ба табобатгирандагон гузаронида мешавад (протоколҳо мавҷуданд).

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Мавҷудияти ҳуҷҷатгузории дохилии дар муассиса таҳиягардида (алгоритмҳо, протоколҳо) оид ба амалҳои кормандон ҳангоми ҳолатҳои бетаъхир дар беморон санҷида мешавад. Пурсиши кормандон бо мақсади баҳодиҳии малакаи онҳо оид ба хизматрасониҳои тиббӣ ҳангоми ҳолатҳои бетаъхир гузаронида мешавад.

Дар толор/ҳуҷраҳои таваллудӣ, табобати шиддатнок ва наҷот мавҷудияти дастурҳои деворӣ аз рӯи алгоритмҳои тасдиқгардидаи наҷотдиҳии табобатгирандагон, варақаҳо бо инъикоси санҷиши ҳаррӯзаи таҷҳизот барои наҷоти беморон, шаклҳои пуркардашуда аз рӯи алгоритми расонидани чораҳои наҷотдиҳӣ ба навзоддон дар таърихи инкишофи кӯдакони навзод, санҷида мешавад. Дастрасии таҷҳизот, маводҳои доруворӣ, ташхиси озмоишгоҳии таъҷилӣ дар давоми 24 соати шабонарӯз баҳогузорӣ карда мешавад. Мавҷудияти протоколҳо, ки амалисозии таҳлили ҳолатҳои расонидани ёрии наҷотдиҳиро ба беморон тасдиқ мекунанд, санҷида мешавад. Мусоҳиба бо кормандон гузаронида шуда, доштани малакаи расонидани ёрии тиббӣ ҳангоми ҳолатҳои бетаъхир дар беморон баҳогузорӣ карда мешавад.

**Нигоҳубини кӯдакони навзод (нигоҳубини неонаталӣ)**

**Стандарти 3.34.** Ҳолати кӯдаки навзод фавран баъди таваллуд баҳо дода мешавад.

**Талаботҳои стандарт.**

Ҳолати кӯдаки навзодро фавран баъди таваллуд мувофиқи ҷадвали Апгар дар дақиқаи 1 ва 5 - уми ҳаёташ баҳогузорӣ шуда, сабтҳои мувофиқ дар таърихи инкишофи кӯдак мавҷуданд.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

Дар таърихи инкишофи кӯдакони навзод мавҷудияти сабти баҳодиҳии ҳолати навзодон аз рӯи ҷадвали Апгар дар дақиқаи 1 ва 5 -уми ҳаёти онҳо, санҷида мешавад.

**Стандарти 3.35.** Чорабиниҳо оид ба нигоҳ доштани «занҷири гармӣ» (пешгирии гипотермия) гузаронида мешаванд.

**Талаботҳои стандарт.**

Бо мақсади пешгирии талафоти ҳарорати бадани кӯдаки навзод дар дақиқаҳои аввали ҳаёт чунин чорабиниҳо барои нигоҳ доштани «занҷири гармӣ» гузаронида мешаванд:

- Набудани ҳолати бодгард;
- Ҳарорат дар толор/ҳуҷраи таваллудӣ на кам аз 25⁰С ҳангоми валодат дар мӯҳлат ва на кам аз 28 ⁰С ҳангоми валодат пеш аз мӯҳлат (мавҷудияти варақаи қайди ҳарорат дар толор/ҳуҷраи таваллудӣ) ;
- Дарҳол баъд аз таваллуд хушк намудани бадани кӯдаки навзод бо матои тозаи қаблан гармкардашуда, иваз кардани матоъ;
- Болои шиками модар гузоштани кӯдаки навзод ва таъмин намудани алоқаи «пӯст бо пӯст». Гузоштани кӯдак дар болои шиками модар вобаста ба ҳолати навзод на камтар аз 2 соат;
- Бо рӯйпӯши пашмин пӯшонидани бадани кӯдак ва модар;
- Пӯшонидани кӯлоҳчаи гарм ба сари кӯдаки навзод ва пайпоқчаҳо ба пойҳояш;
- Таъмини маконидани барвақтии кӯдаки навзод (дар давоми якум соати ҳаёт);
- Таъмин намудани гармӣ ҳангоми ҳолатҳои наҷотдиҳӣ;

- Таъмини гармӣ ҳангоми интиқолдиҳии навзод;
- Низоми назорати ҳарорати бадани навзод - чен кардани ҳарорати бадани навзод дар охири дақиқаи 30-юм ва баъд аз 2 соати баъди таваллуд, қайд намудани ин нишондодҳо дар таърихи инкишофи навзод ва партограмма.
- Машваратдиҳӣ ба зани навзоида оид ба масъалаҳои нигоҳ доштани реҷаи ҳарорати муътадил (ҳадди мӯътадили ҳарорати бадани кӯдак, барои чӣ ҳарорати бадан дар таваллудхона чен карда мешавад) ва додани маълумот ба зани навзод дар бораи ҳарорати бадани кӯдаки ӯ баъд аз таваллуд;
- Иштироки занони навзод дар назорати ҳарорати бадани навзод (омӯзонида шудаанд ва худашон ҳарорати кӯдаки навзодро санҷида метавонанд, варақаи ҳарорати бадани навзодро рӯзе ду маротиба пур мекунанд);
- Бо либосҳои хонагии гарму озод, вобаста ба фасли сол (куртачаи пешкушода, эзорча, кӯлоҳча, куртача ва калтачаи гарм, комбинезон, рӯйпуш) пӯшонидани кӯдаки навзод;
- Чен кардани ҳарорати бадани кӯдаки навзоди бемор дар шӯъбаи наҷот на кам аз 2 маротиба дар як рӯз, чен кардани ҳарорати бадани кӯдаки норасид ва вазнаш сабук (М<2500) на кам аз 3 маротиба дар як рӯз;
- Дар ҳисобот қайди ҳодисаҳои гипотермия дида мешавад.

Дар толори/ҳуҷраи таваллудхона тартиби ҳуҷҷатҳои зарурии (алгоритм, протокол, стандарт) амалҳои кормандон ҳангоми рӯй додани гипотермияи навзодон мавҷуд аст.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Гузаронидани назорат дар толори таваллуд (ҳуҷра) аз рӯи амалҳои кормандон оид ба иҷрои чорабиниҳои ба нигоҳдории «занҷири гармӣ» баъд аз таваллуди кӯдак нигаронидашуда, мувофиқи талаботи стандарт баҳо дода мешавад. Дар шӯъбаи наҷот (ҲТШ) мавҷудияти ҳуҷҷатҳои зарурии (алгоритм, протокол, стандарт) амалҳои кормандон ҳангоми рӯй додани гипотермияи навзодон, санҷида мешаванд. Дар таърихи инкишофи кӯдаки навзод мавҷудияти қайди чорабиниҳои гузаронидашуда оид ба нигоҳдории «занҷири гармӣ», санҷида мешавад.

**Стандарти 3.36. Ч**орабиниҳо оид ба пешгирии илтиҳоби мултаҳима (конюнктивит) гузаронида мешаванд.

**Талаботҳои стандарт.**

Дар шӯъбаи таваллуд чорабиниҳо оид ба пешгирии илтиҳоби мултаҳима (конюктивит) ҳангоми зоиши физиологӣ дар охири соати 1 - уми таваллуди кӯдак ба зери милки поёни чашми кӯдак малҳами тетрасиклин (1% - 1,0) ё малҳами эритромитсини (0.5% - 1,5) бо ёрии лӯлачаҳои алоҳида гузаронида мешаванд. Дар таърихи инкишофи кӯдаки навзод оид ба пешгирии гонобленорея бо имзои момодоя сабтҳо мавҷуданд,

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Дар таърихи инкишофи кӯдаки навзод мавҷудияти қайдҳо оид ба пешгирии гонобленорея санҷида мешавад, саривақт ва дуруст гузаронидани ин чорабинӣ мувофиқи талаботи стандарт баҳо дода мешавад.

**Стандарти 3.37. Ч**орабиниҳо оид ба пешгирии аломати геморрагӣ тибқи нишондодҳо гузаронида мешаванд.

**Талаботҳои стандарт.**

Дар таваллудхона пеш аз ба ҳуҷраи ҳамзистии модар ва кӯдак гузаронидани навзод бо мақсади пешгирии аломатҳои геморрагӣ витамини «К» (менадион, конакион ё ин ки витакон) ба миқдори 1 мг, барои кӯдакони норасид - 0,5 мг мувофиқи нишондиҳандаҳо ё дар асоси протоколи клиникӣ тазриқ (д/м) карда мешавад. Дар таърихи инкишофи навзод маълумотҳои зарурӣ қайд карда мешаванд.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Аз рӯи таърихи инкишофи кӯдаки навзод, ки пешгирии аломатҳои геморрагӣ бо витамини «К» гузаронида шудааст, мавҷудияти чорабиниҳои ҷойдошта аз рӯи қайди нишондодҳои пешгирии аломатҳои гемморагӣ бо витамини «К» баҳо дода шуда,

мавҷудияти қайдҳои зарурӣ санҷида мешаванд.

**Стандарти 3.38.** Расмиёти дақиқи муайян намудани (идентификасия) кӯдаки навзод гузаронида мешавад.

**Талаботҳои стандарт.**

Дар шӯъбаи таваллуд расмиёти дақиқи муайян намудани (идентификасия) кӯдаки навзод бо иштироки модар ва ё шарик гузаронида мешавад, ки он аз бастани 2-то ҳалқадасти идентификатсионӣ ва ё навиштаҷоти шакли дигар ба дастони навзод иборат мебошад. Дар ҳалқадасти идентификатсионӣ ва ё навиштаҷоти шакли дигар рӯз, моҳ ва соли таваллуди навзод, соати таваллуд, ҷинси кӯдак, вазни бадан, қад ва ному насаби модари кӯдак қайд гардидааст. Ҳалқадастҳо дар ҳарду дасти кӯдак баста мешаванд.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Дар кӯдакони навзод мавҷудияти аломатҳои идентификасияи кӯдаки навзод мувофиқи талаботи стандарт санҷида мешавад.

**Стандарти 3.39.** Гузаронидани дарсҳо бо табобатгирандагон ва кормандони тиб оид ба синамаконии кӯдакони навзод.

**Талаботҳои стандарт**.

1. Дарсҳо (даври омӯзишии ҳаждаҳсоата) бо занони ҳомила ва навзоида оид ба масъалаҳои синамаконӣ (бартарият, оғозкунии барвақт, хатари ғизодиҳии сунъӣ ва истифодаи шишаҳо ва пистонакҳо, муҳимияти ғизодиҳӣ аз рӯи талабот ва ҳамроҳ будани модар ва кӯдак, маҳорати маконидан, таъмини миқдори кофии шири сина, соф кардани он ва ғ.) гузаронида мешаванд.
2. Ҷой доштани асбобҳои айёнӣ дар намуди дастурамал, постерҳои деворӣ оид ба синамаконии кӯдаки навзод, видеотехникӣ бо филмҳо оид ба синамаконӣ.
3. Ҳайати кормандони тиб дониши мувофиқ, тахассус/малака ва таҷрибаи кориро барои ворид намудани принсипҳои синамаконии самаранок доранд.

**Баҳогузории иҷоиши стандарт.**

Муоинаи ашёҳои аёнӣ, техникаи видеогӣ ва филмҳо оид ба синамаконӣ гузаронида мешавад. Мавҷудияти масъалаҳо оид ба синамаконӣ дар нақшаи омузишии ҳайати кормандон ва ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда (пайнавиштҳо) нисбати онҳо санҷида мешавад. Мусоҳиба ва анкетакунонии занони ҳомила ва таваллудкарда, ҳайати кормандони тиб ҷиҳати маълумотнокии онҳо оид ба афзалияти синамаконӣ гузаронида карда мешавад. Китоби қайди омӯзиш дар мавзӯи синамаконӣ ба ҳайати кормандони тиб, ки нав ба кор қабул карда шудаанд санҷида мешавад.

**Стандарти 3.40.** Муассиса сиёсати синамакониии ҳатмии кӯдакони навзодро пайравӣ менамояд.

**Талаботҳои стандарт.**

1. Сиёсат оид ба синамаконӣ, ки дар ҷаласаи ҳайати кормандони тиб тасдиқ шудааст, мавҷуд мебошад.

2. Ҳамзистии модар ва кӯдаки навзод 24 соат дар як шабонарӯз ҳангоми бошиш дар шуъбаи таваллуд.

3. Оғози синамаконӣ дар давоми 1-ум соати ҳаёти навзод.

4. Давомнокӣ ва миқдори синамаконӣ маҳдуд карда намешавад.

5. Ҳайати корӣ ба модарон дар интихоби мавқеъ ва тарзи маконидани навзод ёрӣ мерасонад.

6. Дар зерсохторҳои беморхона оид ба истифодаи ғизои сунъии кӯдакона ташфиқот бурда нашуда, пистонакҳо истифода намешаванд.

7. Таҷрибаи ба кӯдаки навзод додани шири модарони дигар амалӣ карда

намешавад.

8. Ғизодиҳии сунъи ба кӯдакони навзод танҳо бо нишондодҳои тиббӣ гузаронида мешавад.

9. Дар ҳудуди беморхона ва дорухона пистонак ва ивазкунандаҳои шири модар бе дорухат фурӯхта намешаванд.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Ҳуҷраи ҳамзистии модар ва кӯдаки навзод аз назар гузаронида мешавад. Анкетакунонии занҳои ҳомила, таваллудкарда ва ҳайати кормандони тиб оид ба иҷроиши талаботҳои стандарт гузаронида мешавад.

**Стандарти 3.41.** Ба кӯдакони норасид ва бемор шири модар дода мешавад.

**Талаботҳои стандарт.**

Ба навзодони норасид ва камвазн синамаконии зуд-зуд (на кам аз 8 маротиба дар як шабонарӯз) таъмин карда мешавад. Барои навзодони норасид ва бемор, ки мустақилона сина макида наметавонанд, шири модар ҷушида шуда, ба воситаи пиёла ё найчаи назогастралӣ, ё шприци таъмизшуда дар ҳаҷми вобаста ба сини навзод дода шуда, назорати истеъмоли он гузаронида мешавад ва қайдҳои лозимӣ дар ҳуҷҷатҳои тиббӣ мавҷуданд. Таҷрибаи ғизодиҳии кӯдаки навзод бо шири ҷушидаи дигар модарон амалӣ карда намешавад.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Иҷроиши талаботи стандарт ба воситаи назорати ғизодиҳии навзодони норасид ва бемор баҳогузори карда мешавад. Ба ғайр аз ин, дар таърихи инкишофи кӯдакони навзод (норасид ва бемор) қайдҳо оид ба ҳисоб кардани ҳаҷми лозимии шири истеъмолшаванда, вобаста аз синни кӯдак, санҷида мешавад.

**Стандарти 3.42.** Эмгузаронии навзодон мувофиқи Тақвим (нақша)-и миллии тасдиқгардидаи эмгузаронии профилактикӣ гузаронида мешавад.

**Талаботҳои стандарт.**

1. Мувофиқи Тақвими миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба эмгузаронии профилактикӣ корманди масъули шуъбаи таваллудӣ эмгузаронии кӯдакони навзодро бар задди зарпарвини «В» (дар 24 соати аввали ҳаёт), сил ва фалаҷ (полимиелит) дар ҳуҷраи эмгузаронӣ (то аз таваллудхона ҷавоб шудан) мегузаронад.
2. Ҳайати кормандон Тақвим (нақша)-и миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба эмгузаронии профилактикӣ, дар ҳолати набудани эътирози тиббӣ, ҳатман риоя менамояд.
3. Эътирозҳои тиббӣ аз эмгузаронии профилактикии кӯдакони навзод мувофиқи қоидаи муқараргардида тартиб дода мешаванд. Эмгузаронӣ бо розигӣи хатти ва дар ҳузури модар гузаронида мешавад.
4. Ҳуҷҷатҳо оид ба эмгузаронии кӯдакони навзод (тақвими эмкунии профилактикӣ) ва эътирози тиббӣ саривақт пур карда шуда, баъд аз ҷавоб шудани кӯдакони навзод дарҳол ба муассисаи зинаи аввалияи тиббӣ - санитарӣ супорида мешаванд.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Аз рӯи қайдҳо дар таърихи инкишофи кӯдакони навзод иҷроиши Тақвим (нақша)-и миллии тасдиқгардидаи эмгузаронии профилактикии кӯдакони навзод санҷида мешавад. Ҳаҷми пураи эмгузаронӣ ва иҷроиши эътирозҳо доир ба эмгузаронии кӯдакони навзод мувофиқи қоидаҳои муқарраргардида баҳогузорӣ карда мешавад. Анкетакунонии 5 модари навзодон оид ба иштироки онҳо дар вақти эмгузаронӣ ва додани розигии худ барои эмгузаронӣ гузаронида мешавад. Бо ҳайати кормандон оид ба механизм/тарзи додани маълумот доир ба эмгузаронӣ ва эътирозҳои тиббӣ мусоҳиба гузаронида мешаванд.

**Стандарти 3.43.** Таҷрибаи бармаҳал ҷавоб додани кӯдакони солим амалӣ карда мешавад.

**Талаботҳои стандарт.**

Бо мақсади пешгирии бемориҳои сироятии дохилибеморхонавӣ ва беморшавӣ дар байни модарону кӯдакони навзод, дар мавриди таваллуди физиологӣ ва равиши бенуқси давраи аввали неонаталӣ, таҷрибаи бармаҳал ҷавоб додани кӯдакони солим пас аз 48-72 соати таваллуди физиологӣ амалӣ карда мешавад.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Бо услуби экспертизаи таърихи инкишофи кӯдаки навзод ва анкетакунонии кормандон, мутобиқат ба талаботҳои стандарт баҳогузорӣ карда мешавад.

**Ёрии тиббӣ ба занҳои ҳомила, зоянда ва навзоида**

**Стандарт 3.44.** Давраи сеюми таваллуд фаъол гузаронида мешавад.

**Талаботҳои стандарт.**

Давраи сеюми таваллуд мувофиқи пртоколҳои клиникӣ бо розигии хаттии зани зоянда фаъол гузаронида мешавад:

- дохили мушак ворид намудани 10 воҳид маҳлули окситосин дар давоми дақиқаҳои аввали таваллуд;
- бастани наи ноф дар охири дақиқаи якум баъд аз таваллуди навзод;
- кашидани назоратшавандаи наи ноф бо фишор овардани бачадон ба тарафи муқобил дар як вақт;
- маҳси бачадон баъди ҷудошавии ҳамроҳак.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Дар шӯъбаи таваллудӣ мавҷуд будани протоколи клиникӣ, оид ба гузаронидани таваллуд, санҷида мешавад. Назорати давраи сеюми таваллуд ва экспертизаи 10 таърихи таваллуди мӯҳлатӣ (бо розигии хаттии зани зоянда) гузаронида мешавад. Мутобиқати гузаронидани давраи сеюми таваллуд ба талаботҳои стандарт баҳогузарӣ карда мешавад.

Дар ҳолати мутобиқат ба талаботҳои стандарт на кам аз 90-100%, 80-89%, 70-79% ва камтар аз 70% ҳодисаҳои экспертӣ, баҳои стандарт ба ҳар як холи минбаъда, аз рӯи ҷадвали чорхолаи баҳогузорӣ, вобаста ба рутбаи стандарт паст мешавад.

**Стандарти 3.45.** Хатари хунравии баъдитаваллуд муайян ва идора карда мешавад.

**Талаботҳои стандарт.**

Дар зерсохтор ба кормандон қоидаи тасдиқшудаи (протокол, алгоритм) расонидани ёрии тиббӣ ба табобатгирандагон, дар ҳолати рух додани хунравӣ мавҷуд буда, ёрии тиббӣ дар давоми 24 соат дар як шабонарӯз дастрас аст. Таҷҳизоти зарурӣ (инчунин зарфи ченкунӣ барои муайян кардани ҳаҷми хунравӣ), захираи маводҳои доруворӣ, хун/маводҳои ивазкунандаҳои хун, ташхиси озмоишгоҳии таъҷилӣ ва оксигени тиббӣ дар давоми 24 соат дар як шабонарӯз дастрас мебошад. Қоидаи тасиқшуда оид ба даъват намудани мутахассисони масъул, наҷот, ташхисгар ва машваратчиён мавҷуд аст. Механизми самараноки хабаррасонии алоқавӣ (телефон) барои огоҳ ва даъват намудани мутахассисон ба роҳ монда шудааст.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Мавҷудияти қоидаҳои тасдиқгардидаи ба талаботи стадарт ҷавобгӯй, дастрас будани таҷҳизотҳои зарурӣ, захираи маводҳои доруворӣ, хун/маводҳои ивазкунандаҳои хун, озмоишгоҳи таъҷилӣ ва оксигени тиббӣ дар давоми 24 соат дар як шабонарӯз санҷида мешавад. Экспертизаи (аз руи таърихҳои таваллуд) 10 ҳодисаҳои таваллуди мӯҳлатӣ гузаронида шуда, қайдҳои зарурӣ дар таърихи таваллуд оид ба гузаронидани назорати тонуси бачадон баъд аз таваллуд санҷида мешавад. Стандарт аз рӯи маҷмӯи

баҳои экспертии таърихҳои таваллуд ва чорабиниҳо оид ба омода будани зерсохтор дар ҳолати пайдоиши хунравии баъд аз таваллуд, дар вақти дидани зерсохтор, баҳо дода мешавад.

**Стандарти 3.46.** Ёрии тиббӣ дар ҳолати хунравӣ, баъд аз таваллуд комилан мувофиқ аст.

**Талаботҳои стандарт.**

Ёрии тиббӣ дар ҳолати хунравӣ баъд аз таваллуд комилан мувофиқ аст (дар асоси протоколҳои клиникӣ ва алгоритмҳои тасдиқгарда):

- Ҳаҷми талафоти хун мунтазам санҷида шуда мувофиқи услубҳои истифодашаванда баҳо дода мешавад.
- Мониторинги зарурии клиникӣ - ташхисӣ то устувор гардидани ҳолати бемор (назорати ҳолати умумӣ, санҷиши ҳарорати бадан, чен кардани набз, Ф/Х, шумораи нафаскашӣ, ҳаҷми шабонарузии пешоб - диуреза, ФМВ – дар ҳолати зарурӣ, ташхиси хун (эритроситҳо, гемоглобин, гематокрит, каулограмма), гузаронида мешавад. Аломатҳои клиникӣ, вазнинии садмаи геммарагӣ баҳо дода шуда, ба мадди назар гирифта мешавад;
- Дар ҳолатҳои зарурӣ мутахассисони иловагӣ ҷалб карда мешаванд (мутахассисони баландихтисос, наҷот, ташхисгар ва машваратчиён);
- Муолиҷаи хунравии баъд аз таваллуд (бо доруворӣ, амалиётҳои мануалӣ, олотӣ ва ҷарроҳӣ, додани оксиген) мувофиқи талаботҳои протоколҳои клиникӣ ва алгоритмҳо гузаронида мешавад.
- Баҳогузории босуръат ва назорати ҳолат (нафаскаши, ФА, таппиши дил, ранги пуст, диурез) гузаронида мешавад.
- Катетеркунонии варидӣ аз ҳарду даст бо воридкунии 1 литр маҳлулҳои кристалоидӣ дар давоми 15 дақиқаи аввал гузаронида мешавад;
- Аниқ кардани сабаби хунрави: муоинаи бачадон (гипотония, боздошти қисмҳои машима, даридан), муоинаи роҳҳои валодат (осеб), вайроншавии лахташавии хун.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Экспертизаи 5-10 ҳодисаҳои хунравии баъд аз таваллуд (аз таърихи таваллуд) ва баҳодиҳии иҷроиши талаботҳои стандарт гузаронида мешавад.

Дар ҳолати мутобиқат кардан ба талаботи стандарт на кам аз 100%, 90-99%, 80-89% ва аз 80% кам будани ҳодисаҳои экспертӣ, баҳои стандарт барои ҳар холи минбаъда аз рӯи ҷадвали чорхола **(5-2-1-0 холҳо)** паст мешавад.

**Стандарти 3.47.** Хатарҳои хунгузаронӣ ва ҷузъҳои он ҳангоми хунравии баъди валодатӣ муайян/ баҳогузорӣ гардидаанд ва идора карда мешаванд.

**Талаботҳои стандарт.**

1. Хун ва ҷузъҳои он аз тарафи табиб - трансфузиолог ё табибе, ки такмили ихтисосро оид ба масалаҳои хунгузаронӣ гузаштааст ва дорои ҳуҷҷати тасдиқкунанда аст, гузаронида мешавад;
2. Усули асептикии гузаронидани чакаки дохиливаридии канoравӣ тавассути сӯзандоруҳои (канюляҳо) ҳаҷмашон мувофиқ истифода бурда мешавад.
3. Дар муддати 15 дақиқаи аввали хунгузаронӣ, пас аз ҳар 5 дақиқа, набз ва Ф/Х чен ва қайд карда мешавад, баъдан – ҳар як соат.
4. Муоинаи мунтазами табобатгиранда ҷиҳати пайдо шудани аксуламал гузаронида мешавад.
5. Дар охири гузаронидани хун ва ҷузъҳои он, пайнавишти гемотрансфузия пур карда шуда, дар муддати 2 соат аз болои табобатгиранда назорат гузаронида мешавад (ҳар соат Ф/Х чен карда, пешобронӣ ва софии он назорат карда мешавад).

6. Зарфҳои истифодашудаи хун ва ҷузъҳои он дар давоми 24-48 соат нигоҳ дошта мешавад.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Назорат аз болои амалиёти хунгузаронӣ ва ҷузҳои он, инчунин экспертизаи (аз рӯи таърихҳои валодат) 10 ҳодисаи хунравии баъд аз таваллуд, бо хунравии зиёда аз 1000 мл гузаронида шуда, иҷроиши талаботҳои стандарт баҳо дода мешавад.

**Стандарт аз рӯи маҷмӯи баҳои экспертии таърихҳои таваллуд ва дуруст гузаронидани амалиёти хунгузаронӣ ва ҷузҳои он дар реҷаи вақти ҳақиқӣ, баҳогузорӣ карда мешавад.**

**Стандарти 3.48.** Ҳолати занҳои ҳомила бо преэклампсия баҳогузорӣ ва назорат карда мешаванд.

**Талаботҳои стандарт.**

Ба занҳои ҳомила бо преэкламсия санҷиши нишондодҳои зерин: фишори шараёнӣ, набз, диурез, ташхиси сабти барқии кори дил (ЭКГ), муайян кардани гематокрит ва микдори тромботситҳо, фибриноген ва вақти лахташавии хун бо усули Ли-Уайт, сатҳи сафедаи пешоб, билирубин ва фраксияҳои он, аланинаминотрансфераза, ташхиси ултрасадои тифл ва миқдори обҳои наздитифлӣ гузаронида мешавад. Такроркунии санҷишҳо вобаста аз вазнинии ҳолат мувофиқи талаботи фармоиши ВТ ҶТ № 540 аз 26.09.2008 «Стандартҳои милли оид ба вайроншавиҳои гипертензионӣ дар давраи ҳомиладорӣ (барои муассисаҳои сатҳи 2-3)» гузаронида мешавад.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Экспертизаи (аз рӯи таърихҳои таваллуд) 5-10 ҳодисаи преэклампсия гузаронида шуда, иҷроиши талаботҳои стандарт оид ба назорат ва баҳогузории преэклампсия баҳо дода мешавад. Дар ҳолати мутобиқат кардан ба талаботи стандарт на кам аз 90-100%, 80-89%, 70-79% ва камтар аз 70% будани ҳолатҳои экспертӣ, баҳои стандарт ба ҳар як холи минбаъда, аз рӯи ҷадвали чорхолаи баҳогузорӣ, вобаста ба рутбаи стандарт паст мешавад.

**Стандарти 3.49.** Хатари сар задани ихтилоҷ дар занҳои ҳомила бо преэклапсияи дараҷаи вазнин баҳогузорӣ ва назорат карда мешавад.

**Талаботҳои стандарт.**

Пешгирӣ ва табобати ихтилоҷ дар занон бо преэклампсияи вазнин саривақт ва дуруст тибқи фармоиши ВТ ҶТ № 540 аз 26.09.2008 «Стандартҳои милли оид ба вайроншавиҳои гипертензионӣ дар давраи ҳомиладорӣ (барои муассисаҳои сатҳи 2-3) гузаронида мешавад.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Экспертизаи (аз таърихи таваллуд) 10-15 ҳодисаҳои преэклампсияи вазнин гузаронида шуда, иҷроши талаботи стандарт оид ба баҳо ва назорати преэклампсияи вазнин баҳогузорӣ мегардад. Дар ҳолати мутобиқат кардан ба талаботи стандарт на кам аз 100%, 90-99%, 80-89% ва камтар аз 80% будани ҳолатҳои экспертӣ, баҳои стандарт ба ҳар як холи минбаъда, аз рӯи ҷадвали чорхолаи баҳогузорӣ, вобаста ба рутбаи стандарт паст мешавад.

**Стандарти 3.50.** Ҳангоми преэклампсияи дараҷаи вазнин таваллуд тибқи талаботи муқарраргардида гузаронида мешавад.

**Талаботҳои стандарт.**

Валодаткунонии занон бо преэклампсияи вазнин ва эклампсия саривақт ва дуруст тибқи фармоиши ВТ ҶТ № 540 аз 26.09.2008 «Стандартҳои миллӣ оид ба вайроншавии гипертензионӣ дар давраи ҳомиладори» (барои муассисаҳои сатҳи 2-3) гузаронида мешавад.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Экспертизаи (аз таърихи таваллуд) 5-10 ҳодисаҳои таваллуди занҳо бо ташхиси

преэкламсияи дараҷаи вазнин (ПЭДВ) гузаронида шуда, иҷроиши талаботҳои стандарт баҳогузорӣ мегардад. Дар мавриди ба талаботи стандарт мутобиқат кардани на кам аз 90-100%, 80-89%, 70-79% ва камтар аз 70% ҳодисаҳои экспертӣ, баҳои стандарт ба ҳар як холи минбаъда, аз рӯи ҷадвали чорхолаи баҳогузорӣ, вобаста ба рутбаи стандарт паст мешавад.

**Стандарти 3.51.** Табобати зидди фишобаландӣ дар занҳои ҳомила бо вайроншавии гипертензионӣ тибқи талаботи муқарраргардида гузаронида мешавад.

**Талаботҳои стандарт.**

Табобати зиддифишобаландӣ ҳангоми вайроншавии гипертензионӣ саривақт ва дуруст тибқи талаботҳои фармоиши ВТ ҶТ № 540 аз 26.09.2008 «Стандартҳои миллӣ оид ба вайроншавии гипертензионӣ дар давраи хомиладорӣ» (барои муассисаҳои сатҳи 2-3) гузаронида мешавад.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Экспертизаи (аз таърихи таваллуд) 5-10 ҳодисаҳои таваллуди занҳо бо ташхиси вайроншавиҳои гипертензионӣ, гузаронида шуда, иҷроиши талаботҳои стандарт баҳогузорӣ мегардад. Дар мавриди ба талаботи стандарт мутобиқат кардани на кам аз 90-100%, 80-89%, 70-79% ва камтар аз 70% ҳодисаҳои экспертӣ, баҳои стандарт ба ҳар як холи минбаъда, аз рӯи ҷадвали чорхолаи баҳогузорӣ, вобаста ба рутбаи стандарт паст мешавад.

**Стандарти 3.52.** Ҳангоми зоиши бармаҳал муолиҷаи муносиб таъин карда мешавад.

**Талаботҳои стандарт.**

Ҳангоми зоиши бармаҳал муолиҷа мувофиқи талаботи протоколҳои клиникӣ антибиотикҳо, кортикостероидҳо ва маводҳои токолитикӣ таъин карда мешавад.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Экспертизаи (аз таърихи таваллуд) 5-10 ҳодисаҳои зоиши бармаҳал гузаронида, иҷроиши талаботҳои стандарт баҳо дода мешавад.

Дар мавриди мутобиқат кардани талаботи стандарт на кам аз 90-100%, 80-89%, 70-79% ва камтар аз 70%-и ҳодисаҳои экспертӣ, баҳои стандарт ба ҳар як холи минбаъда, аз рӯи ҷадвали чорхолаи баҳогузорӣ, вобаста ба рутбаи стандарт паст мешавад.

**Стандарти 3.53.** Пур кардани партограмма ҳангоми валодати обструктивӣ тибқи талаботи муқарраргардида гузаронида мешавад.

**Талаботҳои стандарт.**

Партограмма тибқи талаботи фармоиши ВТ ҶТ № 540 аз 20.07. 2008 аз ҷониби момодоя ва табиб дар реҷаи вақти ҳақиқӣ пур карда мешавад. Қарор оид ба валодаткунонӣ бо роҳи ҷарроҳӣ – бурриши қайсарӣ саривақт қабул карда мешавад.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Экспертизаи 5-10 таърихи валодат гузаронида мешавад, баҳогузории иҷроиши талаботи стандарт оид ба ташхиси саривақтӣ ва валодаткунонӣ ҳангоми таваллуди обструктивӣ. Дар мавриди мутобиқат кардани талаботи стандарт на кам аз 90-100%, 80-89%, 70-79% ва камтар аз 70%-и ҳодисаҳои экспертӣ, баҳои стандарт ба ҳар як холи минбаъда, аз рӯи ҷадвали чорхолаи баҳогузорӣ, вобаста ба рутбаи стандарт паст мешавад.

**Стандарт 3.54.** Пур кардани партограмма ҳангоми валодати дарозмуддат тибқи талаботи муқарраргардида гузаронида мешавад.

**Талаботҳои стандарт.**

Партограмма мувофиқи талаботи фармоиши ВТ ҶТ № 540 аз 20.07. 2008 аз ҷониби момодоя ва табиб дар реҷаи вақти ҳақиқӣ пур карда мешавад. Қабули қарор оид ба валодаткунонӣ саривақт қабул карда мешавад.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Экспертизаи 5-10 таърихи валодат гузаронида мешавад, баҳогузории иҷроиши талаботи стандарт оид ба ташхиси саривақтӣ ва валодаткунонӣ ҳангоми таваллуди дарозмуддат. Дар мавриди мутобиқат кардани талаботи стандарт на кам аз 90-100%, 80-89%, 70-79% ва камтар аз 70%-и ҳодисаҳои экспертӣ, баҳои стандарт ба ҳар як холи минбаъда, аз рӯи ҷадвали чорхолаи баҳогузорӣ, вобаста ба рутбаи стандарт паст мешавад.

**Стандарти 3.55.** Индуксияи валодат дар мӯҳлат ҳангоми то валодат рехтани обҳои наздитифлӣ, дарҳол баъд аз пайдошавии нишонаҳои сироят оғоз меёбад

**Талаботҳои стандарт.**

Индуксияи таваллуд дар мӯҳлат бо маҳлули окситосин ҳангоми то валодат даридани пардаҳои наздитифлӣ, аз лаҳзаи пайдошавии нишонаҳои сироят (бо нишондоди клиникӣ) ё интихоби зан оғоз меёбад**.**

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Интихобан экспертизаи 10 ҳодисаҳои экспертии (аз таърихи таваллуд) таваллуд дар мӯҳлат ҳангоми то валодат рехтани обҳои нгаздитифлӣ гузаронида шуда, иҷроиши талаботи стандарт баҳо дода мешавад. Ҳангоми мувофиқ будан ба талаботи стандарт на кам аз 80-100%, 60-79%, 50-69% ва камтар аз 50%-и ҳодисаҳои экспертӣ, баҳои стандарт ба ҳар як холи минбаъда, аз рӯи ҷадвали чорхолаи баҳогузорӣ, вобаста ба рутбаи стандарт паст мешавад.

**Ёрии тиббӣ дар баъзе ҳолатҳои таъҷилӣ/ва знини беморӣ**

**Стандарти 3.56.** Ба ҳама табобатгирандагон бо синдроми коронарии шадид муоинаи минималии ташхисӣ гузаронида мешавад.

**Талаботҳои стандарт.**

1. Ҳамаи беморон бо синдроми коронарии шадид (сактаи шадидиди дил, стенокардияи ноустувори хуруҷкунанда) дар ҳуҷраҳои табобати шиддатнок (ҲТШ) ё наҷот бистарӣ шудаанд ва ба монитори назди катӣ, барои назорати нишондодҳои ҳаётан муҳим, пайвастанд (СБКД, Ф/Ш, $SatO_2$).

2. Дар давоми бистарӣ будани бемор дар ҳуҷраҳои табобати шиддатнок (ҲТШ)/ наҷот СБКД ҳарруза сабт карда мешавад.

3. Ҳангоми ба статсионар ворид шудани табобатгиранда (дар рӯзҳои авввал) нақшаи муоинаҳои ташхисӣ иборат аст аз:

- эхокардиография (ҳангоми дастрас будан);
- рентгенографияи қафаси сина;
- таҳлили умумии хун ва пешоб;
- индикаторҳои озмоишии кардиоспесификӣ (КФК-МВ, миоглобин ва кардиотропонинҳо ҳангоми дастрас будан);
- таҳлили биокимиёвии хун (холестерин, глюкоза, азоти боқимонда, креатинин, мочевина, тестҳои ҷигар, электролитҳо);
- спектри липидҳо (ҳангоми дастрас будан);
- системаи лахташаваии хун (бо усули Ли Уайт дар ҳолати дастрас будан АЧТВ ва индекси протромбин ё МНО).

4. Иҷрои нақшаи муоинаҳои ташхисӣ мониторинг карда шуда, маълумотҳои муоинаи ташхисӣ шарҳ дода мешаванд, ҳангоми зарурият ислоҳот ба нақша дароварда мешаванд.

**Баҳогузории иҷрои стандарт.**

Экспертизаи (аз рӯи кортҳои тиббӣ) 5-10 ҳодисаи синдроми коронарии шадид/аломати шадиди заифии рагҳои дил (инфаркти шидиди дил, стенокардияи ноучтувори хуруҷкунанда) гузаронида шуда, иҷроиши талаботҳои стандарт баҳогузорӣ карда мешавад. Ҳангоми ба талаботи стандарт мувофиқат намудани на кам аз 100%, 90-99%, 80-89% ва камтар аз 80% ҳодисаҳои экспертӣ, баҳои стандарт ба ҳар як холи минбаъда аз рӯи ҷадвали чорхолаи баҳогузорӣ, вобаста ба рутбаи стандарт паст мешавад.

**Стандарти 3.57.** Ба ҳама беморон бо синдроми коронарии шадид нитратҳо таъин карда мешаванд.

**Талаботи стандарт.**

Ба ҳама беморон бо синдроми коронарии шадид (сактаи шидиди дил, стенокардияи ноустувори хуруҷкунанда) дарҳол баъд аз ворид гаштан ба беморхона (дар дақиқаҳои аввал) ҳангоми мавҷуд набудани зиддинишондодҳо нитратҳо таъин шуданд (зери забон ё дохили варидӣ). Табобат бо нитратҳо дар давоми 24 - 48 соат ё зиёдтар (ҳангоми ишемияи миокарди такрорёбанда/персистенсияшаванда, норасоии шадиди дил ва фишорбаландӣ) гузаронида мешавад.

Хатари пайдошавии таъсирҳои манфӣ (дарди сар, дилзании тез, пастшавии фишори шараёнӣ) ҳангоми истифода намудани нитратҳо ба инобат гирифта шудааст ва идора карда мешавад.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Экспертизаи (аз рӯи кортҳои тиббӣ) 5-10 ҳодисаи синдроми коронарии шадид/аломати шадиди заифии рагҳои дил (сактаи шидиди дил, стенокардияи ноустувори хуруҷкунанда) гузаронида шуда, иҷроиши талаботҳои стандарт баҳогузорӣ карда мешавад. Ҳангоми ба талаботи стандарт мувофиқат намудани на кам аз 100%, 90-99%, 80-89% ва камтар аз 80% ҳодисаҳои экспертӣ, баҳои стандарт ба ҳар як холи минбаъда аз рӯи ҷадвали чорхолаи баҳогузорӣ, вобаста ба рутбаи стандарт паст мешавад.

**Стандарти 3.58.** Ба ҳама беморон бо синдроми коронарии шадид, бе болоравии сегменти ST дар СБКД, β-адреноблокаторҳо таъин карда мешаванд.

**Талаботҳои стандарт.**

1. Ба ҳама беморон бо синдроми коронарии шадид, бе болоравӣ ва ё бо болоравии сегменти ST дар СБКД (сактаи шидиди дил, стенокардияи ноустувори хуруҷкунанда), дарҳол баъд аз ворид гаштан ба беморхона (дар дақиқаҳои аввал) ҳангоми мавҷуд набудани зиддинишондод бояд аспирин 250 мг хоида нушидан, нитроглицерин 0,5 мг зери забон, маҳлули гепарин д/в 50000 Ед ва β-адреноблокаторҳо таъин карда шавад.
2. Ба ҳама беморон бо синдроми коронарии шадид, бе болоравӣ ва ё бо болоравии сегменти ST дар СБКД (сактаи шидиди дил, стенокардияи ноустувори хуруҷкунанда), ҳангоми мавҷуд будани норасоии шадид ё музмини дил, баъд аз муътадилёбии ҳолаташон дар беморхона бояд табобат бо β-адреноблокаторҳои муносиб аз вояҳои хурд сар карда дар якҷоягӣ бо диуретикҳо ва антагонистҳои алдостерон, огоз карда шавад.
3. Хатари пайдошавии таъсирҳои манфӣ ҳангоми истифода намудани β-адреноблокаторҳо (асосан ҳангоми фишорбаландӣ аз 140/90 мм сут. симобӣ боло таъин карда мешавад) ба инобат гирифта шудааст ва идора карда мешавад.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Экспертизаи (аз рӯи кортҳои тиббӣ) 5-10 ҳодисаи синдроми коронарии шадид/ аломати шадиди заифии рагҳои дил бе болоравии сегменти ST гузаронида шуда, иҷроиш талаботҳои стандарт бахогузорӣ карда мешавад. Ҳангоми ба талаботи стандарт мувофиқат намудани на кам аз 100%, 90-99%, 80-89% ва камтар аз 80% ҳодисаҳои экспертӣ, баҳои стандарт ба ҳар як холи минбаъда аз рӯи ҷадвали чорхолаи баҳогузорӣ, вобаста ба рутбаи стандарт паст мешавад.

**Стандарти 3.59.** Ингибиторҳои ферменти ангеотензин - мубадалшаванда ба ҳама беморони бо сактаи шадиди дил, таъин карда мешавад.

**Талаботҳои стандарт.**

Ҳангоми сактаи шадиди дил, махсусан ҳангоми норасогии кори дил ва/ё дисфунксияи систоликии меъдачаи чап (ҳаҷми берунпартоии меъдачаи чап < 40 %) дарҳол баъд аз ворид шудан ба беморхона (дар соатҳои аввал) ингибиторҳои ферменти ангеотензин-мубадалшаванда (ФАМ) бояд таъин карда шаванд. Ҳангоми таҳаммул накардани ингибиторҳои ферменти ангеотензин - мубадалшаванда (ФАМ) онҳо бо антагонистҳои ретсепторҳои ангиотензини ll иваз карда мешаванд.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Экспертизаи (аз рӯи кортҳои тибби) 5-10 ҳодисаи сактаи шадиди дил (СШД) бо норасоии систоликии меъдачаи чап гузаронида шуда, иҷроиши талаботҳои стандарт баҳогузорӣ карда мешавад. Ҳангоми ба талаботи стандарт мувофиқат намудани на кам аз 100%, 90-99%, 80-89% ва камтар аз 80% ҳодисаҳои экспертӣ, баҳои стандарт ба ҳар як холи минбаъда аз рӯи ҷадвали чорхолаи баҳогузорӣ, вобаста ба рутбаи стандарт паст мешавад.

**Стандарт 3.60**. Ба ҳама беморони бо синдроми коронарии шадид, бо болоравӣ ва бе болоравии сегменти ST дар СБКД муолиҷаи антитромботикӣ таъин карда мешавад.

**Талаботҳои стандарт.**

1. Дар мавриди синдроми коронарии шадид бо болоравӣ ва бе болоравии сегменти ST дар СБКД, ҳангоми мавҷуд набудани зиддинишондодҳо, табобати антитромботикӣ (стрептокиназа 1500000 Ме) мувофиқи дастурамал/протоколҳои клиникӣ таъин карда мешавад:
   - туршии атсетилсаликӣ (аспирин);
   - клопидогрел;
   - гепарин.
2. Хатари пайдошавии авориза ва таъсирҳои манфӣ ҳангоми табобати антитромболитикии беморон муайян гашта, ба инобат гирифта шудаанд ва идора карда мешавад.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Экспертизаи (аз рӯи кортҳои тибби) 5-10 ҳодисаи сактаи шадиди дил (СШД) бо болоравӣ ва бе болоравии сегменти ST дар СБКД гузаронида шуда, иҷроиши талаботҳои стандарт баҳогузорӣ карда мешавад. Ҳангоми ба талаботи стандарт мувофиқат намудани на кам аз 100%, 90-99%, 80-89% ва камтар аз 80% ҳодисаҳои экспертӣ, баҳои стандарт ба ҳар як холи минбаъда аз рӯи ҷадвали чорхолаи баҳогузорӣ, вобаста ба рутбаи стандарт паст мешавад.

**Стандарт 3. 61**. Ба ҳама беморони гирифтори сактаи шадиди дил бо элеватсияи

сегменти ST дар СБКД, муоличаи тромболитикӣ таъин шудааст.

**Талаботҳои стандарт.**

1. Ба ҳама бемороні гирифтори сактаи шадиди дил бо элеватсияи сегменти ST дар СБКД, дарҳол баъд аз бистарӣ шудан ба беморхона (дар 30 дақиқаи аввал), ҳангоми набудани зиддинишондодҳо, муоличаи тромболитикӣ (стрептокиназа) таъин шудааст дар муддати аз 12 то 24 соат пас аз огози аломати дард (ё ин ки урокиназа, антистреплаза, альтеплаза, ретеплаза, тенектеплаза ҳангоми мавчуд будани онҳо).

2. Хатари пайдошавии авооризҳо ва таъсирҳои манфӣ (хунравӣ, гипотонияи шараёни, аксуламал ва ғ.) ҳангоми табобати тромболитикӣ муайян гашта, ба инобат гирифта шудаанд ва идора карда мешавад.

**Баҳогузории ичроиши стандарт.**

Экспертизаи (аз рӯи кортҳои тиббӣ) 5-10 ҳодисаи сактаи шадиди дил (СШД) бо элеватсияи сегменти ST дар СБКД, гузаронида шуда, ичроиши талаботҳои стандарт баҳогузорӣ карда мешавад. Ҳангоми ба талаботи стандарт мувофиқат намудани на кам аз 100%, 90-99%, 80-89% ва камтар аз 80% ҳодисаҳои экспертӣ, баҳои стандарт ба ҳар як холи минбаъда аз рӯи чадвали чорхолаи баҳогузорӣ, вобаста ба рутбаи стандарт паст мешавад.

**Стандарт 3.62**. Ба ҳама беморони гирифтори сактаи шадиди дил бо элеватсия ва бе элеватсияи сегменти ST дар СБКД ва стенокардияи ноустувори хуручкунанда, ингибиторҳои ГМГ-КоА-редуктаза (статинҳо) таъин шудааст.

**Талаботҳои стандарт.**

Ба ҳама беморони гирифтори сактаи шадиди дил бо элеватсия ва бе элеватсияи сегменти ST дар СБКД ва стенокардияи ноустувор, ингибиторҳои ГМГ-КоА-редуктаза (статинҳо) баъд аз бистарӣ шудан ба беморхона ҳарчи барвақтар таъин шуда, идома додани табобат баъд аз чавобшавӣ аз беморхона тавсия дода шудааст.

**Баҳогузории ичроиши стандарт.**

Экспертизаи (аз рӯи кортҳои тиббӣ) 5-10 ҳодисаи сактаи шадиди дил (СШД) ва стенокардияи ноустувор гузаронида шуда, ичроиши талаботҳои стандарт баҳогузорӣ карда мешавад. Ҳангоми ба талаботи стандарт мувофиқат намудани на кам аз 100%, 90-99%, 80-89% ва камтар аз 80% ҳодисаҳои экспертӣ, баҳои стандарт ба ҳар як холи минбаъда аз рӯи чадвали чорхолаи баҳогузорӣ, вобаста ба рутбаи стандарт паст мешавад.

**Стандарт 3. 63**. Ба беморони диққи нафас (астмаи бронхиалӣ) мониторинги ҳаррузаи пикфлоуметрия гузаронида мешавад.

**Талаботҳои стандарт.**

1. Барои давомнок баҳо додани ҳолати табобатгиранда ва саривақт таъин намудани муоличa ба беморони диққи нафас (астмаи бронхиалӣ) мониторинги ҳаррузаи пикфлоуметрия гузаронида мешавад.
   - чен кардани суръати ниҳоии нафасбарорӣ.
2. Нишондодҳои пикфлометрия дар кортҳои тиббии табобатгирандагон қайд мегардад ва дуруст баҳо дода шуда, барои ворид намудани тағйирот ба табобати бемор истифода бурда мешаванд.

**Баҳогузории ичроиши стандарт.**

Бо кормандони тиб суҳбат гузаронида мешавад, малакаи техникии гузаронидани пикфлометрия баҳо дода мешавад. Экспертизаи (аз рӯи кортҳои тиббӣ) 5-10 ҳодисаи

диққи нафас гузаронида шуда, иҷроиши талаботҳои стандарт баҳогузорӣ карда мешавад. Ҳангоми ба талаботи стандарт мувофиқат намудани на кам аз 100%, 90-99%, 80-89% ва камтар аз 80% ҳодисаҳои экспертӣ, баҳои стандарт ба ҳар як холи минбаъда аз рӯи ҷадвали чорхолаи баҳогузорӣ, вобаста ба рутбаи стандарт паст мешавад.

**Стандарт 3.64**. Нақшаи табобат ҳангоми диққи нафас ба дастурамал/протоколи клиникӣ мувофиқат менамояд.

**Талабоҳои стандарт.**

1. Барои бартараф намудани хуруҷи шадиди диққи нафас $\beta_2$-агонистҳои кӯтоҳтаъсир истифода мешаванд. Ҳангоми зарурият барои бартараф намудани хуруҷи шадиди диққи нафас теофилин ва доруворихҳои кортикостероидӣ истифода карда мешаванд.

2. Барои назорати диққи нафас (ДН) табобати заминавии зидиилтиҳобӣ бо глюкокортикоидҳо мувофиқи дастурамал/протоколҳои клиникӣ таъин шудааст.

3. Ҳангоми сатурацияи оксиген камтар аз 88% (дар кӯдакон камтар аз 90%), оксиген дода мешавад.

4. Антибиотикҳо танҳо дар ҳолати сирояти бактериявии исботшуда (балғами фасоднок, мавҷудияти ҳарорати баланд ва натиҷаи таҳлилҳои умумии хун) таъин карда мешавад.

5. Ҳангоми зарурият, барои табобати ДН маводҳои метилксантин (аминофиллин) истифода мешаванд. Хатари истифодабарии доруворихҳои метилксантин (аминофиллин) муайян гашта, ба инобат гирифта шудаанд ва идора карда мешавад.

6. Мониторинги мунтазам/ҳаррузаи баҳо додани ҳолати бемор ҳангоми заруриат барои фавран ворид кардани тағйирот ба нақшаи табобат гузаронида мешавад.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Экспертизаи (аз рӯи котҳои тиббӣ) 5-10 ҳодисаи диққи нафас гузаронида шуда, иҷроиши талаботҳои стандарт баҳогузорӣ карда мешавад. Ҳангоми ба талаботи стандарт мувофиқат намудани на кам аз 100%, 90-99%, 80-89% ва камтар аз 80% ҳодисаҳои экспертӣ, баҳои стандарт ба ҳар як холи минбаъда аз рӯи ҷадвали чорхолаи баҳогузорӣ, вобаста ба рутбаи стандарт паст мешавад.

**Стандарт 3.65**. Ба беморони илтиҳоби шуш муоинаи камтарини ташхисӣ гузаронда шудааст.

**Талаботҳои стандарт.**

Барои баҳо додани ҳолати табобатгиранда ва таъин намудани табобати мувофиқ ба беморони илтиҳоби шуш муоинаи камтарини (минималӣ) ташхисӣ гузаронида шудааст:

- акси рентгении шушҳо дар 2 ҳолат (проексия);
- таҳлили умумии хун;
- ташхиси микробиологӣ (микроскопияи молишаки балғам аз руи Грам, микроскопияи балғам барои (чубчаи Кох) ЧК 3 карата - ҳангоми гумонбарӣ ба бемории сил, кишти балғам барои дарёфти барангезанда ва муайян кардани ҳасоссият ба антибиотикҳо);
- муоинаи гемокултура - кишти секаратаи хун ҳангоми нишондоди баландтарини табларза;
- таҳлили биокимёвии хун аз руи нишондод (глюкоза, креатинин, мочевина, тестҳои ҷигар, электролитҳо, боқимондаи азот);
- муоинаи гази хун - $PaO_2$ ва/ё пулсоксиметрия Sat $O_2$ (сатуратсияи оксиген) аз руи дастраси;

- гузаронидани пунксияи ковокии пардаҳои шуш (ҳангоми мавҷудияти моеъ дар дохили ковокии пардаҳои шуш) бо додани роҳхат ба ташхиси ситологӣ, микробиологӣ ва биокимёвӣ.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Экспертизаи (аз руи кортҳои тиббӣ) 5-10 ҳодисаи илтиҳоби шуш гузаронида шуда, иҷроиш талаботҳои стандарт баҳогузорӣ карда мешавад. Ҳангоми ба талаботи стандарт мувофиқат намудани на кам аз 100%, 90-99%, 80-89% ва камтар аз 80% ҳодисаҳои экспертӣ, баҳои стандарт ба ҳар як холи минбаъда аз рӯи ҷадвали чорхолаи баҳогузорӣ, вобаста ба рутбаи стандарт паст мешавад.

**Стандарт 3.66**. Тактикаи муолиҷаи зиддибактериявӣ ҳангоми илтиҳоби шуш ба дастурамал/протоколи клиникӣ мувофиқат менамояд.

**Талаботи стандарт.**

1. Табобати зиддибактериявӣ аз ҳисоби маводҳои доруворихои интихобӣ мувофиқи дастурамал/протоколҳои клиникӣ таъин шудаанд.
2. Хатари пайдошавии воризҳо ва таъсирҳои манфӣ ҳангоми табобат бо антибиоткҳо муайян гашта, ба инобат гирифта шудаанд ва идора карда мешавад.
3. Натиҷабахшии муолиҷаи зиддибактериявӣ пас аз 48-72 соати оғози табобат дар мувофиқа бо меъёри муайяншудаи дастурамал/протоколҳои клиникӣ баҳо дода мешавад (пастшавии заҳролудшавӣ, пастшави ё муътадил шудани ҳарорати бадан, надоштани норасоии нафас);
4. Ҳангоми бесамар будани (мутобиқат надоштан) дарувории интихобӣ пас аз 48-72 соат дар мувофиқа бо дастурамал/протоколҳои клиникӣ дорувории алтернативӣ таъин мешавад.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Экспертизаи (аз рӯи кортҳои тиббӣ) 5-10 ҳодисаи илтихоби шуш гузаронида шуда, иҷроиши талаботҳои стандарт баҳогузорӣ карда мешавад. Ҳангоми ба талаботи стандарт мувофиқат намудани на кам аз 100%, 90-99%, 80-89% ва камтар аз 80% ҳодисаҳои экспертӣ, баҳои стандарт ба ҳар як холи минбаъда аз рӯи ҷадвали чорхолаи баҳогузорӣ, вобаста ба рутбаи стандарт паст мешавад.

**Стандарт 3.67**. Ба табобатгирандагони бемории музмини ташанучии шушҳо (БМТШ) муоинаи камтарини ташхисӣ гузаронда мешавад.

**Талаботҳои стандарт.**

Барои баҳо додани ҳолати табобатгиранда ва таъин намудани табобати мувофиқ ба беморони гирифтори бемории музмини ташанучии шушҳо (БМТШ) муоинаҳои ташхисии зерин гузаронда шудааст:

***Усулҳои асбобии шартӣ:***

- акси рентгении қафаси сина;
- муоинаи гази хун-$PaO_2$ ва/ё пулсоксиметрия Sat $O_2$ (сатурацияи оксиген) аз рӯи дастрасӣ;
- сабти барқии кори дил (СБКД).

***Усулҳои асбобии аз рӯи нишондод:***

- спирометрия (аз рӯи дастрасӣ) ($ҲБН_1$-ҳаҷми босуръати нафасбарорӣ дар 1 дақиқа, Индекси Тиффно- $ҲБН_1$/ҲБҒШ-ҳаҷми босуръати ғунҷоиши шушҳо);
- пикфлуометрия-ченкунии суръати ниҳоии нафасбарорӣ (СНН);
- санҷиши бронходилататсионӣ бо салбутамол барои ташхиси дифференсиалӣ (зиёдшавии $ҲБН_1$-аз ибтидоӣ камтар аз 12% (200мл) аз рӯи маълумотҳои спирометрӣ, ё афзоиши СНН аз ибтидои камтар аз 20% (60 л/дақиқа) аз рӯи нишондоди

пикфлуометрия – ҳамчун нишондоди манфии санҷиши бронходилататсионӣ ва обструксияи бронхиалӣ ҳамчун барнагарданда ҳуҷҷатгузорӣ мешавад, ки барои БМТШ хос мебошад.

***Усулҳои лабораторӣ:***

- лейкоситҳо ва суръати такшоншавии эритротситҳо (СТЭ) ҳангоми авҷгирӣ (барои аниқ кардани дараҷаи фаъолияти авҷи илтиҳоб);
- муайян намудани системаи лахтабандӣ ва суръати лахтабандии хун;
- гематокрит (Ht) барои тасдиқи эритротситози симтоматикии дуюмдараҷа;
- бактерияскопияи секаратаи балғам барои дарёфти чубчаи Кох (ЧК) (ҳангоми гумонбарӣ ба бемории сил);
- микроскопияи молишаки балғам, ки бо усули Грам ранг шудааст (аз рӯи нишондод);
- кишти балғам барои муайян кардани ҳиссиёт ба антибиотикҳо (ҳангоми набудани натиҷа аз табобати эмперикӣ бо антибиотқҳо).

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Экспертизаи (аз рӯи кортҳои тибби) 5-10 ҳодисаи БМТШ гузаронида шуда, иҷроиши талаботҳои стандарт баҳогузорӣ карда мешавад. Ҳангоми ба талаботи стандарт мувофиқат намудани на кам аз 100%, 90-99%, 80-89% ва камтар аз 80% ҳодисаҳои экспертӣ, баҳои стандарт ба ҳар як холи минбаъда аз рӯи ҷадвали чорхолаи баҳогузорӣ, вобаста ба рутбаи стандарт паст мешавад.

**Стандарт 3.68**. Нақшаи табобат ҳангоми бемории музмини ташануҷии/обструктивии шушҳо (БМТШ) ба дастурамал/протоколи клиникӣ мувофиқат менамояд.

**Талаботҳои стандарт.**

1. Табобат бо бронходилятаторҳо таъин шудааст: $\beta_2$- агонистони кӯтоҳтаъсир + антихолинергикӣ (салбутамол+ипратропиум бромид ё беродуоал ба воситаи небулайзер). Метилксантинҳо – маводҳои дорувории қатори дуюм истифода бурда мешаванд ҳангоме, ки аз дигар бронходилататорҳои кӯтоҳтаъсир натиҷаи мувофиқ набошад. Хатари истифодаи метилксантинҳо муайян гашта, ба инобат гирифта шудаанд ва идора карда мешавад;
2. Табобат бо глюкокортикоидҳо таъин шудааст, ҳангоми зарурият дар мувофиқа бо дастурамал/протоколи клиникӣ;
3. Табобати назоратшаванда бо оксиген гузаронида мешавад (ҳангоми Sat $O_2$ < 88% ва ҳангоми Sat $O_2$ > 88%, агар гипертензияи шушӣ, варами каноравӣ бошад, ки норасоии бозмондаи кори дил сабаб шудааст);
4. Табобати зидибактериявӣ ҳангоми аломатҳое, ки сирояти бактериявиро дар назар дорад, таъин шудааст;
5. Вентилятсияи гайриинвазивии механикӣ (BI-PAP) ҳангоми мавҷуд будани нишондод (норасоии нафасгирии гиперкапнии вазнин) таъин шудааст;
6. Хатари авориз (тромбоэмболия) ва бемориҳои ҳамрадиф/ҳолати (норасоии кори дил, аритмия) муайян гашта, идора карда мешаванд (табобати лозимӣ таъин шудааст);
7. Мунтазам/ҳарруза мониторинг ва баҳои ҳолати бемор, барои фавран ворид намудани тағйироти ба нақшаи табобат, ҳангоми зарурият, гузаронида мешавад.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Экспертизаи (аз рӯи кортҳои тиббӣ) 5-10 ҳодисаи БМТШ гузаронида шуда, иҷроиши талаботҳои стандарт баҳогузорӣ карда мешавад. Ҳангоми ба талаботи стандарт мувофиқат намудани на кам аз 100%, 90-99%, 80-89% ва камтар аз 80% ҳодисаҳои экспертӣ, баҳои

стандарт ба ҳар як холи минбаъда аз рӯи ҷадвали чорхолаи баҳогузорӣ, вобаста ба рутбаи стандарт паст мешавад.

**Стандарт 3.69**. Хатари имконпазири оқибатҳои нохуш, ҳангоми хунравии шадид аз қисми болоии узвҳои ҳозимаи беморон (сурхруда, меъда, рӯдаи дувоздаҳангушта ва рӯдаи борик) муайян/баҳогузорӣ ва идора карда мешавад.

**Талаботҳои стандарт.**

1. Баҳои клиникии хатари оқибати нохуш (такрорёбии хунравӣ ва ё фавт) ба бемор ҳангоми ҷой доштани хунравии шадид аз қисми болоии узвҳои ҳозима гузаронида мешавад. Синну соли бемор, мавҷудияти бемориҳои ҳамрадиф ва ҳолатҳо (бемориҳои рагу дил, ҳама гуна ҳолати патологияи вазнин, бемориҳои ҳаётан хатарнок, садма) ба назар гирифта шудаанд.
2. Ба ҳама беморони дорои хатари баланди клиникӣ, баҳогузории пурраи хатари оқибати нохуш, ташхиси даруннигарӣ (эндоскопӣ) гузаронида шудааст.
3. Тартиби тасдиқшудаи ҳуҷҷатгузорӣ (протоколи клиникӣ, протоколи гузаронидани хун, алгоритм) оид ба расонидани ёрӣ ба беморон ҳангоми хунравии шадиди қисми болоии узвҳои ҳозима, дар муассисаи тандурустӣ мавҷуд буда, барои ҳайати корӣ дар давоми 24 соат (шабонарузӣ) дастрас мебошад.
4. Таҷҳизоти тиббии зарурӣ, захираи маводи доруворӣ, хун/маводҳои хунивазкунанда, ташхиси таъҷилии озмоишгоҳӣ ва оксиген дар давоми 24 соат (шабонарузӣ) дастрас мебошад.
5. Тартиби тасдиқшудаи ҳуҷҷатгузорӣ (дастур) оид ба даъват намудани мутахассисони баландихтисос, ҷарроҳ, табиби наҷот, табиби даруннигар (эндоскопист), таҳлилгар ва машваратчиён вуҷуд дорад. Механизми самараноки огоҳнамоӣ (тавассути воситаҳои садодиҳанда ё телефон) барои хабардор ва даъват намудани мутахассисони зарурӣ мавҷуд аст.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт**.

Мавҷуд будани тартиби тасдиқшудаи ҳуҷҷатгузорӣ мувофиқи талаботҳои стандарт санҷида мешавад. Гардиши зерсохторҳо гузаронида шуда, дастрасии таҷҳизоти зарурии тиббӣ, захираи маводи доруворӣ, хун/маводи хунивазкунанда, ташхиси таъҷилии озмоишгоҳӣ ва оксиген дар давоми 24 соат (шабонарузӣ) баҳогузорӣ карда мешавад. Экспертизаи (аз рӯи кортҳои тиббӣ) 5-10 ҳодисаи хунравии шадиди қисми болоии узвҳои ҳозима гузаронида шуда, мавҷудияти қайдҳо дар ҳуҷҷатҳои тиббӣ оид ба баҳогузории хатари окибатҳои нохуш, санҷида мешавад. Стандарт аз рӯи натиҷаи баҳои экспертии кортҳои тиббӣ ва баҳои омодабошии зерсохтор барои расонидани ёрии зарурӣ ба беморон ҳангоми ҷой доштани хунравии шадид аз қисми болоии узвҳои ҳозима, баҳогузорӣ карда мешавад.

**Стандарт 3.70**. Ёрии тиббӣ ҳангоми хунравии шадид аз қисми болоии узвҳои ҳозима мувофиқ мебошад.

**Талаботҳои стандарт.**

1. Мониторинги зарурии ташхисӣ-клиникии ҳолати бемор (назорати ҳолати умумӣ, термометрия, пульсоксиметрия, санҷиши фишори шараёнӣ (ФШ), шумораи набз (ШН), фишори варидии марказӣ (ФВМ), диурез, таҳлили хун барои эритроситҳо, гемоглобин, гематокрит, системаи лахтшавии хун), нишонаҳои клиникии садмаи вазнини геморагӣ баҳогузорӣ ва ба инобат гирифта мешавад;

2. Ҳайати иловагии мутахассисон ҷалб карда мешаванд (мутахассисони варзидаи ҷарроҳ, табиби даруннигар, табиби наҷот, озмоишгар, машваратчиён). Механизми самараноки огоҳнамоӣ (тавассути воситаҳои садодиҳанда ё телефон) барои хабардор ва даъват намудани мутахассисони зарурӣ (нақлиёти таъҷилӣ ва авиатсияи санитарӣ) мавҷуд аст;
3. Табобат хангоми хунравии шадид аз қисми болоии узвҳои ҳозима (додани оксиген, табобати тиббӣ, гемотрансфузия-хунгузаронӣ) мувофиқи дастурамал/протоколи клиникӣ гузаронида мешавад.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт**.

Экспертизаи (аз рӯи кортҳои тиббӣ) 5 ҳодисаи хунравии шадид аз қисми болоии узвҳои ҳозима гузаронида шуда, иҷроиши талаботҳои стандарт баҳогузорӣ карда мешавад. Ҳангоми ба талаботи стандарт мувофиқат намудани на камтар аз 100%, 90-99%, 80-89% ва камтар аз 80% ҳодисаи экспертӣ, баҳои стандарт ба ҳар як холи минбаъда аз рӯи ҷадвали чорхолаи баҳогузорӣ, вобаста ба рутбаи стандарт паст мешавад (**5-2-1-0 хол**).

**Стандарт 3.71**. Ба беморон ҳангоми хунравии шадид аз қисми болоии узвҳои ҳозима бо нишонаҳои даруннигарии «хатари баланд», гемостази фаврии даруннигарӣ гузаронида шудааст.

**Талаботҳои стандарт.**

1. Дар муассисаи тандурустӣ протокол оид ба боздоштани хунравӣ тавассути даруннигарӣ, мувофиқи протокол/дастурамалҳои тасдиқгардида таҳия карда шудааст.
2. Ба беморони нишонаҳои даруннигарии хатари баланддошта (хунравии фаъол ё хунравӣ аз раги каъри захм) амалиёти фаврии гемостази даруннигарӣ гузаронда шудааст.
3. Услуби табобати даруннигарӣ ба усулҳои тасдиқшуда мувофиқ мебошад.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт**.

Мавҷуд будани протокол оид ба техникаи даруннигарии боздоштани хунравӣ дар мувофиқа бо усулҳои тасдиқшуда, санҷида мешавад. Экспертизаи (аз рӯи кортҳои тиббӣ) 5 ҳодисаи хунравии шадид аз қисми болоии узвҳои ҳозима, бо нишонаҳои «хатари баланд»-и даруннигарӣ гузаронида шуда, мутобиқати услуби табобати даруннигарӣ бо усулҳои тасдиқшуда баҳогузорӣ карда мешавад. Ҳангоми ба талаботи стандарт мувофиқат намудани на камтар аз 100%, 90-99%, 80-89% ва камтар аз 80%-и ҳодисаи экспертӣ, баҳои стандарт ба ҳар як холи минбаъда аз рӯи ҷадвали чорхолаи баҳогузорӣ, вобаста ба рутбаи стандарт паст мешавад (**5-2-1-0 хол**).

**Стандарт 3.72**. Амалиёти ҷарроҳӣ ҳангоми хунравии шадид аз қисми болоии узвҳои ҳозима асоснок ва мувофиқ мебошад.

**Талаботҳои стандарт.**

1. Амалиёти ҷарроҳӣ ҳангоми хунравии шадид аз қисми болоии узвҳои ҳозима танҳо дар ҳолати мавҷуд будани нишонахои зерин гузаронида мешавад:
   - табобати бенатиҷаи даруннигарӣ;
   - ноустувории ҳолати гемодинамикӣ, новобаста аз дахолатҳои шиддатнок (хунгузаронӣ, зиёда аз 3 адад гемотрансфузия, 1 адад = 250мл.);
   - пас аз боздоштани хунравӣ бори аввал бо усули консервативӣ ё ин ки бо усули даруннигарӣ (то ду амали гемостази дарунигарӣ), такрор шудани хунравӣ;
   - садмаи вобаста бо хунравии такрорӣ;

- хунравии сусти давомноки ба хунгузаронӣ зарурият дошта, пас аз се гемотрансфузия дар як рӯз;

2. Хатари дахолати ҷарроҳӣ ва хатари беҳисгардонӣ ҳангоми хунравии шадид аз қисми болоии узвҳои ҳозима баҳогузорӣ шуда, ба инобат гирифта шудааст (дар кортҳои тиббӣ қайдҳои зарурӣ мавҷуд аст).
3. Услуби амалиёти ҷарроҳӣ ҳангоми хунравии шадид аз қисми болоии узвҳои ҳозима ба усулҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабулшуда ва тасдиқгардида мувофиқ мебошад.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Экспертизаи (аз руи кортҳои тиббӣ) 5 ҳодисаи хунравии шадиди қисми болоии узвҳои ҳозима гузаронида шуда, мавҷудияти нишондод ба дахолати ҷарроҳӣ ва таносубии услуби дахолати ҷарроҳӣ дар мувофиқа бо талаботҳои стандарт, баҳогузорӣ карда мешавад.

Ҳангоми ба талаботи стандарт мувофиқат намудан на камтар аз 100%, 90-99%, 80-89% ва камтар аз 80%-и ҳодисаи экспертӣ, баҳои стандарт ба ҳар як холи минбаъда аз рӯи ҷадвали чорхолаи баҳогузорӣ, вобаста ба рутбаи стандарт паст мешавад.

## Хизматрасониҳои тиббӣ самаранокaнд

**Стандарти 3.73.** Нишондиҳандаи фавти перинаталӣ дар байни навзодони бо вазни 2500 грамм ва аз ин зиёд тамоюли аниқ ба пастравӣ дорад.

**Талаботҳои стандарт.**

Сифати хизматрасонии тиббӣ барои зинда мондани навзодон мусоидат менамояд. Нишондиҳандаи фавти перинаталӣ дар байни кӯдакони навзоди бо вазни 2500 грамм ва аз ин зиёд тамоюли аниқ ба пастравиро дорад.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Баҳодиҳии муқоисавии (дар се соли охир) нишондиҳандаи фавти перинаталӣ дар байни кӯдакони навзоди бо вазни 2500 грамм ва аз ин зиёд гузаронида мешавад.

**Стандарти 3.74.** Нишондиҳандаи фавти бармаҳали неонаталӣ дар байни кӯдакони навзоди бо вазни 2500 грамм ва аз ин зиёд, тамоюли аниқ ба пастравӣ дорад.

**Талаботҳои стандарт.**

Сифати хизматрасонии тиббӣ ба зинда мондани кӯдакони навзод мусоидат менамояд. Нишондиҳандаи фавти неонаталии бармаҳал дар байни навзодони бо вазни 2500 грамм ва аз ин зиёд, тамоюли аниқи пастравиро дорад.

**Эзоҳ:** Стандарт дар МТ, ки дар он шумораи таваллуд аз 2000 зиёд аст, баҳодиҳӣ карда мешавад.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

Баҳодиҳии муқоисавии (дар се соли охир) нишондиҳандаи фавти неонаталии бармаҳал дар байни кӯдакони навзоди бо вазни 2500 грамм ва аз ин зиёд гузаронида мешавад.

**Стандарти 3.75.** Нишондиҳандаи фавти перинаталӣ дар байни навзодон бо вазни аз 1000 то 2500 грамм тамоюли аниқ ба пастравӣ дорад.

**Талаботҳои стандарт.**

Сифати хизматрасонии тиббӣ ба зинда мондани кӯдакони навзод мусоидат менамояд. Нишондиҳандаи фавти перинаталӣ дар байни навзодони бо вазни аз 1000 то 2500 грамм, тамоюли аниқи пастравиро дорад.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

Баҳодиҳии муқоисавии (дар се соли охир) нишондиҳандаи фавти перинаталӣ дар байни кӯдакони навзод бо вазни аз 1000 то 2500 грамм гузаронида мешавад.

**Эзоҳ:** Стандарт барои муассисаҳои сатҳи дуюм ва сеюм истифода мешавад.

**Стандарти 3.76.** Нишондиҳандаи фатви бармаҳали неонаталӣ дар байни кӯдакони навзод вазнашон аз 1000 то 2500 грамм тамоюли аниқ ба пастравӣ дорад.

**Талаботҳои стандарт.**

Сифати хизматрасонии тиббӣ ба зинда мондани кӯдакони навзод мусоидат менамояд. Нишондиҳандаи фавти бармаҳали неонаталӣ дар байни кӯдакони навзоди вазнашон аз 1000 то 2500 грамм тамоюли аниқи пастравиро дорад.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Баҳодиҳии муқоисавии (дар се соли охир) нишондиҳандаи фавти бармаҳали неонаталӣ дар байни кӯдакони навзоди вазнашон аз 1000 то 2500 грамм, гузаронида мешавад.

**Эзоҳ:** Стандарт барои муассисаҳои сатҳи 2-юм ва 3 юми истифода мешавад.

**Стандарти 3.77.** Авоについては аворизҳои баъдиҷарроҳӣ ва фавти баъдиҷарроҳӣ мавҷуд нест.

**Талаботҳои стандарт**.

Сифати амалиётҳои ҷарроҳии гузаронидашуда ва нигоҳубини баъдиҷарроҳӣ, рух надодани аворизҳои баъдиҷарроҳӣ ва фавти баъдиҷарроҳиро таъмин менамоянд.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

Индикаторҳои соли сипаригашта баҳогузорӣ карда мешаванд:

- Фисади аворизи баъдиҷарроҳӣ (шумораи аворизҳои баъдиҷарроҳӣ х 100% / шумораи умумии беморони ҷарроҳӣ кардашуда);
- Фисади фавти баъдиҷарроҳӣ (шумораи беморони баъди ҷарроҳӣ фавтида х 100% / шумораи умумии беморони ҷарроҳӣ кардашуда).

Муҳимияти индикаторҳо, ҳангоми нишондоди индикаторҳо на кам аз 100%, 90-99%, 80-89% ва камтар аз 80% баҳодиҳӣ карда шуда, баҳои стандарт барои ҳар холи минбаъда аз рӯи ҷадвали баҳогузории чорхола паст мешавад (аз 3 то 0 холҳо).

**Эзоҳ:** Дар стандарти мазкур аворизҳои септикии пас аз амалиётҳои ҷарроҳӣ ба инобат гирифта намешаванд.

**Стандарти 3.78.** Байни ташхисҳои клиникӣ ва патологоанатомӣ ихтилоф мавҷуд нест.

**Талаботҳои стандарт**.

Сифат ва мукамалии ташхисҳо ва машваратҳо муайян намудани ташхисҳои аниқи клиникиро таъмин менамоянд. Ихтилоф байни ташхисҳои клиникӣ ва патологоанатомӣ мавҷуд нест.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

Ҳисоботҳои конюктурии солона бо таҳлили фаъолияти муассисаи тандурустӣ, китоби протоколҳои конфронсҳои патологоанатомӣ, таърихи таваллуд ва кортҳои тиббии беморони фавтида ҷиҳати мавҷуд будани (ё мавҷуд набудани) ихтилофҳои ташхисҳои клиникӣ ва патологоанатомӣ санҷида мешаванд. Индикатори соли сипаригашта – фисади ихтилофи ташхисҳои клиникӣ ва патологоанатомӣ (шумораи ихтилофи ташхисҳо дар беморони фавтида х 100% / шумораи умумии беморони фавтида) санҷида мешавад.

Муҳимияти индикаторҳо, ҳангоми нишондоди индикаторҳо камтар аз 10%, 10-39%, 40-90%, ва зиёда аз 90% баҳодиҳӣ карда шуда, баҳои стандарт ба ҳар як холи минбаъда, аз рӯи ҷадвали баҳодиҳии чорхола паст мешавад (3, 2, 1 ва 0 холҳо).

**Стандарти 3.79.** Пешгирии аворизҳои фасодӣ - септикии баъд аз ҷарроҳии бурриши қайсарӣ мувофиқ мебошанд.

**Талаботҳои стандарт**. Аворизҳои фасодӣ - септикӣ баъд аз ҷарроҳии бурриши қайсарӣ мавҷуд нест. Бо мақсади пешгирии аворизҳои септикии ҷарроҳии бурриши қайсарӣ, ҳангоми ҷарроҳӣ ва баъд аз он пешгирии пешазҷарроҳӣ бо антибиотикҳо 100% (ППА) гузаронида мешавад – атибиотикҳои гурӯҳи пенисилинҳо тибқи протоколҳои клиникӣ.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

Муҳимияти индикатор - % ППА ҳангоми ҷарроҳии бурриши қайсарӣ (шумораи беморон бо ҷарроҳии бурриши қайсарӣ, ки ба онҳо ППА гузаронида шудааст x 100%/шумораи умумии бемороне, ки ба онҳо ҷарроҳии бурриши қайсарӣ гузаронида шудааст) баҳогузорӣ карда мешавад. Ҳангоми нишондиҳандаи индикатор на кам аз 100%, 80-99%, 60-79% ва камтар аз 60% будан, баҳои стандарт ба ҳар як бали минбаъда, аз рӯи ҷадвали баҳодиҳии чорхола паст мешавад (**4-2-1-0 холҳо**). Интихобан экспертизаи 10 ҳолатҳои ҷарроҳии бурриши қайсарӣ (аз рӯи таърихҳои таваллуд), барои баҳодиҳии аниқи маълумотҳои пешниҳодшуда, оид ба гузаронидани ППА ҳангоми ҷарроҳии бурриши қайсарӣ, гузаронида мешавад.

**Стандарти 3.80.** Пешгирии авоизҳои фасодӣ - септикии баъд аз исқоти ҳамл мувофиқ мебошад.

**Талаботҳои стандарт**.

Авоизҳои септикӣ баъд аз исқоти ҳамли тиббӣ мавҷуд нест. Бо мақсади пешгирии авоизҳои септикӣ баъд аз исқоти ҳамли тиббӣ, амалиёти исқоти ҳамли тиббӣ бо усули вакуум-аспиратсияи дастӣ (ВАД) гузаронида шуда, пешгирии пеш аз ҷарроҳӣ бо антибиотикҳо – дохили варид, ворид намудани антибиотикҳои қатори пенитсилин тибқи протоколҳои клиникӣ гузаронида мешавад.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

Муҳимияти индикатор - % исқоти ҳамл, ВАД бо ППА иҷрогардида (шумораи беморони бо исқоти ҳамли тиббӣ, бо усули ВАД бо ППА x100% / шумораи умуммии беморон бо исқоти ҳамли тиббӣ) баҳогузорӣ карда мешавад. Ҳангоми нишондиҳандаи индикатор на кам аз 80-100%, 60-79%, 50-59% ва камтар аз 50% будан, баҳои стандарт ба ҳар як холи минбаъда, аз рӯи ҷадвали баҳодиҳии чорхола паст мешавад (4-2-1-0 холҳо). Интихобан экспертизаи 10 ҳолатҳои исқоти ҳамли тиббӣ (аз рӯи кортҳои тиббӣ), барои баҳодиҳии аниқи маълумотҳои пешниҳодгардида оид ба гузаронидани исқоти ҳамли тиббӣ бо усулҳои ВАД ва ППА гузаронида мешавад.

**Стандарти 3.81.** Пешгирии авоизҳои фасодӣ - септикии баъд аз амалиётҳои ҷарроҳӣ гузаронида мешавад.

**Талаботҳои стандарт**. Авоизҳои фасодӣ - септикӣ баъд аз амалиётҳои ҷарроҳӣ мавҷуд нест. Бо мақсади пешгирии авоизҳои септикии амалиётҳои ҷарроҳӣ, ҳангоми ҷарроҳӣ ва баъд аз он пешгирии пешазҷарроҳӣ бо антибиотикҳо 100% (ППА) гузаронида мешавад.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

Муҳимияти индикатор - % ППА ҳангоми амалиётҳои ҷарроҳӣ (шумораи беморон бо амалиётҳои ҷарроҳӣ, ки ба онҳо ППА гузаронида шудааст x 100%/шумораи умумии бемороне, ки ба онҳо амалиётҳои ҷарроҳӣ гузаронида шудааст) баҳогузорӣ карда мешавад. Ҳангоми нишондиҳандаи индикатор на кам аз 100%, 80-99%, 60-79% ва камтар аз 60% будан, баҳои стандарт ба ҳар як бали минбаъда, аз рӯи ҷадвали баҳодиҳии чорхола паст мешавад (**4-2-1-0 холҳо**). Интихобан экспертизаи 10 ҳолатҳои амалиётҳои ҷарроҳӣ (аз рӯи кортҳои тиббӣ), барои баҳодиҳии аниқи маълумотҳои пешниҳодшуда, оид ба гузаронидани ППА ҳангоми амалиётҳои ҷарроҳӣ, гузаронида мешавад.

**Стандарти 3.82.** Сатҳи хунравии баъд аз таваллудӣ (зиёда аз 1 литр) тамоюли пастравӣ дорад. Ҳодисаҳои фавти модарӣ аз хунравӣ мавҷуд нест.

**Талаботҳои стангдарт.**

Ёрии тиббӣ ҳангоми хунравии баъд аз таваллуд муносиб аст ва хунравиҳои зиёдро, ки сабаби ҳолатҳои фавти модарон мешаванд, пешгирӣ мекунад.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

Баҳодиҳии муқоисавии (барои се соли охир) индикатор гузаронида мешавад – фисади хунравиҳои зиёди баъд аз таваллуд (зиёда аз 1 литр) (шумораи беморон бо

хунравии баъд аз таваллуд зиёда аз 1 литр х 100% / шумораи ҳамаи беморон бо хунравии баъд аз таваллуд).

**Сифати таҳлилҳои озмоишгоҳӣ**

**Стандарти 3.83**. Омодасозии намунаҳои маводҳои биологӣ барои ташхисҳои озмоишӣ тибқи усулҳои ягонаи (унификатсияшуда) амалӣ карда мешавад.

**Талаботҳои стандарт**.

Омодасозии намунаҳои маводҳои биологӣ барои ташхисҳои озмоишӣ тибқи усулҳои ягонашуда амалӣ карда шуда, ҳуҷҷатҳои меъёрӣ (фармоиши алоқаманд ва дастурамал оид ба гирифтани хун ба ИФА ва ПСР) оид ба дуруст гирифтан, коркард, интиқолдиҳии намунаҳои маводи биологӣ ба озмоишгоҳ ва нигоҳдории онҳо мавҷуданд. Ҳар як намунаи маводи биологӣ тамғагузорӣ карда шудааст.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт**.

Мавҷудияти фармоишҳои ВТ ҲИА ҶТ ва дастурҳо оид ба гирифтани хун ба ИФА и ПСР, ки тартиби ҷамъоварӣ, коркард, интиқол ва нигоҳдории намунаҳои маводҳои биологиро барои ташхисҳои озмоишӣ танзим менамоянд, санҷида мешавад. Риояи дурустӣ ва маълумотнокии навиштаҷотҳо ва тамғагузориҳо дар намунаи маводи биологӣ, намунаҳо, контейнерҳо ва зарфҳо бо реактивҳои кимёвӣ, баҳогузорӣ карда мешавад.

**Стандарти 3.84**. Омодасозии қисматҳо барои гузаронидани ташхисҳои озмоишӣ тибқи талаботҳои ягонашуда амалӣ карда мешавад.

**Талаботҳои стандарт**.

Дастурамалҳо, шиноснома ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрӣ мавҷуд мебошанд, ки талаботҳои ягонашуда нисбати омодасозии қисматҳо барои гузаронидани ташхисро ба танзим медарорад (реагентҳо, зарфҳо, асбобҳо, андозаченкунако, системаҳои тестӣ, диагностикумҳо, муҳитҳои ғизоӣ ва ғ.). Омода намудани воситаҳо барои ташхисҳои озмоишгоҳӣ тибқи дастурамал ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрӣ гузаронида мешавад.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

Мавҷудият ва мазмуни ҳуҷҷатҳои меъёрие, ки раванди омодасозии воситаҳои озмоишгоҳро барои гузаронидани ташхисҳо ба танзим медарорад, санҷида мешавад. Бо усули назорат, сифат ва ба пуррагӣ омода намудани воситаҳои озмоишгоҳ барои гузаронидани ташхис, баҳогузорӣ карда мешавад.

**Стандарти 3.85.** Гузаронидани тадқиқотҳои озмоишӣ дар шароитҳои иқлими муносиб амалӣ мешавад, ки ба талаботҳои муқарраргардида мувофиқ бошанд.

**Талаботҳои стандарт**.

Дар ҳама ҳуҷраҳои кории озмоишгоҳ новобаста аз фасли сол ҳарорати зарурӣ ва намнокии ҳаво нигоҳ дошта мешавад. Ҳарорати ҳаво 18-24 °С, намнокии нисбӣ– 40-60%-ро ташкил медиҳад. Барои назорати ҳарорат ва намнокӣ психометрҳо, ҳароратсанҷҳои ҳуҷравӣ, кондисионерҳо ҷойгир карда шудаанд. Китоби қайди ҳарорат ва намнокӣ дар ҳуҷраҳо мавҷуд аст.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

Гардиши бино (ҳуҷраҳо) гузаронида шуда, мутобиқати иқлими муносиб ба талаботҳои стандарт баҳодиҳӣ карда мешавад.

**Стандарти 3.86**. Назорати сифати амалиётҳои таҳлилӣ гузаронида мешавад.

**Талаботҳои стандарт.**

Дар озмоишгоҳ низоми назорати сифати амалиётҳои таҳлилӣ тибқи меъёрҳои миллӣ ва ҳуҷҷатҳои дастурӣ (назорати аз нав ҳосилнамоӣ, дурустии санҷишҳо ва ғ.) ворид карда шудааст ва фаъолият менамояд.

Назорати сифати амалиётҳои таҳлилӣ аз рӯи ҳама намуди ташхисҳо бо баҳодиҳии миқдории (сифатӣ) натиҷаҳо ва пешбурди ҳуҷҷатгузории муқарраргардида

гузаронида мешавад.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт.**

Мавҷудияти системаи назорати сифати амалиётҳои таҳлилӣ санҷида шуда, самаранокии он баҳогузорӣ карда мешавад. Сифати пуркунии ҳуҷҷатҳои назоратии сифати амалиётҳои таҳлилӣ баҳодиҳӣ карда мешавад.

**Стандарти 3.87.** Амалиётҳои ташхисҳои озмоишӣ дар марҳилаҳои таҳлилӣ ва баъдитаҳлилӣ тибқи талаботҳои муқарраргардида амалӣ карда мешаванд.

**Талаботҳои стандарт.**

Дар шиносномаи озмоишгоҳ номгӯи тасдиқгардидаи ташхисҳои гузаронидашаванда, намуди усулҳои истифодашаванда (ба якшакл даровардашуда ё ба як шакл дароварда нашуда), реактивҳои истифодашаванда, маҳлулҳои бо миқдори (андоза) муайян, таҷҳизоти тиббии истифодашаванда мавҷуд аст. Намудҳои тадқиқотҳои гузаронидашаванда дар озмоишгоҳ ба номгӯи тасдиқгардида мувофиқат мекунад. Дар озмоишгоҳ дуруст иҷро намудани ҳисобкунии нишондодҳои натиҷаи ташхисҳо амалӣ карда мешавад. Ҳангоми ҳисобкунӣ воҳиди «СИ» истифода бурда мешавад. Бақайдгирии натиҷаҳо тибқи талаботҳои муқарраргардида (дар китоб, компютер ва ғ.) гузаронида мешавад.

**Баҳодиҳии иҷроиши стандарт**.

Шиносномаи озмоишгоҳ, ки аз тарафи роҳбари он тасдиқ шудааст, санҷида мешавад. Дараҷаи мутобиқати ҳаҷм ва сифати тадқиқотҳои иҷрошаванда, ки дар номгӯй ва феҳристи тасдиқгардида мавҷуданд, баҳодиҳӣ карда мешавад.

Риояи технологияи таҳлилҳои озмоишӣ ва дурустии ҳуҷҷатгузории зарурӣ санҷида мешавад. Дуруст иҷро намудани ҳисобкунии нишондодҳои натиҷаи ташхисҳо ва бақайдгирии онҳо тибқи талаботҳои стандарт баҳогузорӣ карда мешаванд.

**Сифати хӯрокворӣ**

**Стандарт 3. 88.** Санҷиш ва баҳодиҳии истифодабарииии оқилона ва сифати маҳсулотҳои хурокворӣ, ки ба ошхона ворид мегарданд, гузаронида мешавад.

**Талаботи стандарт.**

Маҳсулотҳои хӯрокворӣ, ки ба ошхона ворид мегарданд, бо ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи сифат ва бехатарӣ ҳамроҳӣ карда шудаанд. Дар ҳуҷҷатҳои ҳамроҳӣ санаи коркард, муҳлат ва шароити коршоям будани маҳсулот қайд карда шудааст. Табиб-парҳезшинос (ҳамшираи парҳезшинос) мунтазам санҷиш ва баҳогузории истифодабарии окилонаи маҳсулотҳои хӯрокворӣ, баҳогузории органолептикии маҳсулотҳои воридгардидаро гузаронида, дар китоби қайди маҳсулотҳои хӯроквории қабулшуда барои тайёр намудани хӯрок коршоям будан (набудан)-и маҳсулотҳои воридгардида сабт мегузорад.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Мавҷудияти ҳуҷҷатҳо барои маҳсулотҳои хӯроквории воридгардида ва маълумотҳои лозимӣ оиди ин маҳсулотҳо дар ҳуҷҷатҳои ҳамроҳӣ, китоби қайди маҳсулотҳои хӯроквории қабулшуда ва сабти коршоям будан (набудан)-и маҳсулотҳои воридгардида санҷида мешаванд.

**Стандарт 3. 89.** Назорати сифати хӯрокаи таёршуда таъмин карда мешавад.

**Талаботҳои стандарт.**

Тақсим кардани хӯроки тайёршуда ба табобатгирандагон танҳо баъд аз тарафи аъзоёни комиссияи ошкоргардонии вайроншавӣ, гузаронидани чашидан амалӣ мегардад. Ҳайати комиссияи ошкоргардонии вайроншавӣ, бо фармоиши роҳбари МТ, бо мақсади баҳо додани нишондиҳандаҳои органолептикӣ ва сифати хӯроки тайёр, ташкил карда шудааст. Натиҷаи санҷиши хӯрок ба қайди китоби махсуси дегустатсия гузаронии хӯроки тайёр қайд карда мешавад. Ҳангоми вайрон шудани технологияи хӯроктаёркунӣ ва инчунин тайёр набудани хӯрок, тақсимоти хӯрок то бартараф

намудани камбудиҳои дарёфтшуда, манъ карда мешавад. Ба ғайр аз ин, бо мақсади назорати сифатнокӣ ва бехатарии хӯроки дар ошхонаи МТ таёршуда, миқдоре аз ҳар як намунаи хӯрока дар зарфи махсуси тамйизгардида ва нишонакардашудае, ки даҳанпуши мустахкам дорад, гирифта шуда, ба муҳлати 48 соат дар ҷои махсуси яхдон бо ҳарорати +2°С - +6°С дошта, ҷой карда мешавад.

**Талаботи иҷроиши стандарт.**

Мавҷуд будани фармоиш оид ба таъсиси комиссияи ошкоргардонии вайроншавӣ, дафтарҳо/китобҳо, навиштаҷотҳои дар китоб қайдгардида омӯхта мешаванд. Мавҷуд будани тартиби содиркунии маводи якшабонарӯза аз хӯроки тайёр санҷида мешавад. Қайдҳои китоби мазкур омӯхта мешавад. Мавҷудияти тартиби гирифтани намунаи хӯроки шабонарӯзӣ санҷиш карда мешавад.

Ҳангоми ба талаботи стандарт мутобиқат кардани на кам аз 100%, 90-99%, 80-89% ва камтар аз 80% ҳодисахои экспертӣ, баҳои стандарт ба ҳар холи минбаъда, аз рӯи баҳогузории ҷадвали чорхола мувофиқи рутбаи стандарт паст карда мешавад.

*Замимаи 4*
*ба фармоиши Вазорати тандурустӣ*
*ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии*
*Ҷумҳурии Тоҷикистон*
*аз « 24 » 08 соли 2015*
*№ 745*

**Стандартҳои**
**аккредитатсия барои беморхонаи бисёрсоҳавӣ**

**Қисмати 4. «Пойгоҳи моддию техникӣ ва бехатарии муҳити зист»**

**Стандарти 4.1.** Роҳҳои даромад ва ҷойҳои муносиб барои гузоштани нақлиёти беморон, аёдаткунандагон ва ҳайати кормандон мавҷуданд.

**Талаботҳои стандарт.**

Ба ҳудуди МТ роҳҳои муносиб, ки бо асфалт пӯшонида шудаанд ва ягон камбудӣ надоранд, пайвастанд. Бо мақсади роҳ надодан ба маҳкам намудани роҳҳо ба МТ, майдончаҳои бо асфалт пӯшонидашуда барои гузоштани нақлиёти беморон, аёдаткунандагон ва ҳайати кормандон вуҷуд дорад ва масоҳати онҳо барои бехатар гузоштани нақлиёт имкон медиҳад.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Ба воситаи назорати роҳҳои воридшаванда, ҳолати роҳҳои ба МТ пайвастшаванда баҳогузорӣ мешавад. Мавҷудияти майдонҳо барои гузоштани нақлиёти беморон, аёдаткунандагон ва ҳайати кормандон баҳогузорӣ мешавад. Мувофиқати майдончаҳо барои гузоштани нақлиёт ба талаботи стандарт баҳогузорӣ карда мешавад.

**Стандарти 4.2.** Ҷойгиршавии бинои муассисаи тандурустӣ ба талаботҳои гигиенӣ мувофиқат мекунад.

**Талаботҳои стандарт**

Ҷойгиршавии биноҳои МТ ба талабот ва меъёрҳои санитариву эпидемиологӣ (ҚМС замимаи 1 фармоиши ВТҲИА ҶТ №1119 аз 27.12.2014) мувофиқат мекунад:

1. Қитъаи замин, ки дар он МТ ҷойгир аст, хушк ва аз сарчашмаҳои ифлос гардидани ҳаво дур ҷойгир мебошад.
2. Ҳудуди МТ иҳота, беҳдошт ва сабзпӯш карда шудааст (на камтар аз 60 %), бо рушноӣ таъмин аст.
3. Аз ҳудуди МТ сохтмонҳои мӯҳандисиву магистралии шаҳрӣ (деҳотӣ) (обтаъминкунӣ, обу коррезӣ, системаҳои бо оби гарм ва барқ таъминкунӣ) намегузаранд.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт**

Ҳудуди МТ назорат карда мешавад ва дар рафти ин назорат мутобиқати он ба талаботҳои стандарт ва ҚМС (замимаи 1 фармоиши ВТҲИА ҶТ №1119 аз 27.12.2014) баҳогузорӣ карда мешавад.

**Стандарти 4.3.** Мавзеъ барои нигоҳдорӣ ва гузаронидани таъмири нақлиёт мавҷуд аст.

**Талаботҳои стандарт.**

Дар ҳудуди МТ мавзеъ (гараж ва майдончаҳои асфалтпӯш) барои нигаҳдорӣ ва гузаронидани корҳои таъмирии нақлиёт мавҷуд аст. Ҳолати техникии гараж хуб аст, майдони он имконият медиҳад, ки нақлиёти муассиса бехатар нигоҳ дошта шавад. Мавзеъ барои нигоҳ доштан ва гузаронидани таъмири нақлиёт аз ҳуҷраҳои табобатӣ ва биноҳои ёрирасони МТ дар масофаи қобили қабул воқеъ гардидааст.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Мавҷудияти мавзеъ барои нигоҳдорӣ ва гузаронидани корҳои таъмирии нақлиёти МТ санҷида мешавад. Мувофиқати мавзеъ ба талаботҳои стандарт баҳогузорӣ карда мешавад.

**Стандарти 4.4.** Маъмурият мунтазам баҳогузории муҳити атрофро мегузаронад.

**Талаботхои стандарт.**

Бо мақсади баҳогузории воқеӣ истифода ва бехатарии биноҳо ва ҳуҷраҳо мунтазам гаштҳои маъмурии ҳудуд гузаронида мешаванд. Натиҷаи гаштҳо бо ҳуҷҷат тасдиқ карда мешавад ва қарорҳои саривақтӣ оид ба гузаронида шудани корҳои таъмирӣ, азнавсозӣ ва дигаргуннамоӣ, қабул карда мешаванд.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт**

Мавҷудияти ҳуҷҷатҳо дар бораи гаштҳои маъмурӣ ва қабули қарорҳои мувофиқ аз натиҷаи гаштҳо санҷида мешаванд. Гашти ҳудуд, биноҳо, ҳуҷраҳо гузаронида шуда, истифодаи самараноки захираҳои мавҷуда ва ҳолати бехатарии муҳити атроф баҳогузорӣ карда мешавад.

**Стандарти 4.5.** Тамоми техникаи тиббӣ қайд шуда, ба ҳисоб гирифта шудааст.

**Талаботҳои стандарт.**

Дар МТ барои тамоми техникаи тиббӣ (асбобҳо, дастгоҳҳо, воситаҳо, таҷҳизотҳо), ҳамчунин дастгоҳҳо, маҷмаъаҳо, системаҳо бо воситаҳои барномавӣ, ҳуҷҷатҳои (журналҳо, кортҳо ва ғайра) бақайдгирии баҳисобгирӣ (инвентаризатсионӣ) мавҷуданд, ки маълумотҳои зеринро дар бар мегиранд:

- номгӯй, тамға ва рақами силсилавӣ;
- рақами бақайдгирии ҷумҳуриявӣ;
- соли барориш;
- санаи харидорӣ;
- сарчашмаи харидорӣ;
-номгӯйи истеҳсолкунанда (шакл ва кишвари истеҳсолкунанда) ва таъминкунанда.

Маҳзани иттилоотии электронӣ (матритса) дар бораи техникаи тиббӣ (баҳисобгирии автоматикӣ) пеш бурда, мунтазам такмил дода мешавад.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Баҳисобгирӣ ва бақайдгирии техникаи тиббӣ тибқи талаботҳои стандарт санҷида мешавад.

Мавҷудият ва мунтазам такмил ёфтани маҳзани иттилоотӣ (матритса) дар бораи техникаи тиббӣ санҷида мешавад.

**Стандарти 4.6.** Барои тамоми маҳсулоти таъиноти тиббӣ ҳуҷҷатҳои истифодабарӣ мавҷуд аст.

**Талаботҳои стандарт.**

Дар МТ ҳуҷҷатҳои истифодабарӣ (шиноснома, корт, дастурамал дар бораи истифода, усулҳои санҷиши воситаҳои ченкунанда ва ғ.) барои тамоми воситаҳои тиббӣ (асбобҳо, дастгоҳҳо, таҷҳизотҳо) мавҷуд аст. Онҳо маълумотҳои зеринро дар бар мегиранд:

- маълумот дар бораи таркиб, тартиби кор, параметрҳо, хусусиятҳои техникаи тиббӣ ва қисмҳои эҳтиётии он;
- нишондод барои истифодаи дуруст ва бехатарии техникаи тиббӣ (истифода тибқи таъинот, хизматрасониҳои техникӣ, нигоҳдорӣ ва интиқол);
- маълумот дар бораи партовҳо;

- маълумот дар бораи истеҳсолкунанда, таъминкунанда ва ӯҳдадориҳои кафолатдодашуда.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Мавҷудият, омӯзиш ва баҳогузории истифодаи ҳуҷҷатҳои техникаи тиббӣ тибқи талаботҳои стандарт мавриди санҷиш қарор дода мешавад.

**Стандарти 4.7.** Баҳогузории мунтазами истифодаи мақсадноки таҷҳизоти тиббӣ гузаронида мешавад.

**Талаботҳои стандарт.**

1. Дар МТ аз ҷониби Комиссия оид ба сифат ва бехатарӣ на камтар аз як маротиба дар як сол мониторинг (аудит)-и риояи қоидаҳои истифода ва нигоҳдории техникаи тиббӣ аз рӯи талаботи зерин гузаронида мешавад:

- параметрҳои техникаи тиббӣ;
- ҳолати ҳуҷраҳои хизматӣ ва инфраструктураи муҳандисӣ (дар кадом ҳуҷраҳо истифода бурда мешавад – шароити бехатарии микроиқлимӣ);
- ҳолати техникаи тиббӣ, сифати таъмир ва хизматрасониҳои техникии техникаи тиббӣ;
- ҳайати кормандон;
- воситаҳои чен кардани ҳарорат;
- тартиби бақайдгирии ҳарорат (аз он ҷумла даврияти ченкуниҳо);
-тартиби хабардор кардан, ки дар тамоми техникаи тиббӣ васл карда шудааст ва ҳангоми вайрон шудани реҷаи ҳарорат бояд бонги садамавӣ диҳад;
- шароити истифодабарӣ ва нигоҳдорӣ (дар кадом ҳуҷраҳо – шароити бехатарии микроиқлимӣ);
- коршоямӣ;
- сарборӣ барои таҷҳизот ва дастгоҳҳои ташхисӣ тибқи меъёрҳои воҳидӣ;
- истифодаи таҷҳизотҳо барои мониторинг ва назорат фаъолияти узвҳои ҳаётан муҳими беморон (мониторҳои наздикатӣ, таҷҳизоти НС, инфузоматҳо), ки дар ҳолати вазнин ё хатарнок қарор доранд (шуъбаи наҷот/ҲТШ);
- таъминот бо маводҳои сарфшаванда;
- мавҷудияти дастурамалҳо оид ба техникаи бехатарӣ ва истифодаи амали аз онҳо назди таҷҳизотҳо ва асбобҳо.

2. Натиҷаҳои аудит ҳуҷҷатгузорӣ карда мешаванд ва дар худ хулосаҳоро дар бораи гузаронидани чорабиниҳоиислоҳкунанда оид ба беҳтар намудани истифодаи мақсадноки техникаи тиббӣ инъикос менамоянд:

- чораҳо оид ба мутобиқ намудани шароити истифода ва нигоҳдории техникаи тиббӣ ба талаботҳои муқарраргардида;
- чораҳо оид ба мутобиқ намудани сарбории таҷҳизоти ташхисӣ ба талаботҳои муқарраргардида;
- таҳия намудани дастурамалҳо оид ба ТБ ва гузаронидани дастурҳо, нишондодҳо оид ба истифодаи техникаи тиббӣ;
- таъмир, бастани шартномаҳо дар бораи хизматрасониҳои техникӣ;
- муваққатан истифода набурдан (консерватсия), соқит намудан (аз тавозун баровардан);
- харидорӣ намудани маҳсулоти нави техникаи тиббӣ;
- харидорӣ намудани маводҳои сарфшаванда ва ғ.

3.Татбиқи чорабиниҳои ислоҳкунанда оид ба беҳтар намудани истифодаи мақсадноки техникаи тиббӣ зери назорат гирифта мешавад.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Мавҷудияти ҳуҷҷатҳо оид ба гузаронидани аудитҳои маъмурӣ дар МТ барои баҳогузории истифодаи мақсадноки техникаи тиббӣ санҷида шуда, дурустии хулосабарориҳо дар бораи гузаронидани чорабиниҳои ислоҳкунанда оид ба беҳтар

намудани истифодаи мақсадноки техникаи тиббӣ баҳогузорӣ карда мешавад. Аз рӯи ҳуҷҷатҳои тиббӣ (таърихи таваллуд, таърихи инкишофи навзодон, кортҳои тиббии беморон) истифодаи таҷҳизотҳо барои мониторинг, дастгирӣ ва нигоҳдошти қобилияти ҳаёти беморон, ки дар ҳолати вазнин ва хатарнок қарор доранд (қайд кардани нишондодҳои ҳаётан муҳими мониторинги таҷҳизотӣ, реҷаи НС-и беморон, ки дар дастгоҳи нафасдиҳии сунъӣ қарор доранд, параметрҳои инфузия), баҳогузорӣ карда мешавад.

Ғайр аз ин, татбиқи чорабиниҳои ислоҳкунанда оид ба беҳтар намудани истифодаи мақсадноки техникаи тиббӣ (ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи гузаронидани чорабиниҳои ислоҳкунанда) санҷида мешавад.

**Стандарти 4.8.** Бино ва ҳуҷраҳо бо чораҳои эътимодноки муҳофизатӣ таъмин карда шудаанд.

**Талаботҳои стандарт.**

1. Ҳама ҳуҷраҳои хизматӣ бо калид қулф карда мешаванд. Ҳуҷраҳое, ки дар онҳо воситаҳои гарон қиммат (хазина, ҳуҷраҳои ташхисӣ, дорухона, анборҳо, бойгонӣ ва ғайра) мавҷуданд, бо панҷараҳо муҳофизат карда шудаанд (дару тирезаҳо).
2. Бо мақсади роҳ надодан ба дуздӣ ва ворид шудани шахсони бегона ба ҳудуди муассиса, муҳофизати шабонарӯзӣ ташкил карда шудааст.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Бино ва ҳуҷраҳо аз назар гузаронида шуда, дар рафти он мавҷудияти чораҳои муҳофизатӣ санҷида мешаванд, ҷавобгӯ ва воқеӣ будани онҳо вобаста ба объект баҳогузорӣ карда мешавад.

**Стандарти 4.9.** Қоидаи дастрас намудан ва баргардонидани калиди ҳуҷраҳо мавҷуд аст.

**Талаботҳои стандарт.**

Калиди ҳуҷраҳои хизматӣ пас аз тамом шудани рӯзи корӣ мутамарказонида дар як ҷой нигоҳ дошта мешаванд (дар тахтаи бо мӯҳр тасдиқшуда, дар хонаи муҳофиз, дидбони ҳамшираи шафқат дар сохторҳои бистарикунонӣ). Калиди ҳуҷраҳои хизматӣ мӯҳр кунонида шудаанд. Супоридан ва қабул кардани калидҳо ба ҳайати кормандон дар дафтар қайд карда мешавад. Ҷой барои нигоҳдории калидҳо ба шахсони бегона дастнорас аст.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Мавҷудияти тартиби марказонидашудаи додан ва баргардонидани калидҳо ва мутобиқати он ба талаботҳои стандарт санҷида мешавад.

**Стандарти 4.10.** Бино, сохтмонҳо ва ҳуҷраҳо ба талаботҳои гигиенӣ мутобиқанд.

**Талаботҳои стандарт.**

Дар МТ биноҳо, сохтмонҳо ва ҳуҷраҳо тибқи қоида ва меъёрҳои санитариву эпидемиологӣ (ҚМС - замимаи 1 фармоиши ВТҲИА ҶТ №1119 аз 27.12.2014) ба талаботҳои гигиенӣ мувофиқат мекунанд:

1. Сохтори муассиса ва нақшаи ҷойгиршавии ҳуҷраҳо имконияти якдигарро бурида гузаштан ва ё якҷояшавии равандаҳои технологии «тоза» ва «ифлос»-ро инкор мекунад (ҳангоми бистарикунонии беморони профилҳои гуногун: таваллудкунандагон, ҳомиладорон, беморон бо бемориҳои гинекологӣ, соматикӣ, ҷарроҳӣ ва сироятӣ, ҳангоми расонидани ёрии тиббӣ, гузаронидани чорабиниҳои санитариву гигиенӣ ва зиддиэпидемикӣ).
2. Масоҳати ҳуҷраҳои функсионалӣ, палатаҳо барои беморон ва масоҳат барои як кат барои бемор дар шуъба, ба масоҳате, ки бо меъёрҳои ҚМС (замимаи 1 фармоиши

ВТҲИА ҶТ №1119 аз 27.12.2014) ва фармоиши Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон № 641 аз 26.12.2012 муқаррар карда шудааст, мувофиқат мекунад.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Гашти МТ гузаронида мешавад, мувофиқати бино, сохтмон, ҳуҷра ба талаботи ҚМС - замимаи 1 фармоиши ВТҲИА ҶТ №1119 аз 27.12.2014 ва фармоиши Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон № 641 аз 26.12.2012 баҳогузорӣ карда мешавад. Ҳангоми зарурият (барои саҳеҳ кардан), шиносномаҳои техникии бино, сохтмон ва ҳуҷраҳо аз назар гузаронида мешаванд.

**Стандарти 4.11.** Таъмири берунӣ ва дарунии ҳуҷраҳо ба талаботҳои муқарраргардида мувофиқат мекунанд.

**Талаботҳои стандарт.**

Таъмири берунии МТ нуқс надорад. Таъмири дохилии ҳуҷраҳо ба талаботи қоида ва меъёрҳои санитариву эпидемиологӣ (ҚМС замимаи 1 фармоиши ВТҲИА ҶТ №1119 аз 27.12.2014) мутобиқат мекунад. Рӯйпӯшҳои деворҳо, фаршҳо ва шифтҳои ҳуҷраҳо ҳамворанд, барои нармтозакунӣ дастрас мебошанд ва ҳангоми истифода бурдани воситаҳои шустушӯӣ ва дезинфексионӣ, ки барои истифода иҷозат дода шудаанд, устуворанд. Девор ва фарши ҳуҷраҳо бо масолеҳи ба намӣ тобовар пӯшонида шудаанд ва дар онҳо кори нармтозакунӣ гузаронида мешаванд. Болопӯши шифт дар ҳама ҳуҷраҳо бе нуқсон, ҳамвор ва ҷафс пӯшонида шудааст, ба таъсири маводҳои шустушӯӣ ва дезинфексионӣ тобовар аст. Деворҳо дар ҷои васл гардидани дастшӯяк ва дигар асбобҳои санитарӣ, ҳамчунин, таҷҳизотҳое, ки истифодаи онҳо ба нам шудани деворҳо пайвастагӣ дорад, иҳотаҳои дигар бо плиткаҳо ва дигар масолеҳи ба намӣ тобовар пӯшонида шудаанд.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Азназаргузаронии бино ва ҳуҷраҳои МТ, бо мақсади баҳо додан ба таъмири берунии бино ва ҳолати таъмири дохилии ҳуҷраҳо мувофиқи талаботҳои меъёрии ҚМС - замимаи 1 фармоиши ВТҲИА ҶТ №1119 аз 27.12.2014 гузаронида мешавад.

**Стандарти 4.12** Системаи таъмини оби хунук вуҷуд дорад.

**Талаботҳои стандарт.**

Системаи муттасили марказонидашудаи марказӣ ё ин ки маҳалии додани оби хунук, ки ба талаботи қоида ва меъёрҳои санитариву эпидемиологӣ (ҚМС - замимаи 1 фармоиши ВТҲИА ҶТ №1119 аз 27.12.2014) мутобиқат мекунад, мавҷуд аст. Қисмҳои ҷарроҳӣ ва таваллудӣ, ҳуҷраҳои банду баст, ҳуҷраҳои таваллудӣ, наҷот, табобати шиддатнок, ҳуҷраи доругузаронӣ ва ҳуҷраи буду бошти (ҳамзистии) модар ва кӯдак бо дастшӯякҳо, бо ҷуммакҳои марказонидашудаи гузариши оби хунук таъмин карда шудаанд.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Гашти ҳуҷраҳо гузаронида мешавад ва дар рафти он системаи таъмини оби хунук аз назар гузаронида мешавад. Мувофиқати системаи таъминкунии оби хунук ба талаботҳои стандарт ва ҚМС- замимаи 1 фармоиши ВТҲИА ҶТ №1119 аз 27.12.2014 баҳогузорӣ карда мешавад.

**Стандарти 4.13.** Системаи таъмини оби гарм мавҷуд аст.

**Талаботҳои стандарт.**

Дар ҳуҷраҳо барои беморон, барои ҳайати корӣ, хоҷатхона, доругузаронӣ, банду баст ва гузаронидани амалиётҳои ҷарроҳӣ, табобати шиддатнок, таваллудӣ, гигиенӣ (шустушӯӣ), ташноб, тибқи талабот ва меъёрҳои санитарӣ эпидемиологӣ ҚМС- замимаи 1 фармоиши ВТҲИА ҶТ №1119 аз 27.12.2014 қубурҳои оби гарм мавҷуданд.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Гардиши ҳуҷраҳои МТ гузаронида шуда, дар рафти он назорати системаи таъминкунии оби гарм анҷом дода мешавад. Мутобиқати системаи таъминкунии оби гарм ба талаботҳои ҚМС- замимаи 1 фармоиши ВТҲИА ҶТ №1119 аз 27.12.2014 баҳогузорӣ карда мешавад.

**Стандарти 4.14.** Системаи обу коррезӣ мавҷуд аст.

**Талаботҳои стандарт.**

Системаи обу коррезии муттасил фаъолияткунанда мавҷуд аст, ки ба талаботи коидаҳои санитариву эпидемиологӣ ва меъёрҳои ҚМС ҷавобгӯй мебошад. Ҳангоми мавҷуд набудани ҷойи партови мутамарказонидашуда (умумишаҳрӣ, умумидеҳотӣ ва ғайра), ки дар онҳо тозакунӣ ва безараргардонии обҳои равон гузаронида мешавад, обҳои равон пурра аз ҷиҳати биологӣ тоза ва бехатар гардонида мешаванд.

**Иҷроиши талаботҳои стандарт.**

Гардиши ҳуҷраҳои муассисаи тандурустӣ гузаронида шуда, дар рафти он назорати он анҷом дода мешавад. Мутобиқати системаи обу коррезӣ ба талаботҳои ҚМС баҳогузорӣ карда мешавад.

**Стандарти 4.15.** Ҳуҷраҳои функсионалӣ ва беморон бо системаи ҳавотозакунии ғайримеханикӣ таҷҳизонида шудаанд.

**Талаботҳои стандарт**

Дар ҳар як бинои (ҳуҷраи) МТ канали ҳавотозакунии муттасили инфиродӣ бо ҳавобарояки таббиӣ ва системаи ҳавотозакунӣ (тирезачаҳо) мутобиқ ба талаботҳои қоидаҳои санитариву эпидемиологӣ ва меъёрҳои ҚМС- замимаи 1 фармоиши ВТҲИА ҶТ №1119 аз 27.12.2014 фаъолият менамояд.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Ҳуҷраҳои МТ аз назар гузаронида шуда, дар рафти он мавҷудият (ё мавҷуд набудан)-и унсурҳои системаи ҳавотозакунӣ бо системаи ҳавотозакунии таббиӣ ба қайд гирифта мешавад. Хангоми дар ҳӯҷра мавҷуд будани системаи ҳавотозакунӣ, фаъолияти он санҷида мешавад.

**Стандарти 4.16.** Системаи гармидиҳии амалкунанда мавҷуд аст ва технологияи гарминигоҳдорӣ истифода бурда мешавад.

**Талаботҳои стандарт.**

Дар МТ дар фасли сармо системаи мутамарказонида ё маҳалии гармидиҳӣ мавҷуд аст ва он дар вақтҳои хунукӣ пурра фаъолият мекунад ва ба талаботи қоидаҳои санитарӣ - эпидемиологӣ ва меъёрҳои ҚМС- замимаи 1 фармоиши ВТҲИА ҶТ №1119 аз 27.12.2014 мутобиқ аст. Асбобҳои гармкунандаи системаи гармидиҳӣ (батареяҳо) рӯйпӯши ҳамвор доранд, ки ба воситаҳои шустушӯӣ ва дезинфексионӣ тобовар мебошанд, дар дохили деворҳо, дар зери тирезаҳо, бе панҷараҳо васл карда шудаанд. Технологияи нигоҳдории гармӣ истифода бурда мешавад. Системаи гармидиҳӣ ва технологияе, ки барои гарминигоҳдорӣ истифода бурда мешавад, имконият медиҳад, ки дар фасли зимистон, дар ҳуҷраҳои таваллудӣ, чарроҳӣ, наҷот, ҳуҷраҳои будубоши модару кӯдак ва ҳуҷраҳои бистарии беморон ҳарорати ҳаво аз 25 то 29 градус Селсия нигоҳ дошта шавад. Барои назорати ҳарорат дар ҳуҷраҳои мазкур (дар ҳуҷраҳои таваллудӣ, чарроҳӣ, басту бандӣ, наҷот, будубоши модару кӯдак ва бистарии беморон) ҳароратсанҷҳои хуҷрагӣ мавҷуданд.

**Эзоҳ:** Сарчашмаҳои иловагии гармидиҳии биноҳо (гармидиҳандаҳои барқии равғанӣ) дар ҳуҷраҳои таваллудӣ, ҳуҷраҳои табобати шиддатнок (ҲТШ), ҷарроҳӣ, ҳуҷраҳои будубоши модару кӯдак, эмгузаронӣ ва бистарии беморон мавҷуданд.

Дар ҳуҷраҳои таваллудӣ ва ҷарроҳӣ ҳарорат дар сатҳи 25-29 дараҷа Селсия нигоҳ дошта мешавад.

Дар ҳама ҳуҷраҳои будубоши модару кӯдак, табобати шиддатнок (ҲТШ) барои навзодон ҳарорат на камтар аз **22** дараҷа Селсия нигоҳ дошта мешавад.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт**

Ҳуҷраҳои МТ аз назар гузаронида шуда, дар рафти он унсурҳои системаи гармидиҳӣ аз назар гузаронида мешаванд. Мавҷудияти ҳароратсанҷ, мутобиқати ҷо ба ҷогузорӣ ва ҳолати техникии асбобҳои системаи гармидиҳӣ ба талаботҳои ҚМС-замимаи 1 фармоиши ВТҲИА ҶТ №1119 аз 27.12.2014 ва реҷаи нигоҳ доштани ҳарорат мувофиқи талаботҳои стандарт баҳогузорӣ карда мешавад.

**Стандарти 4.17.** Системаи муттасили барқтаъминкунӣ мавҷуд аст.

**Талаботҳои стандарт.**

МТ бо системаи муттасили барқтаъминкунӣ таъмин аст (ҳангоми хомӯш гардидани барқи мутамарказонидашуда, барқ бо генераторҳои автономии таъмини кувваи барқ дода мешавад). Захираи шабонарӯзии маводҳои сузишворӣ барои фаъолияти генераторҳои автономии қувваи барқӣ мавҷуд аст.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт**

Мавҷудияти генераторҳои автономии қувваи барқ ва ҳолати техникии онҳо аз назар гузаронида мешаванд. Илова бар ин, мавҷудияти захираи шабонарӯзии сӯзишворӣ барои таъмини фаъолияти генераторҳои автономии қувваи барқӣ санҷида мешавад.

**Стандарти 4.18.** Системаи равшанидиҳии амалкунанда мавҷуд аст.

**Талаботҳои стандарт.**

Системаи равшанидиҳии амалкунанда мавҷуд аст, ки ба талаботҳои ҚМС-замимаи 1 фармоиши ВТҲИА ҶТ №1119 аз 27.12.2014 мувофиқ мебошад:

1. Ҳуҷраҳои МТ рушноидиҳии таббии доранд (тирезаҳо).

2. Ҳуҷраҳое, ки қоидаи фаъолияти онҳо равшанидиҳии таббииро талаб намекунад (анборхонаҳо, ҷойҳои санитарӣ, ҳуҷраҳо, ваннаҳо, душхонаҳо, ҳуҷраҳо барои гигиенаи шахсӣ, ҷои либосивазкунии ҳайати корӣ, ҳуҷраҳои пеш ва пас аз амалиётҳои ҷарроҳӣ, ҳуҷраҳои таҷҳизотҳои ташхисӣ ва суратгирхона) рӯшноидиҳии сунъӣ ё ин ки рушноии иловагӣ (чароғакҳои барқӣ) дар онҳо мавҷуд аст.

3. Тирезаҳое, ки рӯ ба ҷануб (офтобаро) мебошанд, бо воситаҳои ҳифзи шуои офтоб рӯйпӯш карда шудаанд (пардаҳо ва дигар воситаҳо). Дар ҳуҷраҳо барои равшанидиҳии сунъӣ чароғакҳои баридеворӣ ва болои мизӣ истифода бурда мешаванд.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт**

Ҳуҷраҳои МТ, унсурҳои системаи равшанидиҳии таббиӣ ва сунъӣ аз назар гузаронида мешаванд. Ҷо ба ҷогузории онҳо вобаста ба талаботҳои ҚМС замимаи 1 фармоиши ВТҲИА ҶТ №1119 аз 27.12.2014 баҳогузорӣ карда мешавад.

**Стандарти 4.19.** Системаи муттасили додани оксиген ва ҳавои фишурда мавҷуд аст.

**Талаботҳои стандарт.**

Дар ҳуҷраҳои амалиёти ҷарроҳӣ, наҷот, табобати шиддатнок барои калонсолон ва кӯдакони навзоди муассисаи тандурустӣ, шуъбаҳои сатҳи аввал ва дигар муассисаҳои тандурустии самти фаъолияташон гуногун, хатҳои додани оксиген бо флуометр (ҷамъкунандаи оксиген ё таъмини марказонидашудаи оксиген) ва компрессори мобилии ҳавои фишурда мавҷуд аст. Ҳуҷраҳои амалиёти ҷарроҳӣ, наҷот ва табобати шиддатноки калонсолон ва кӯдакони навзоди муассисаи тиббии сатҳи дуюм ва сеюм, инчунин муассисаҳои тандурустии самти фаъолияташон гуногун бо системаи мутамарказонидашудаи муттасили таъмини оксиген ва ҳавои фишурда таъмин мебошанд. Барои ҳолатҳои садамавӣ дар муассисаи тандурустӣ ҷамъкунандаҳои оксиген ва компрессори мобилии ҳавои фишурда мавҷуданд.

**Оксиген ба ҳуҷраҳои мазкур 24 соат шабонарӯзӣ таъмин карда мешавад.**

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Ҳуҷраҳои ҷарроҳӣ, наҷот, табобати шиддатнок барои калонсолон, кӯдакон ва кӯдакони навзод аз назар гузаронида мешаванд. Мавҷудияти системаи таъмини оксиген

ва ҳавои фишурда, инчунин дар ҳолатҳои садамавӣ баҳогузорӣ карда шуда, ҳолати коршоямии онҳо баҳогузорӣ карда мешавад.

**Эзоҳ:** Агар ба ҳуҷраҳои дар боло зикргардида оксиген тӯли 24 соат дар шабонарӯз таъмин карда нашавад, стандарт «0» хол баҳогузорӣ карда мешавад.

**Стандарти 4.20.** Хатари зидди сӯхтор баҳогузорӣ ва идора карда мешавад.

**Талаботҳои стандарт.**

1. Ҳайати кормандони муассисаи тандурустӣ дастур (омузиш)-ро оид ба қоидаҳои бехатарии зидди сӯхтор дар ҷойҳои корӣ (ҳангоми кор бо таҷҳизотҳо, дастгоҳҳо, дастгоҳҳои барқӣ ва ғ.) мегузаранд.

2. Дар ҳар як сохтори муассисаи тандурустӣ дастурамал оид ба бехатарии зидди сӯхтор, ҷадвали баровардани ҳайати кормандон ҳангоми сӯхтор ва воситаҳои сухторхомӯшкунӣ барои ҳайати кормандон дастрас (ҷумакҳои зидди сӯхтор, дастакҳои зидди сӯхтор ва сӯхторхомӯшкунакҳо) мавҷуданд.

3. Дар ҳудуди муассисаи тандурустӣ гидрантҳо, тахтаҳои зидди сӯхтор, ки бо воситаҳои зарурӣ (чангак, бел, табар, сатил, қуттӣ бо қум) таъминанд ва ба ҳайати кормандон ҳангоми сар задани сӯхтор дастрас мебошанд, мавҷуданд.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Дар зерсохторҳои беморхона ҳуҷҷатҳо оид ба гузаштани дастурдиҳии бехатарии зиддисӯхтор дар ҷойҳои корӣ, дастурҳо оид ба бехатарии зидди сӯхтор мавҷуданд. Ҳудуд ва сохтори беморхона аз назар гузаронида шуда, мавҷудияти нақшаи баровардани ҳайати корӣ ҳангоми сар задани сӯхтор ва воситаҳои сухторхомӯшкунӣ тибқи талаботҳои стандарт баҳогузорӣ карда мешаванд.

**Стандарти 4.21.** Нигоҳдории воситаҳои оташангез ва зарфҳои нигоҳдории газ бехатар аст.

**Талаботҳои стандарт.**

Зарфҳои герметикӣ ва ҳучраҳои бо қулф маҳкамшаванда барои нигоҳ доштани бензин, керосин, солярка, спирт ва эфир мавҷуданд. Дар ҳудуди МТ ҷойҳои махсус ҷудокарда барои васли зарфҳои газ (баллонҳо) мавҷуданд. Онҳо дар қуттиҳои махсус, ё ин ки дар ҷойҳои иҳотакардашуда мавҷуд буда, бо калид қулф карда мешаванд ва барои ашхоси бегона, дастнорасанд. Овезаҳо бо иттилоот мавҷуданд.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Ҷойҳои нигоҳ доштани воситаҳои оташангез ва зарфҳо барои газҳо (балонҳо) санҷида мешаванд. Шароити нигоҳдории онҳо тибқи талаботи стандарт баҳогузорӣ карда мешаванд.

**Стандарти 4.22.** Миқдори зарурии собун – воситаҳои шустушӯӣ ва дезинфексионӣ мавҷуданд.

**Талаботҳои стандарт.**

Дар анбори МТ захираи кифояи ду ҳафтаинаи (мутобиқ ба ҳисоботи истеҳсолии талаботҳо) собун – ҷиҳати риояи реҷаи санитарию эпидемиологӣ ва зиддиэпидемиявӣ дар сохторҳо, воситаи шустушӯӣ ва дезинфексионӣ, ки барои истифода иҷозат дода шудаанд, мавҷуд аст.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Санади лозимӣ, ки меъёри хароҷоти собун – воситаи шустушӯӣ ва дезинфексиониро муқаррар менамоянд, таҳлил карда мешаванд. Тавассути сӯҳбат бо ҳайати кормандони хурди тиб дараҷаи таъминнокии собун – воситаҳои шустушӯӣ ва дезинфексионии ҷудошуда, муайян карда мешавад. Мавҷудияти собун – воситаи шустушӯӣ ва дезинфексионӣ дар анбори МТ санҷида шуда, захираи ҳаҷми лозимии онҳо баҳогузорӣ карда мешавад.

**Стандарти 4.23.** Биноҳо ва таҷҳизотҳои техникӣ барои гузарондани чорабиниҳои дезинфексионӣ дар сохторҳо мавҷуданд.

**Талаботҳои стандарт.**

Дар сохторҳои МТ:

- бинои ёрирасони бо оби равони марказонидашуда (чуммак бо дастшӯяк) барои гузаронидани корҳои дезинфексионӣ;

–дар ҷойҳои зарурӣ зарфҳои пластикӣ бо маводи дезинфексионӣ, ки истифодаи онҳо бо фармоишҳои ВТҲИА ҶТ №1119 аз 27.12.2014 ва № 641 аз 26.12.2012, тавсия карда шудаанд, мавҷуданд;

- дар ҷойҳои зарурӣ зарфҳои махсус барои нигоҳдории асбобҳои халакунанда-бурранда мавҷуд аст;

- дар ҷойҳои зарурӣ зарфҳо бо қуттиҳои пластикии герметикӣ барои гирифтани партовҳои тиббӣ ва биологӣ мавҷуданд.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Дар сохторҳои МТ назорати ҳуҷраҳо табобатӣ, корӣ ва ёрирасон гузаронида шуда, мутобиқати онҳо ба стандарт баҳогузорӣ карда мешавад.

**Стандарти 4.24.** Барои гузарондани корҳои тозакунии пеш аз тамйизгардонӣ ва тамйизгардонӣ, ҳуҷраҳо ва таҷҳизоти техникии лозимӣ мавҷуданд.

**Талаботҳои стандарт.**

Тибқи талаботи фармоишҳои ВТҲИА ҶТ №1119 аз 27.12.2014 ва № 641 аз 26.12.2012, корҳои тозакунии пеш аз тамйизгардонӣ ва тамйизгардонӣ дар МТ танҳо марказонидашуда – дар Шӯбаи таъмизгардонии мутамарказонидащуда (ШТМ), гузаронида мешаванд. Гузарондани корҳои тозакунии пеш аз тамйизгардонӣ ва тамйизгардонӣ дар сохторҳои клиникӣ ҳангоми дар онҳо мавҷуд будани ҳуҷраҳои тамйизгардонӣ, ки ба талаботҳои муқарраргардида мутобиқат мекунанд ва дар онҳо ҳама қоидаҳои шустушӯи маводҳои ифлос ва тамйизгардонидашуда риоя карда мешаванд, иҷозат дода мешавад.

Шӯъбаи таъмйизгардонии мутамарказонидашуда (ШТМ) аз қисмҳои зерин иборат аст:

– ҳӯҷраи ҳайати корӣ бо душ ва нуқтаи санитарӣ;

- ҳӯҷраи қабул ва нигоҳдории маводи ифлос;

- ҳӯҷраи шустушӯӣ;

- ҳӯҷраи афтоклав (ҳӯҷра барои гузаронидани корҳо бо тамйизгардонӣ тавассути буғ);

- ҳӯҷра барои гузарондани корҳо оид ба тамйизгардонӣ тавассути ҳаво;

- ҳӯҷра барои қуттибандӣ;

- ҳӯҷраи нигаҳдорӣ ва додани маводҳои тамйизгардонидашуда.

Ҳуҷраҳои марказонидашуда бо автоклав, тамйизкунандаҳои ҳавоӣ (ҷевонҳои хушктамйизгардонӣ), зарфҳои пластикӣ бо воситаҳои дезинфексионӣ, ки бо фармоишҳои ВТҲИА ҶТ №1119 аз 27.12.2014 ва № 641 аз 26.12.2012 тавсия шудаанд, зарфҳо барои шустушӯи асбобҳои тиббӣ, ҷузъҳо барои тайёр кардани воситаҳои шустушӯӣ, биксҳо (қуттиҳои тамйизгардонӣ), маҷмӯи зарурии мебелҳо, воситаҳои муҳофизати фардӣ (хилъатҳо, пешдоманҳо, дастпӯшакҳо, айнакҳо ва рӯйпӯшҳои муҳофизатӣ) муҷаҳҳаз гардонида шудаанд.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Ҳуҷраҳои шӯъбаи тамйизгардонии марказонидашуда (ШТМ) аз назар гузаронида шуда, мавҷудияти ҳуҷраҳои зарурӣ ва таъминнокӣ бо таҷҳизот тибқи талаботҳои стандарт санҷида мешавад.

**Стандарти 4.25.** Захираи зарурии маводҳои хӯрока таъмин карда мешавад.

**Талаботҳои стандарт.**

Маҷмӯи зарурӣ (орд, маҳсулотҳои нонӣ ва макаронӣ, гандум, равғани маска ва растанӣ, меваҳо, қанд, намак, гӯшт, маҳсулоти ширӣ ва ғайраҳо) ва захираи моҳонаи

маводҳои хӯрока, ки ба талаботи гигиенӣ мутобиқанд ва ғизои мукаммали беморонро таъмин менамояд, мавҷуданд.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Азназаргузаронии маводҳои хӯрока ва мавҷудияти маҷмӯъ ва захираи зарурии маводҳои хӯрока баҳогузорӣ карда мешаванд.

**Стандарти 4.26.** Дар қисмати ошхона ҳуҷраҳо ва таҷҳизотҳои техникии зарурӣ мавҷуданд.

**Талаботҳои стандарт.**

Қисмати ошхона дар бинои намунавие, ки дар он тибқи замимаи 1 фармоишҳои ВТҲИА ҶТ №1119 аз 27.12.2014 маҷмӯи зарурии сехҳои истеҳсолӣ мавҷуданд, ҷойгир шудааст:

- ҳӯҷраи сартабиб;
- ҳӯҷраи табиб ё ҳамшираи шафқати ғизои парҳезӣ.

**Биноҳои истеҳсолӣ:**

- ҳӯҷра барои шустушӯйи аввалияи сабзавот;
- ҳӯҷра барои тайёр кардани сабзавот;
- ҳӯҷра барои тайёр кардани гӯшт;
- ҳӯҷра барои пӯхтупаз;
- ҳӯҷра барои тайёр кардани масолеҳи нимтайёри хамирӣ;
- ҳӯҷра барои шустушӯи зарфҳои ошхона;
- анбор барои захираи шабонарӯзӣ;
- ҳӯҷра барои додани хӯрокҳои тайёр (бо даромади берунӣ);
- ҳӯҷра барои коркард, нигоҳубини техника ва воситаҳо барои рӯбучин.

**Анборхона:**

- яхдонҳо барои нигоҳ доштани маҳсулоти зудвайроншаванда (гӯшт, моҳӣ, маҳсулоти ширӣ, тухм, меваҳо ва кабудӣ, консерваҳо);
- анбори маҳсулоти хушк ва баққолӣ;
- анбор барои нон;
- анбор барои сабзавот;
- анбор барои ҷойпӯш;
- анбор барои дигар воситаҳо;
- ҳӯҷра барои нигоҳ доштан ва шустушӯй намудани аробаҳо ва зарфҳо;
- ҳӯҷра барои мутамарказ тайёр намудани маҳлулҳои дезинфексионӣ.

Дегҳо (зарфҳо) барои тайёр намудани хӯрок, маҷмӯи зарфҳо, кордҳои буранда ва тахтаҳо, мизҳо барои буридан, вана барои шустушӯи сабзавот ва зарфҳо, рафҳо барои маҳсулот, кордҳо, тахтаҳо барои тақсимкунӣ, зарфҳои тоза, тафдон барои тайёр кардани хӯрок, гӯштқимакунакҳо, тафдони бирёнкунӣ мавҷуданд. Воситаҳо тибқи таъиноташон муҳр карда мешаванд. Барои тақсим кардани маҳсулотҳои хом ва тайёр мизҳо, кордҳо ва тахтаҳои алоҳида ҷудо карда шудаанд. Мизҳо аз метали холис (аз пӯлоди зангназананда ё дюралюмин) барои коркарди маҳсулоти хӯрока мавҷуданд. Мизҳои бо оҳанҳо рӯйпуш карда шуда, ки кунҷҳои даврашакл доранд, танҳо барои коркарди гӯшти хом иҷозат дода мешаванд. Барои тақсим кардани хамир мизҳои ҳамвор ва мустаҳкам мавҷуданд. Ванаҳо барои шустушӯи сабзавотҳо ва зарфҳо алоҳидаанд. Зарфҳо барои интиқоли хӯрока ба сохторҳо мӯҳр кунонда шудаанд.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Қисмати хӯрокворӣ аз назар гузаронида шуда, мутобиқати маҷмуи сехҳои истеҳсолӣ, анборхона, таҷҳизот ва дигар маводҳо ба талаботи стандарт баҳогузорӣ карда мешавад.

**Стандарти 4.27.** Дар зерсохторҳои муассисаҳои тандурустӣ ҳуҷраҳои тақсимоти хӯрока (ошхонаҳо) мавҷуданд.

**Талаботҳои стандарт.**

Дар ҳар як зерсохтори МТ мувофиқи талаботҳои фармоишҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон №1119 аз 27.12.2014 ва №641 аз 26.12.2012 ҳуҷраҳо барои тақсими хӯрок (ошхонаҳо) мавҷуданд, ки аз ду қисмат иборатанд: барои тақсими хӯрок (на камтар аз 9 м$^2$) ва барои шустушӯи зарфҳо (на камтар аз 6 м$^2$). Ҳуҷраҳои тақсимоти хӯрок бо таҷҳизотҳои зарури, бо оби хунук ва гарм пайвастшуда, яхдон, воситаҳо барои гарм кардани хӯрок, зарфҳои ошхонагии муҳркунонидашуда ва асбобҳои хӯроккурӣ, чойнушӣ ва воситаҳои дезинфексионӣ муҷаҳҳаз гардонида шудаанд.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Ҳуҷраи тақсимоти хӯрок дар зерсохтори муассисаи тандурустӣ аз назар гузаронида шуда, мутобиқати он ба талаботҳои стандарт ва фармоишҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон №1119 аз 27.12.2014 ва №641 аз 26.12.2012 баҳогузорӣ карда мешавад.

**Стандарти 4.28.** Мавҷудияти захираи зарурии воситаҳои доруворӣ, ваксинаҳо ва ҷузъҳои хун таъмин карда мешавад.

**Талаботҳои стандарт.**

Захираи зарурии (на камтар аз 1- моҳа) маводҳои доруворӣ тибқи талабот (барои шӯъбаҳо ва бахшҳои муассисаҳои тиббӣ тибқи фармоишҳои Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз №443 аз 07.09.2012., №444 аз 07.09.2012), ваксинаҳо (ОПВ, БСЖ, ВГВ), ҷузъҳои хун (массаи эритротситии ҳар як гурӯҳ на камтар аз ду вояи калон ва плазмаи тоза яхкунонидашудаи ҳар як гурӯҳ на камтар аз 2000 миллилитр ё 8 вояи калон) реагентҳои озмоишгоҳӣ барои тадқиқотҳои озмоишгоҳӣ дар мувофиқат бо ҳаҷм ва шакли тадқиқот мавҷуд аст.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Мавҷудияти захираи зарурии номгӯи маводҳои доруворӣ, ваксинаҳо, ҷузъҳои хун, реагентҳои озмоишгоҳӣ дар зерсохтор, дорухона, ҳуҷраҳои транфузионӣ санҷида мешаванд. Мутобиқати ҳаҷми онҳо барои таъмини фаъолияти муттасили зерсохтор баҳогузорӣ карда мешавад. Анкетакунонии ҳайати кормандон вобаста ба қабули маҷмӯи муайяни маводҳои доруворӣ, ҷузъҳои хун гузаронида мешавад.

**Стандарти 4.29** Захираи зарурии маҳсулоти тиббии истифодаи яккарата ва дигар воситаҳои масрафшаванда таъмин карда мешавад.

**Талаботҳои стандарт.**

Захираи зарурии маҳсулоти тиббии истифодаи яккарата ва дигар воситаҳои масрафшаванда (сӯзандоруҳо, системаҳо барои гузаронидани маҳлулҳо, сӯзанҳо, катетерҳо, реагентҳои озмоишгоҳӣ, асбобҳои яккарата, антисептикҳо барои коркарди дастҳо ва пӯст) мавҷуд аст.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Мавҷудияти захираи зарурии маҳсулоти тиббии истифодаи яккарата ва дигар воситаҳои масрафшаванда санҷида шуда, мутобиқати ҳаҷми онҳо барои таъмини фаъолияти муттасили зерсохтор, баҳогузорӣ карда мешавад.

**Стандарти 4.30.** Маҷмӯи зарурии маводҳои дурушт ва нарми маишӣ барои беморон ва ҳайати кормандон мавҷуд аст.

**Талаботҳои стандарт.**

Дар ҳуҷраҳои бистарии беморон, толорҳо барои аёдат бо аёдаткунандагон миқдори зарурии маводҳои дурушт ва нарми маишӣ (вобаста ба ҳаҷми катҳо дар зерсохторҳо) мавҷуданд:

- катҳо барои занон ва кӯдакон, аз ҷумла катҳои функсионалӣ;
- маводҳои рахти хоб;

- ҷевончаҳои назди катӣ;
- мизҳои парпечкунӣ;
- курсиҳои махсус барои ғизодиҳии кӯдакон;
- мизҳо ва курсиҳо;
- ҷевонҳо барои нигоҳдории ашёҳои шахсӣ;
- яхдонҳо.

Барои ҳайати корӣ (дар ҳуҷраи табибон ва дидбонгоҳҳои ҳамшираҳои шафқат ва ғ.) воситаҳои зарурии дурушт мавҷуданд:

- миз ва курсиҳо;
- ҷевонҳо барои нигоҳдории ашёҳои шахсӣ;
- ҷевонҳо барои нигоҳдории ҳуҷҷатҳо.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Дар ҳар як зерсохтор мавҷудияти тамоми намудҳои маводҳои сахт ва нарм барои беморон ва ҳайати корӣ аз назар гузаронида мешавад. Мавҷудияти миқдори зарурии маводҳо ва ҳолати онҳо (дараҷаи фарсудашавӣ) баҳогузорӣ карда мешавад.

**Стандарти 4.31.** Алоқаи телефонии амалкунанда мавҷуд аст.

**Талаботҳои стандарт.**

Алоқаи телефонӣ дар ҳама зерсохторҳо гузаронида шудааст. Миқдори лозимии телефонҳои амалкунанда мавҷуд аст. Асбобҳои телефонӣ барои ҳар як корманд дастрас мебошанд. Ба беморон ва касоне, ки онҳоро нигоҳубин мекунанд, дастрасӣ ба воситаҳои алоқаи телефонӣ таъмин карда шудаст.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Телефонҳо дар ҳар як зерсохтор аз назар гузаронида мешаванд ва ҳолати кории онҳо ва дастрасии онҳо барои ҳамаи кормандон, беморон ва касоне, ки онҳоро нигоҳубин мекунанд, баҳогузорӣ карда мешавад.

**Стандарти 4.32.** Муассиса дорои таваққуфгоҳи нақлиётӣ мебошад, ё бо дигар ташкилотҳо оид ба хизматрасонии нақлиётӣ шартнома баста шудааст.

**Талаботҳои стандарт.**

Миқдори зарурии нақлиёти санитарӣ, боркашӣ ва махсус, ки талаботи муассисаи тандурустиро қонеъ менамояд, мавҷуд аст. Тамоми нақлиёт дар ҳолати хуби техникӣ қарор дорад. Дар ҳолати дар муассиса мавҷуд набудани парки нақлиётии худ, шартномаҳо оид ба хизматрасонии нақлиётӣ бо дигар ташкилотҳо баста шудаанд.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Таваққуфгоҳи нақлиётӣ аз назар гузаронида мешавад. Мувофиқати он ба талаботҳои муассисаи тандурустӣ, ҳолати техникӣ ва таҷҳизонида шудани онҳо баҳогузорӣ карда мешавад. Дар ҳолати мавҷуд набудани таваққуфгоҳи нақлиётӣ дар муассисаи тандурустӣ, шартномаи тарафҳо оид ба хизматрасониҳои нақлиётӣ омӯхта мешавад.

**Стандарти 4.33.** Шартномаҳо бо пудратчиён оид ба хизматрасониҳои техникӣ ва дигар хизматрасониҳои зарурӣ мавҷуданд.

**Талаботҳои стандарт.**

Шартномаҳо бо пудратчиён оид ба сохтмони бино, хизматрасониҳои коммуналӣ, хизматрасониҳои профилактикии бино, системаи обу коррезӣ, таҷҳизоти тиббӣ ва барқӣ, дастрас намудани маҳсулотҳои хӯрока, таҷҳизот, асбобҳои маишӣ ва тиббӣ ва берун сохтани партовҳо аз ҳудуди муассиса мавҷуданд. Дар шартномаҳо ба тарзи аниқ ӯҳдадориҳои тарафҳо муқаррар карда шудаанд.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Мавҷудияти шартномаҳои басташуда оид ба хизматрасониҳо санҷида мешавад ва дурустии тартиб додани онҳо баҳогузорӣ карда мешавад.

**Стандарти 4.34.** Чорабиниҳои дератизатсионӣ ва дезинсексионӣ гузаронида мешаванд.

**Талаботҳои стандарт.**

Чорабиниҳои дератизатсионӣ ва дезинсексионӣ на камтар аз 1 маротиба дар як сол (дар ҳолатҳои зарурӣ на камтар аз 1 маротиба дар 3 моҳ) дар асоси шартномаҳои басташуда бо шӯъбаҳои профилактикии дезинфексионии санитарию эпидимеологӣ ё стансияҳои дезинфексионӣ гузаронида мешаванд. Илова бар ин, мубориэаи мавсимӣ бо магасҳо гузаронида мешавад. Чорабиниҳо пурмаҳсуланд (мушҳо ва дигар намудҳои хояндаҳо вуҷуд надоранд). Гузаронидани чорабиниҳо ҳуҷҷатгузорӣ карда мешавад.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Мавҷудияти шартномаҳо оид ба гузаронидани чорабиниҳои дератизатсионӣ ва дезинсексионӣ ва санадҳо, ки дар онҳо ин чорабиниҳо акс ёфтаанд, санҷида мешаванд. Мунтазамӣ ва маҳсулнокии гузаронидани чорабиниҳои дератизатсионӣ ва дезинсексионӣ баҳогузорӣ карда мешавад.

**Стандарти 4.35.** Ҳоҷҷатхонаҳо барои беморон ва ҳайати кормандон мавҷуданд.

**Талаботҳои стандарт.**

1. Дар ҳар як зерсохтори МТ миқдори лозимии ҳоҷҷатхонаҳо барои беморон (на камтар аз 1 адад барои 5 кат, ҳоҷатхонаҳои алоҳида барои занон ва мардон) ва ҳоҷатхонаҳои алоҳида барои ҳайати корӣ мавҷуданд.

2. Ҳоҷатхонаҳо бо дарвозачаҳо, дастшӯякҳо, собуни моеъ ва сачоқҳои қоғазини яккарата таъминанд. Ҳоҷҷатхонаҳо тоза буда, ҷадвали рӯбучини ҳарсоатаи ҳоҷҷатхонаҳо аз ҷониби ҳайати техникии кормандон мавҷуд аст.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Ҳоҷатхонаҳо аз назар гузаронида шуда, мутобиқати онҳо ба талаботҳои стандарт баҳогузорӣ карда мешавад.

**Стандарти 4.36.** Ҳӯҷраҳои зарурӣ ва таҷҳизот дар шӯъбаи (ҳӯҷраи) қабул мавҷуданд.

**Талаботҳои стандарт.**

Дар шӯъбаи (ҳӯҷраи) қабули беморон, ҳомиладорон ва таваллудкунандагон ҳучраҳои зарурӣ ва таҷҳизотҳо тибқи низомномаи муассисаҳои тандурустӣ ва воҳидҳои сохторӣ, фармоишҳои Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон №443 аз 07.09.2012. ва №444 аз 07.09.2012 мавҷуданд:

- ҳӯҷраи бақайдгирӣ;
- ҳӯҷраи муоина (занона ва мардона);
- ҳӯҷраи доругузаронӣ;
- ҳӯҷраи гузаронидани амалиётхонаи ташхисӣ ва ҷарроҳии хурд;
- ҳӯчраи басту бандӣ;
- ҳӯҷраи ҳуқнагузорӣ;
- ҳӯҷраҳои ҷудогона (барои сироятҳои ниҳоят хавфнок);
- ҳӯуҷраи мудири шӯуъба;
- ҳӯҷраи табибон;
- ҳӯҷраи ваколатдори хоҷагидорӣ;
- ҳӯҷраи (дидбони) санитарии беморон (бо душ ва ванна);

-ҳӯҷраи ҳайати навбатдорон бо имконияти истироҳати кӯтоҳмуддат ва истеъмоли хӯроки гарм дар давоми шабонарӯз;

- маводҳои дезинфексионӣ барои коркарди тарашуҳот аз бемориҳои сироятӣ (дар шуъбаҳои сироятӣ);

- номгӯи маводҳои таъиноти тиббӣ мутобиқи замима ба стандартҳо.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Ҳӯҷраҳо ва таҷҳизотҳои шӯъбаи (ҳӯҷраи) қабул аз назар гузаронида шуда, дар рафти он мутобиқати онҳо ба талаботҳои стандарт баҳогузорӣ карда мешавад.

**Стандарти 4.37.** Ҳуҷраҳо ва таҷҳизотҳои зарурӣ дар шӯъбаҳои таваллудӣ мавҷуданд.

**Талаботҳои стандарт.**

Дар шӯъбаи таваллудӣ ҳӯҷраҳо ва таҷҳизотҳои зарурӣ тибқи фармоиши Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон №443 аз 07.09.2012., №444 аз 07.09.2012 мавҷуданд:

- ҳуҷраҳои таваллудии ҷудогона;
- ҳуҷраи модару кӯдак;
- ҳуҷраи доругузаронӣ;
- ҳуҷраи муоина барои гузаронидани амалиётҳои ташхисӣ;
- ҳуҷраи захмбандӣ (барои бемориҳои занона);
- ҳуҷраи эмгузаронӣ;
- ҳуҷраи табобати шиддатнок барои навзодон;
- ҳуҷра барои нигоҳдошти асбобу лавозимотҳои тамйизшуда, маводҳои доруворӣ, маводҳои духт ва доруқуттӣ барои ёрии таъҷилии тиббӣ (дар шуъбаи таваллудӣ ва шуъбаи аворизҳои ҳомиладорӣ);
- ҳуҷра барои нигоҳдошти ҳамроҳак;
- ҳуҷраи ташхиси функсионалӣ (ҳангоми мавҷуд набудани шуъбаи ташхисӣ);
- ҳуҷра (ҷои либоскашӣ) барои аёдаткунандагон;
- ҳуҷраи табибон;
- ҳуҷраи ҳамшираи калони тиб;
- ҳуҷраи ваколатдори хоҷагидорӣ;
- ҳуҷра барои навбатдорон бо имкониятҳои истироҳати кӯтоҳмуддат ва истеъмоли ҳӯрокхурӣ дар давоми шабонарузӣ.
- номгӯи маводҳои мавриди истифодаи тиббӣ, мувофиқи Замма ба стандартҳо.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Шӯъбаи таваллудӣ аз назар гузаронида мешавад ва дар рафти он мутобиқати он ба талаботҳои стандарт санҷида мешавад.

**Стандарти 4.38.** Дар шуъбаи нуқсони навзодон ва нигоҳубини кӯдакони норасӣ ҳуҷраҳо ва таҷҳизотҳои зарурӣ мавҷуданд.

**Талаботҳои стандарт.**

Дар шӯъбаи нуқсони навзодон ва нигоҳубини кӯдакони норасӣ (барои зинаҳои дуюм ва сеюм) ҳуҷраҳо ва таҷҳизотҳои зарурӣ тибқи фармоиши Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон №443 аз 07.09.2012., №444 аз 07.09.2012 мавҷуданд:

- ҳуҷраҳо барои навзодон;
- ҳуҷраҳои бистарии модару кӯдак (бемор ва норасӣ);
- ҳуҷраи доругузаронӣ;
- ҳуҷраи табибон;
- ҳуҷраи ваколатдори хоҷагидорӣ;;
- ҳуҷраи ҳамшираи калони тиб;
- ҳуҷраи кормандони миёна ва хурди тиб;

- маҳсулоти таъиноти тиббӣ тибқи Замима ба стандартҳо.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Шӯъбаи нуқсони навзодон ва нигоҳубини кӯдакони норасӣ (барои зинаҳои дуюм ва сеюм) аз назар гузаронида мешавад ва дар рафти он мутобиқати он ба талаботҳои стандарт баҳогузорӣ карда мешавад.

**Стандарти 4.39.** Ҳуҷраҳо ва таҷҳизотҳои зарурӣ дар шӯъбаи авориҳзҳои ҳомилагӣ мавҷуданд.

**Талаботҳои стандарт.**

Дар шӯъбаи авориҳзҳои ҳомилагӣ ҳуҷраҳо ва таҷҳизотҳои зарурӣ тибқи фармоиши Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон №443 аз 07.09.2012., №444 аз 07.09.2012 мавҷуданд:

- ҳуҷраҳои бистарӣ барои табобатгирандагон;
- ҳуҷраи ташхиси ултрасадо;
- ҳуҷра барои муоина;
- ҳуҷраи доругузаронӣ;
- ҳуҷраи табибон;
- ҳуҷраи ваколатдори хоҷагидорӣ;
- ҳуҷраи ҳамшираи калони тиб;
- ҳуҷраи кормандони миёна ва хурди тиб;
- ҳуҷра барои аёдаткунандагон ва фароғати табобатгирандагон;
- номгӯи маводҳои мавриди истифодаи тиббӣ, мувофиқи Замима ба стандартҳо.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Шӯъбаи авориҳзхои хомилаги аз назар гузаронида мешавад ва дар рафти он мутобиқати он ба талаботҳои стандарт санҷида мешавад.

**Стандарти 4.40.** Ҳуҷраҳо ва таҷҳизотҳои зарурӣ дар шӯъбаи бемориҳои дарунӣ мавҷуданд.

**Талаботҳои стандарт.**

Мувофиқи талаботҳои Низомномаи муассисаҳои тандурустӣ ва воҳидҳои сохторӣ дар шуъбаи бемориҳои дарунӣ ҳуҷраҳои зерин мавҷуданд:

- ҳуҷраҳо барои бистарии беморон;
- ҳуҷраи табобати шиддатнок (ҲТШ);
- ҳуҷраҳои ҷудогона (бокс) (барои шуъбаҳои сироятӣ);
- ҳуҷраи доругузаронӣ;
- ҳуҷра барои гузаронидани амалиётҳои ташхисӣ ва амалиётҳои хурд;
- ҳуҷраи мудири шуъба;
- ҳуҷраи табибон;
- ҳуҷраи ваколатдори хоҷагидорӣ;
- ҳуҷраи ҳамшираи калони тиббӣ;
-ҳуҷраи ҳайати навбатдорон бо имконияти истироҳати кӯтоҳмуддат ва истеъмоли хӯроки гарм дар давоми шабонарӯз;
- ҳуҷра барои шустушӯй (бо душ ва ванна);
- ҳуҷра барои ҳуқнагузорӣ;
- маводҳои дезинфексионӣ барои коркарди тарашуҳот аз бемориҳои сироятӣ (дар шуъбаҳои сироятӣ);
- номгӯи маводҳои таъиноти тиббӣ мутобиқи Замима ба стандартҳо.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Шӯъбаи бемориҳои дарунӣ аз назар гузаронида шуда, дар рафти он мутобиқати он ба талаботҳои стандарт санҷида мешавад.

**Стандарти 4.41.** Ҳуҷраҳо ва таҷҳизотҳои зарурӣ дар шӯъбаҳои соҳаи ҷарроҳӣ мавҷуданд.

**Талаботҳои стандарт.**

Мувофиқи талаботҳои Низомномаи муассисаҳои тандурустӣ ва воҳидҳои сохторӣ (дар соҳаи ҷарроҳӣ) дар шуъбаҳои соҳаи ҷарроҳӣ ҳуҷраҳои зерин мавҷуданд:

- ҳуҷраҳо барои бистарии беморон, аз ҷумла ҳуҷраҳои яккаса;
- ҳуҷраи табобати шиддатнок (ҲТШ);
- ҳуҷраҳои ҷудогона (бокс) (барои бемории сироятӣ);
- ҳуҷраи доругузаронӣ;
- ҳуҷра барои гузаронидани амалиётҳои ташхисӣ ва амалиётҳои хурд;
- ҳуҷраҳои бастубандӣ (тоза ва фассод);
-қисми ҷарроҳӣ (ҳуҷраҳои пеш аз ҷароҳӣ, ҷарроҳӣ ва барои нигоҳдошти маводҳои тиббӣ);
- ҳуҷраи мудири шуъба;
- ҳуҷраи табибон;
- ҳуҷраи ҳамшираи калони тиббӣ;
- ҳуҷраҳои кормандони миёна ва хурди тиб;
- ҳуҷраи ваколатдори хоҷагидорӣ;
- ҳуҷра барои бозии кӯдакон (шуъбаи кӯдакона);
- ҳуҷра барои шустушӯй (бо душ ва ванна);
- ҳуҷра барои ҳуқнагузорӣ;
- ҳуҷраи ҳайати навбатдорон бо имконияти истироҳати кӯтоҳмуддат ва истеъмоли хӯроки гарм дар давоми шабонарӯз;
- номгӯи маводҳои таъиноти тиббӣ мутобиқи Замима ба стандартҳо.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Шӯъбаи соҳаи ҷарроҳӣ аз назар гузаронида шуда, дар рафти он мутобиқати он ба талаботҳои стандарт санҷида мешавад.

**Стандарти 4.42.** Дар шӯъбаҳои наҷот ва табобати шиддатнок ҳуҷраҳо ва таҷҳизотҳои зарурӣ мавҷуданд.

**Талаботҳои стандарт.**

Тибқи талаботҳои Низомномаи муассисаҳои тандурустӣ ва воҳидҳои сохторӣ, фармоишҳои Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон №443 аз 07.09.2012., №444 аз 07.09.2012 дар шӯъбаи наҷот ва табобати шиддатнок ҳуҷраҳои зерин мавҷуданд:

- толори наҷот;
- ҳуҷраҳои наҷот барои беморон;
- ҳуҷра барои нигоҳдошти маводҳои тамйизшудаи басту банд ва лавозимотҳои тиббӣ, маводҳои трансфузионӣ, маҷмӯъ барои катетеркунонии варидҳои марказӣ, мавзеи эпидуралӣ, венесексия, коникотомия, трахеостомия, пунксияи спиналӣ ва ғ.
- ҳуҷра барои нигоҳдошти маводҳои доруворӣ ва инфузионӣ;
- ҳуҷраи мудири шуъба;
- ҳуҷраи табибон;
- ҳуҷраи ҳамшираи мадҳушгар;
- ҳуҷраи ваколатдори хоҷагидорӣ;
- ҳуҷраи ҳамшираи калони тиббӣ;

-ҳуҷраи ҳайати навбатдорон бо имконияти истироҳати кӯтоҳмуддат ва истеъмоли хӯроки гарм дар давоми шабонарӯз;

- номгӯи маводҳои таъиноти тиббӣ мутобиқи Замима ба стандартҳо.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Шӯъбаҳои наҷот ва табобати шиддатнок аз назар гузаронида шуда, дар рафти он мутобиқати онҳо ба талаботҳои стандарт баҳогузорӣ карда мешаванд.

**Стандарти 4.43.** Дар озмоишгоҳ ҳуҷраҳо ва таҷҳизоти зарурӣ мавҷуданд.

**Талаботҳои стандарт.**

Тибқи талаботҳои Низомномаи муассисаҳои тандурустӣ ва воҳидҳои сохторӣ (дар соҳаи ташхисӣ), дар озмоишгоҳ:

Ҳуҷраҳои умумӣ:

1. ҳуҷраи мудири озмоишгоҳ;
2. ҳуҷраи табибон – таҳлилгарон;
3. ҳуҷраи таҳлилгари калон;
3. ҳуҷраи ваколатдори хоҷагидорӣ;
4. ҳуҷраи интизорӣ;
5. ҳуҷраи гирифтан ва ҷамъ намудани намунаҳои санҷишӣ;
6. ҳуҷраи қабул, ба навъҳо ҷудо кардан вабақайдгирии намунаҳои санҷишӣ;
7. ҳуҷраи сентрифугакунонӣ;
8. ҳуҷраи безарагардонӣ;
9. ҳуҷраи шустушӯӣ.
10. Метавонанд дар як ҳуҷра бошанд:
    - ҳуҷраи ченкунӣ бо тарозу (весовая).
    - ҳуҷраи тайёркунии оби дистилятсионӣ;
    - ҳуҷраи тайёркунии реактивҳо;
    - ҳуҷраи назорати сифати озмоишӣ (барои гурӯҳҳои клиникӣ – гематологӣ ва биокимиёвӣ);
11. ҳуҷраи нигоҳдории маҳлулҳои тезоташгиранда ва сӯзишворӣ;
12. ҳуҷраи нигоҳдории маводҳои заҳролуд;
13. ҳуҷраи материалӣ (барои нигоҳдошти қисмҳои эҳтиётӣ, маводҳои латтагин, зарфҳо);
14. ҳуҷраи душкунӣ ва риояи гигиенаи шахсӣ;
15. гардероб барои кормандон;
16. анбор барои маводҳои безараргардонӣ;
17. анбори нигоҳдошти ашёҳои рӯбучин.
18. ҳоҷатхона барои эҳтиёҷмандон;
19. ҳоҷатхона барои кормандон;

Ҳуҷраҳои корӣ:

Барои гузаронидани тадқиқот:

А). Гурӯҳи клиникӣ – гематологӣ:

- ҳуҷраи тадқиқоти умумӣ – клиникӣ;
- ҳуҷраи тадқиқоти гематолоҷӣ;
- ҳуҷраи тадқиқоти ситолоҷӣ;
- ҳуҷраи тадқиқоти заррабинӣ (микроскопӣ);
- ҳуҷра барои ранганамоии андудаҳо;
- ҳуҷраи шустушӯӣ;
- анбори нигоҳдошти ашёҳои рӯбучин.

Б). Гурӯҳи биокимёвӣ:

- ҳуҷра барои кормандон (таҳлилгарон);

- ҳуҷраҳои тадқиқоти гормонҳо, кор бо фотометрҳо, кор бо автоанализаторҳо, коагулометрия;
- ҳуҷраи шустушӯӣ.
- анбори нигоҳдошти ашёҳои рӯбучин.

В). Гурӯҳи микробиологӣ:

20. ҳуҷраи қабул, ҷудонамоӣ ва бақайдгирии санҷишҳо;
21. ҳуҷраи тадқиқоти санитарӣ – бактериологӣ;
22. бокс ва ҳуҷраи пеши бокс;
23. ҳуҷра барои тадқиқоти гепатитҳои вирусӣ;
24. ҳуҷра барои тадқиқоти серологӣ;
25. ҳуҷраи табиб – микробиолог;
26. ҳуҷраи автоклав;
27. ҳуҷраи шустушӯӣ;
28. ҳуҷраи тайёр намудани муҳити ғизо барои санҷишҳо;
29. ҳуҷраи нигоҳдошти муҳити ғизо барои санҷишҳо;
30. ҳуҷраи душ.
31. анбори нигоҳдошти ашёҳои рӯбучин.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Озмоишгоҳ аз назар гузаронида шуда, дар рафти он мутобиқати онҳо ба талаботҳои стандарт баҳогузорӣ карда мешаванд.

**Стандарти 4.44.** Дар шуъбаи/ҳуҷраҳои ташхисӣ ҳуҷраҳо ва таҷҳизоти зарурӣ мавҷуданд.

**Талаботҳои стандарт.**

Тибқи талаботҳои Низомномаи муассисаҳои тандурустӣ ва воҳидҳои сохторӣ (дар соҳаи ташхисӣ) дар шуъбаи ташхисӣ ҳуҷраҳои зерин мавҷуданд:

- ҳуҷраи мудири шуъба;
- ҳуҷраи ҳамшираи калони тиббӣ;
- ҳуҷраи ваколатдори хоҷагидорӣ;
- ҳуҷраи табибон;
- ҳуҷра барои кормандони миёнаи тиб;
- ҳуҷраи интизорӣ;
- ҳуҷра барои кашидани либоси эҳтиёҷмандон пеш аз тадқиқот;
- ҳуҷраҳо барои гузаронидани тадқиқоти ташхисӣ (аз он ҷумла, ташхиси функсионалӣ, фавқулсадоӣ, даруннигарӣ);
- ҳуҷраи доругузаронӣ;
- бойгонӣ (архив);
-ҳуҷраи корманди техникӣ (барои таъмири ҷорӣ ва профилактикаи таҷҳизот);
- ҳуҷра барои нигоҳ доштани таҷҳизоти аз як ҷо ба ҷои дигар гузарандашаванда;
- ҳуҷраи шустушӯӣ - безарагардонӣ (барои ташхиси даруннигарӣ);
- анбор барои нигоҳ доштани маводҳои шустушӯӣ;
- анбори маводҳо;
- анбори қисмҳои эҳтиётӣ, техникӣ;
- анбори нигоҳдошти ашёҳои рӯбучин;
- ҳоҷатхона барои эҳтиёҷмандон;
- ҳоҷатхона барои кормандон;
- маводҳои таъиноти тиббӣ тибқи Замима ба стандартҳо.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Шуъбаи/ҳуҷраҳои ташхисӣ аз назар гузаронида шуда, дар рафти он мутобиқати зерсохторҳои он ба талаботҳои стандарт баҳогузорӣ карда мешаванд.

**Стандарти 4.45.** Дар шуъбаи/ҳуҷраи ташхиси рентгенӣ ҳуҷраҳо ва таҷҳизоти заруриӣ мавҷуданд.

**Талаботҳои стандарт.**

Тибқи талаботҳои Низомномаи муассисаҳои тандурустӣ ва воҳидҳои сохторӣ (дар соҳаи ташхисӣ) дар шуъбаи ташхиси рентгенӣ ҳуҷраҳои зерин мавҷуданд:

- ҳуҷраи мудири шуъба;
- ҳуҷраи ҳамшираи калони тиббӣ;
- ҳуҷраи ваколатдори хоҷагидорӣ;
- ҳуҷраи табибон ва дида баромадани аксҳо;
- ҳуҷра барои кормандони миёнаи тиб;
- ҳуҷраи интизорӣ;
- ҳуҷра барои кашидани либоси эҳтиёҷмандон пеш аз гузаштани тадқиқот;
- ҳуҷраҳо барои гузаронидани тадқиқоти ташхисӣ (аз он ҷумла, ташхиси рентгенӣ, томографияи компютерӣ, магнитӣ – резонансӣ, синтиграфия, денситометрия);
- ҳуҷраи фото - ва ксероозмоишгоҳ (фото – ксеролаборатория);
- ҳуҷраи идоракунӣ;
- ҳуҷраи генераторӣ (барои томографияи компютерӣ, ТМР);
- бойгонӣ (архив);
-ҳуҷраи корманди техникӣ (барои таъмири ҷорӣ ва профилактикаи таҷҳизот);
- ҳуҷра барои нигоҳ доштани таҷҳизоти аз ҷо ба ҷо гузаронидашаванда (переносной);
- ҳуҷраи доругузаронӣ (промедикация пеш аз тадқиқот, ёрии таъҷилӣ);
- ҳуҷра барои тайёр намудани барий;
- ҳуҷраи аксбарорӣ;
- ҳуҷраи муваққатан нигоҳ доштани плёнкаҳои рентгенӣ;
- ҳуҷраи шустушӯӣ;
- анбори материалҳо;
-анбори қисмҳои эҳтиётӣ, техникӣ;
- анбори маводҳои шустушӯӣ;
- анбори нигоҳдошти ашёҳои рӯбучин;
- ҳоҷатхона барои эҳтиёҷмандон;
- ҳоҷатхона барои кормандон;
- маводҳои таъиноти тиббӣ тибқи Замима ба стандартҳо.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Шуъбаи/ҳуҷраҳои ташхиси рентгенӣ аз назар гузаронида шуда, дар рафти он мутобиқати зерсохторҳои он ба талаботҳои стандарт баҳогузорӣ карда мешаванд.

**Стандарти 4.46.** Дар шуъбаи физиотерапевтӣ ва варзишшифоӣ ҳуҷраҳо ва таҷҳизоти заруриӣ мавҷуданд.

**Талаботҳои стандарт.**

Тибқи талаботҳои Низомномаи муассисаҳои тандурустӣ ва воҳидҳои сохторӣ (дар соҳаи физиотерапевтӣ ва варзишшифоӣ) дар шуъбаи физиотерапевтӣ ва варзишшифоӣ ҳуҷраҳои зерин мавҷуданд:

- ҳуҷраи мудири шуъба;
- ҳуҷраи табиби физиотерапевт;
- ҳуҷраи ҳамшираи калони тиббӣ;

- ҳуҷраи ваколатдори хоҷагидорӣ;
-ҳуҷра (ҳуҷраҳои) барқдармонӣ, рушноидармонӣ ва табобат ба воситаи мавҷҳои хурд (микроволновая терапия) бо ҳуҷра барои шустушӯй ва коркарди қабатҳои латтагӣ;
- ҳуҷра барои табобати лазерӣ;
- ҳуҷра барои табобати мавзеии магнитӣ;
- ҳуҷраи табобат бо мавҷҳои зиччиашон ултрабаланд (УВЧ);
- ҳуҷра барои табобат бо асбоби хоби барқӣ (электросон);
- ҳуҷраи табобати умумии магнитӣ;
- ҳуҷраи сӯзандармонӣ;
- ҳуҷраҳо барои маҳси дастӣ ва барқӣ;
- ҳуҷраи табобат бо нурҳои офтоб (солярий);
- ҳуҷраи ингалятсионӣ бо ҷойи шустушӯй;
- ҳуҷраи гармдармонӣ бо ҳуҷраҳои гармкунии парафин ва озокерит;
- ҳуҷра барои нигоҳдошти маводҳои нарми тоза;
- ҳуҷраи санитарӣ иборат аз:
  - ✓ қисм барои ҷобаҷокунӣ ва нигоҳдории муваққатии маводҳои нарми ифлос;
  - ✓ қисм барои коркард, нигоҳдошти асбобҳо ва маводҳои дезинфексионӣ;
  - ✓ қисм барои нигоҳдошти ашёҳои рӯбучин;
- анбор барои асбобҳои аз як ҷо ба ҷои дигар гузаронидашаванда;
- ҳуҷра (толор) барои варзишшифоӣ;
- ҳоҷҷатхона барои эҳтиёҷмандон;
- ҳоҷҷатхона барои кормандон;
- маводҳои таъиноти тиббӣ тибқи Замима ба стандартҳо.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Шуъбаи/ҳуҷраҳои физиотерапевтӣ ва варзишшифоӣ аз назар гузаронида шуда, дар рафти он мутобиқати зерсохторҳои он ба талаботҳои стандарт баҳогузорӣ карда мешаванд.

**Стандарти 4.47.** Дар дорухона ҳуҷраҳо ва таҷҳизотҳои зарурӣ мавҷуданд.

**Талаботҳои стандарт.**

Тибқи талаботҳои фармоиши Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон №563, аз 19.10.2005 «Дар бораи тасдиқ намудани Низомнома дар бораи муассисаҳои дорухонагии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар дорухонаи беморхона ҳуҷраҳои зерин мавҷуданд:

- ҳуҷраи мудири дорухона;
- ҳуҷраи ассистентҳо;
- Ҳуҷраи истеҳсолӣ:
- аналитикӣ;
- бастабандӣ;
- дистиллятсионӣ;
- шустушӯй;
- ҳуҷра барои нигоҳдошти зарфҳои тоза;
- ҳуҷраи ассистентӣ-асептикӣ бо қубури обпарто;
- бастабандӣ, печондан;
- тамйизгардонии зарфҳо ва маводҳои доруворӣ (автоклав);
- ҳуҷраи назоратӣ - тамғагузорӣ;

- Ҳуҷраҳо барои нигоҳдошти:
- Маводҳои дорувории тайёр;
- Маводҳои дорувории сахтаъсир, заҳрнок, нашъадор ва психотропикӣ;
- Маводҳои доруворӣ (реҷаи махсуси нигоҳдошти ҳароратро талаб менамоянд, маводҳои тиббии имунологӣ);
- Маводҳои дезинфексионӣ;
- кислота, маҳлулҳои тезоташгиранда, инчунин маводҳои доруворӣ дар спирт, равған ва ғ.;
- маводҳои таъиноти тиббӣ (маводҳои басту банди тоза ва ифлос, лавозимотҳои тиббӣ, маводҳо барои нигоҳубини беморон, санитарӣ ва гигиенӣ);
- шишаҳо, зарфҳо, маводҳои хоҷагӣ ва ёрирасон;
- маҳсулоти таъиноти тиббӣ тибқи Замима ба стандартҳо.

**Баҳогузории стандарт**

Дорухона аз назар гузаронида мешавад ва дар рафти он мутобиқати он ба талаботҳои стандарт баҳогузорӣ карда мешавад.

**Стандарти 4.48.** Дар ҷомашуйхона ҳуҷраҳо ва таҷҳизотҳои зарурӣ мавҷуданд.

**Талаботҳои стандарт.**

Тибқи талаботҳои фармоиши ВТҲИА ҶТ №1119 аз 27.12.2014 дар ҷомашуйхона ҳуҷраҳои зерин мавҷуданд:

- ҳуҷраи мудир;

- ҳуҷраи қабул, ба навъҳо (хелҳо) ҷудокунӣ ва нигоҳдошти маводҳои нарми бесироят;

- сехи шустушӯӣ;

- сехи хушкунӣ дарзмолкунӣ;

- ҳуҷраи ба тартиб даровардан, духтан (дуруст кардан), печонидан ва нигоҳдории маводҳои нарм;

- ҳуҷра барои додани маводҳои нарм;

- ҳуҷра барои нигоҳдошти маводҳои шустушӯй;

- таҷҳизотҳои зарурӣ тибқи Замима ба стандартҳо.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Ҷомашӯйхона аз назар гузаронида шуда, мутобиқати он ба талаботҳои стандарт баҳогузорӣ карда мешавад.

**Стандарти 4.49.** Дар шуъбаи патологоанатомӣ ҳуҷраҳо ва таҷҳизотҳои зарурӣ мавҷуданд.

**Талаботҳои стандарт.**

Тибқи талаботҳои Низомномаи муассисаҳои тандурустӣ ва воҳидҳои сохторӣ дар шуъбаи паталогоанатомӣ ҳуҷраҳои зерин мавҷуданд:

- толорҳои/ҳуҷраи аутопсионӣ;

- ҳуҷраи таҳлилгарон;

- ҳуҷра барои нигоҳдошти ҷасад бо яхдон, ё ин ки камераҳои махсус;

- бойгонии микропрепаратҳо ва ҳуҷҷатҳо;

- ҳуҷра барои омода намудани ҷасад ва супоридан ба наздикон;

- ҳуҷраи мудири шуъба;

- ҳуҷраи табибон бо мавҷуд будани микроскоп бо имкониятҳои аксгирии компютерии (сканеркунонӣ) микропрепаратҳо;

- ҳуҷраи ваколатдори хоҷагидорӣ;

- ҳуҷраи корманди хурди тибби навбатдор (вобаста бо воҳидҳои корӣ);

- озмоишгоҳи ситологӣ ва гистологӣ ва тайёр намудани биопсияи фаврӣ;

- ҳуҷра барои нигоҳдошти реактивҳои кимиёвӣ;
- ҳуҷра барои буридани биоматериалҳо;
- маводҳои таъиноти тиббӣ тибқи Замима ба стандартҳо.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Шуъбаи патологоанатомӣ аз назар гузаронида шуда, мутобиқати он ба талаботҳои стандарт баҳогузорӣ карда

**Стандарти 4.50.** Дар шуъба/ҳуҷраи нигоҳдории ҷузъҳо ва зардобаи тайёри хун ҳуҷраҳо ва таҷҳизотҳои зарурӣ мавҷуданд.

**Талаботҳои стандарт.** Тибқи талаботҳои Низомномаи муассисаҳои тандурустӣ ва воҳидҳои сохторӣ ва талаботи фармоиши ВТҲИА ҶТ аз 26 январи 2015, №61 дар шуъба/ҳуҷраи нигоҳдории ҷузъҳо ва зардобаи тайёри хун ҳуҷраҳои зерин мавҷуданд:
- ҳуҷраи мудири шуъба;
- ҳуҷраи барои мутахассисон ва кормандони миёнаи тиб;
- ҳуҷраи ваколатдори хоҷагидорӣ;
- ҳуҷра барои гузаронидани ташхисҳои озмоишӣ;
- ҳуҷра барои нигоҳдошт ва додани ҷузҳои хун;
- маводҳои таъиноти тиббӣ тибқи Замима ба стандартҳо.

**Баҳогузории иҷроиши стандарт.**

Шуъба/ҳуҷраи нигоҳдории ҷузъҳо ва зардобаи тайёри хун аз назар гузаронида шуда, мутобиқати он ба талаботҳои стандарт баҳогузорӣ карда мешавад.

Замима
ба стандартҳои аккредитатсия

**НОМГӮЙИ**
**ТАҶҲИЗОТҲОИ АСОСӢ**

## ТАҶҲИЗОТИ АСОСИИ ШУЪБАИ СОҲАИ ҶАРРОҲӢ

| № р/т | Маҳсулоти таъиноти тиббӣ | Шумора | Эзоҳ |
|---|---|---|---|
| | **Шуъбаи ҷарроҳии умумӣ/катҳо** | | |
| 1. | Катча бо гармидиҳӣ ё курпаи гармидиҳанда барои навзодон | Мувофиқи миқдори катҳо | Шуъбаи кӯдакона |
| 2. | Мизчаи парпечӣ | 1 адад барои палата | Шуъбаи кӯдакона |
| 3. | Овезаи иттилоотиии наздикатӣ | Мувофиқи миқдори катҳо | Шуъбаи кӯдакона |
| 4. | Нимкати мулоим барои муоина | 3 | |
| 5. | Курсии гинекологӣ | 1 | |
| 6. | Курсӣ- аробача | 1 | |
| 7. | Замбар (каталка) барои нақлиёт | 1 | |
| 8. | Костилҳо | Мувофиқи талабот | |
| 9. | Занбар | 1 | |
| 10. | Мизи ҷарроҳатбандӣ | 2 | |
| 11. | Миз барои асбобҳо бо маҷмуи хурди асбобҳои ҷарроҳӣ | 3 | |
| 12. | Миз барои кор бо лавозимот | 1 | |
| 13. | Ҷевон барои нигоҳ доштани воситаҳои доруворӣ | 2 | |
| 14. | Монитори назди катӣ бо 4 параметр (ғайриинвазивии АД, ЭКГ, ЧД, Т, пулкосиметрия –SatO2) | | Ҳангоми мавҷуд буданр ҲТШ |
| 15. | Ҷамъоварандаи кислород | 1 | |
| 16. | Дастгоҳи рентгении сайёр | 1 | |
| 17. | Дастгоҳи сайёри тадқиқотҳои ултрасадо бо маҷмуи нишондиҳандаҳо (датчикҳо) | 1 | |
| 18. | Вакуум аспиратор (барқӣ) | 1 | |
| 19. | Маҷмӯи сайёр барои гузаронидани чорабиниҳои наҷотдиҳӣ бо найчаи ҳаводиҳӣ, асбоби дастӣ барои нафасдиҳии сунъӣ, дефибриллятори дастӣ бо имконияти назорати СБКД, бо электродҳо ва манбаи автономии қувваи барқ, сӯзандоруҳо, маҷмӯи маводҳои доруворӣ барои расонидани ёрии таъҷилии тиббӣ | 1 | |
| 20. | Дастгоҳи СБКД сайёр | 1 | |
| 21. | Электроэнсефалограф | 1 | Шӯъбаи ҷарроҳии асаб, ҳангоми вуҷуд надоштани шӯъбаи |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | | ташхиси функсионалӣ |
| 22. | Инфузомат | 1 | |
| 23. | Перфузор | 1 | |
| 24. | Яхдон | 3 | |
| 25. | Танометрҳо (бо манжет барои кӯдакони то 1 сола) | 2 | |
| 26. | Негатоскоп | 1 | |
| 27. | Оинаи муоинавии маҳбал | 2 | |
| 28. | Ҷевон бо маҷмӯи маводҳои доруворӣ ва лавозимотҳои тиббӣ барои расонидани ёрии фаврии тиббӣ дар ҳолатҳои бетаъхир дар ҳолатҳои таъҷилӣ | 3 | |
| 29. | Доруқуттӣ ҳангоми садамаҳои биологӣ | 3 | |
| 30. | Доруқуттии зиддисадамавӣ | 3 | |
| 31. | Тарозуҳои тиббӣ бо қадченкунакҳо | 1 | |
| 32. | Ҳароратсанҷаки тиббӣ | Мувофиқи талабот | |
| **Шуъбаи бемориҳои гушу гулу ва бинӣ /катҳо** | | | |
| 33. | Асбоби рӯшноидиҳандаи афсор (пешонагӣ) | Мувофиқи талабот | |
| 34. | Курсии даврзананда барои санҷиш ва машқдиҳии дастгоҳи вестибулярӣ | 1 | |
| 35. | Фурузонаки бинокулярӣ | 1 | |
| 36. | Отоскоп, оториноскоп | 1 | |
| 37. | Риноскоп, риноларингофиброскоп | 1 | |
| 38. | Эхосиноскоп | 1 | |
| 39. | Балон барои боддиҳии гӯшҳо | 1 | |
| 40. | Маҷмуи камертонҳои тиббӣ | 1 | |
| 41. | Аудиометр | 1 | |
| 42. | Асбоб барои маҳси пардаи гӯш | 1 | |
| 43. | Маҷмуи асбобҳо барои расонидани ёрии фаврӣ ба беморони гирифтори бемориҳои гӯшу гӯлую бинӣ | 1 | |
| **Шӯъбаи бемоиҳои чашм/катҳо** | | | |
| 44. | Маҷмуи линзаҳо ва чанбаракҳои (айнакҳои) намунавӣ-санҷишӣ | 1 | |
| 45. | Проектори автоматикии аломатҳо | 1 | |
| 46. | Ҷадвал барои муайян намудани ҳиссиёти рангҳо | 1 | |
| 47. | Пневмотонометр (автоматикӣ) | 1 | |
| 48. | Рефрокератометр (автоматикӣ) | 1 | |
| 49. | Маҷмуи ҷадвалҳои скиаскопӣ | 1 | |
| 50. | Фурзонаки тарқишдор бо давозимот (дастӣ, статсионарӣ) | 1 | |
| 51. | Офтальмоскоп (барқӣ) | 1 | |
| 52. | Тонометри аппланатсионии Маклаков | 1 | |
| 53. | Офталмоскопи бинокулярӣ барои офталмоскопияи чаппа дар пешони васлшаванда | 1 | |
| 54. | Маҷмуи линзаҳои ташхиси офталмологӣ барои офталмологияи дастӣ | 1 | |
| 55. | Фонусчаи офталмологӣ | 1 | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 56. | Периметр | 1 | |
| 57. | Маҷмуъ барои васеъ намудани пилкҳои чашм | 1 | |
| 58. | Маҷмуи асбобҳо барои ҷарроҳии фаврии офталмологӣ | 1 | |
| **Шуъбаи урологӣ/катҳо** | | | |
| 59. | Маҷмуи тамйизгардонидашудаи яккарата барои эписистостомияи троакарӣ | Мувофиқи талабот | |
| 60. | Нефроскоп | 1 | Ҳангоми мавҷуд набудани шуъбаи (ҳуҷраи) эндоскопӣ |
| 61. | Систоуретроскоп | 1 | Ҳангоми мавҷуд набудани шуъбаи (ҳуҷраи) эндоскопӣ |
| 62. | Систоскопи муоинавӣ | 1 | Ҳангоми мавҷуд набудани шуъбаи (ҳуҷраи) эндоскопӣ |
| 63. | Систоскоп бо маҷмуи катетерҳо барои баровардани пешоб | 1 | Ҳангоми мавҷуд набудани шуъбаи (ҳуҷраи) эндоскопӣ |
| 64. | Уретерореноскоп | 1 | Ҳангоми мавҷуд набудани шуъбаи (ҳуҷраи) эндоскопӣ |
| 65. | Катеторҳо (Фоли, Петсер, найчаи пешобгузар) | Мувофиқи талабот | |
| 66. | Маҷмуъ барои биопсияи ғадуди простата (мардона) | 1 | |
| 67. | Маҷмуи асбоби васеъкунандаи уретралӣ | 1 | |
| **Шуъбаи осебшиносӣ/катҳо** | | | |
| 68. | Шинаҳои Крамер ва Дитрих | Мувофиқи талабот | |
| 69. | Корсетҳо барои доштани сутунмуҳра | Мувофиқи талабот | |
| 70. | Асбобҳо барои ҷобаҷокунии устухонҳои дасту пой ва банди даст | Мувофиқи талабот | |
| 71. | Асбобҳо барои ҷарроҳии буғумҳо | Мувофиқи талабот | |

## ТАҶҲИЗОТҲОИ АСОСИИ ҶАРРОҲӢ/ҚИСМИ ҶАРРОҲӢ

| № т/т | Маҳсулоти таъиноти тиббӣ | Миқдор | Эзоҳ |
|---|---|---|---|
| | **Шуъбаи ҷарроҳии умумӣ/катҳо** | | |
| 1. | Мизи ҷарроҳии умумӣ (универсалӣ) | Мувофиқи талабот | |
| 2. | Курпаи (матраси) гармидиҳанда барои | Мувофиқи | Барои соҳаи |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | мизи ҷарроҳӣ | талабот | кӯдакона |
| 3. | Курсии гинекологӣ | 1 | Барои таваллудхонаҳо (ҷарроҳиҳои гинекологӣ) ва шуъбаи проктологӣ) |
| 4. | Фурузонаки бесояи ҷарроҳӣ (статсионарӣ ва сайёр) | 1 | |
| 5. | Мизча барои асбоу лавозимотҳо | 3 | |
| 6. | Курсии бетакяи даврзананда бо рӯйпӯши шӯсташаванда | Мувофиқи талабот | |
| 7. | Электроаспиратор | 1 | |
| 8. | Контейнерҳо (биксҳо) барои асбобҳо ва маводҳои тамйизгардонидашудаи ҷарроҳӣ | Мувофиқи талабот | |
| 9. | Ҷевон барои маҷмуи рахти хоб ва лавозимотҳои ҷарроҳӣ | 1 | |
| 10. | Ҷевон барои маводҳои доруворӣ | 1 | |
| 11. | Доруқуттӣ барои садамаҳои биологӣ | | |
| 12. | Электрокоагулятори ҷарроҳӣ | 1 | |
| 13. | Контейнерҳо (зарфҳо) барои рӯбучини пеш аз тамйизгардонӣ, дезинфексия ва тамйизгардонии асбобҳо | 4 | Ҳангоми мавҷуд набудани ҲТШ |
| 14. | Маҷмуъ барои муайян намудани гуруҳи хун ва резус-омилҳо, система барои трасфузияи хун, ҷузъҳои он | 1 | |
| **Ҷойи кории табиби беҳисгардон/наҷот (анестизиолог/реаниматолог)** | | | |
| 15. | Дастгоҳи наркоздиҳӣ (контурҳои нимкушода, нимпӯшида ва пӯшида) бо дастгоҳи нафасдиҳӣ, азҷумла системаи триггернӣ, монитори газӣ ва волюметрӣ | 1 | |
| 16. | Дастгоҳи наркоздиҳӣ (контурҳои нимкушода ва нимпӯшида) бо дастгоҳи нафасдиҳӣ ва монитори волюметрӣ | 1 | |
| 17. | Дастгоҳи НС (ИВЛ) бо имкониятҳои васеъ | 1 | |
| 18. | Дастгоҳи НС (ИВЛ) сайёр | 1 | |
| 19. | Халтаи нафасдиҳӣ барои нафасдиҳии сунъӣ | Як адад барои мизи ҷарроҳӣ | |
| 20. | Монитор барои муайянсозии барқароршавии кашиши мушакҳо | Як адад барои миз | |
| 21. | Нейростимулятор барои муайян намудани (индикации) блокадаи риштаҳои асаб | Як адад барои ду миз | |
| 22. | Монитор наздикатӣ барои 6 парметр (ғариинвазивӣ АД, ЭКГ, ЧД, Т, Оксиметр, капнометр) | Як адад барои мизи ҷарроҳӣ | |
| 23. | Дефибриллятори сайёр бо импулси биполярӣ, ҷуброни муқовимати байни электродҳо ва садодиҳанда | 1 | |
| 24. | Дастгоҳи барқии ангезандаи кори дил (Электрокардиостимулятор) | 1 | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 25. | Дастгоҳи СБКДЖ шашканала | 2 | |
| 26. | Обияткаши барқӣ | Як адад барои мизи ҷарроҳӣ | |
| 27. | Перфузорҳо бо ду сӯзандору | Як адад барои мизи ҷарроҳӣ | |
| 28. | Насоси инфузионӣ | Як адад барои мизи ҷарроҳӣ | |
| 29. | Гармидиҳанда барои маводҳои инфузионӣ | Як адад барои мизи ҷарроҳӣ | |
| 30. | Системаи инфузионии сайёр | 1 | |
| 31. | Помпаи сӯзандоругии сайёр | 1 | |
| 32. | Маҷмуъ барои беҳискунии эпидуралӣ | Як адад барои мизи ҷарроҳӣ | |
| 33. | Маҷмуъ барои беҳискунии спиналӣ | Як адад барои мизи ҷарроҳӣ | |
